ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# СТАНДАРТ
# ВА БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ
# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
# БАРОИ СИНФҲОИ V-XI

ДУШАНБЕ-2018

**ББК**
**УДК**

Муаллифон: Аминов С., Мухторӣ Қ., Тошбоева З., Мирзоёров Ф.

Муқарризон:
Неъматова Б. М. – омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои гуманитарии ДҶТИБКСМ;
Ҳайдаров Б. – мутахассиси Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Муҳаррир: Иматшоев Ч. – мутахассиси Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дастрасӣ ва таъмини омӯзгорон ба стандарт ва барномаи таълим:

- ҳар як омӯзгори фанни «Забони тоҷикӣ», ки дар синфҳои V-XI дарс медиҳад, якнусхаӣ бояд ҳуҷҷати мазкурро дошта бошад. Стандарт ва барномаи фанни мазкурро аз манбаъҳои зерин паҳн ва дастрас кардан мумкин аст:
- аз сомонаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (http:maorif.tj) дар шакли электронӣ;
- аз идора ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо дар шакли электронӣ.

Агар шумо смартфон ё планшет дошта бошед, метавонед маводи мазкурро дар шакли электронӣ истифода баред.

Бо қарори Шӯрои миллии таҳсилоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2017 таҳти №06 ба чоп тавсия шудааст.

## Пешгуфтор

*Омӯзгорони гиромӣ*!

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи маорифи кишвар таваҷҷуҳи хоса медиҳад. Ин аст, ки маорифро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати хеш соҳаи афзалиятнок ҳисобидаанд. Чунин амал бесабаб нест, зеро пешрафти ҳар як кишвар, ба хусус Тоҷикистони соҳибистиқлол, ба пешрафти соҳаи маориф вобаста аст. Ба қавли устод Садриддин Айнӣ, «қавми беилм имрӯз ё фардо маҳкуми завол аст». Ҷойи дигар устод С.Айнӣ мефармоянд: «Ин як қазияи аз офтоб равшан аст, ки то кас соҳиби хату савод ва дорои дониш набошад, агар дунё аз адолат пур шавад, боз ҳам беҳуқуқ ва маъзур хоҳад монд».

Бояд дарк кард, ки дар шароити сиёсию иқтисодии нав зистану бо усули кӯҳна кор кардан самарае нахоҳад дод. Мутобиқ гардонидани соҳаи маориф ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаи муосир тағйироти мунтазамро тақозо менамояд. Дар робита бо ин Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳоро марҳала ба марҳала татбиқ карда истодааст. Шумо, омӯзгорони азиз, мебинед, ки тарзи таълими фанҳо ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаи ватанӣ ва ҷаҳонӣ ҷавобгӯй нест. Усулҳои мавҷуда қодир нестанд, ки хонандагонро забондон гардонанду шавқу завқи донишандӯзии онон баланд бардоранд. Дар робита ба ин Пешвои миллат дар яке аз суханрониҳои худ фармудаанд: «Мутаассифона, ҷараёниислоҳот дар ин соҳа (соҳаи маориф) моро қаноатманд карда наметавонад. Шаклу усулҳои таълим, моҳияту муҳтавои он ҳанӯз комилан аз чаҳорчӯбаи идеологии пешина раҳоӣ наёфтааст».

Стандарти мазкур бо назардошти ворид сохтани тағйироти бунёдӣ дар низоми таълими забони тоҷикӣ таҳия гашта, қисми таркибии ислоҳоти умумии идомадоштаи соҳаи маориф маҳсуб мегардад. Ин ҳуҷҷат, ки дар асоси талаботи «Стратегияи миллии рушди таҳсилоти Ҷумҳурии

Тоҷикистон то солҳои 2020» ва бо назардошти вазъи таълим таҳия шудааст, ба муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим гузаштанро талаб менамояд ва он таҷрибаи ҷаҳониро фаро мегирад.

Ҳар ислоҳоте, ки дар соҳаи маориф анҷом дода мешавад, ҳадафҳои худро дорад. Ин ҳадафҳо замоне татбиқ ва ба манфиати мактабу кишвар амалӣ мегарданд, ки шумо, омӯзгорони арҷманд, бо дили гарм ва некбинона ба татбиқи кардани он камари ҳиммат бандед. Мусаллам аст, ки татбиқи ҳар ислоҳот - андешаи нав кори сода нест ва гузаштан аз муносибати сохторӣ (грамматика) ба муносибати амалии омӯзиши грамматика ҳам душвориҳо дорад. Омӯзгоре ба ҳадаф мерасад, ки, аввалан, муносибати хешро ба таълими забон дигар карда метавонад ва, сониян, наҳаросида, мушкилоти ба вуҷудомадаро рафъ кардаву барои фатҳи қуллаҳо пеш меравад.

Дар муносибати амалӣ ба омӯхтани грамматика ғояи мазмуннокию муносибат дар таълим дар мақоми аввал қарор мегирад, яъне он чиро бояд омӯзонид, ки, қабл аз ҳама, дар амалияи нутқи коммуникативии гӯянда ва нависанда (хонанда) зарур аст. Ташаккул, тарбияи муносибати шахсӣ ҳадафи асосии таҳсилоти забон аст.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бовар дорад, ки омӯзгорон, сарварони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, кормандони раёсат ва шуъбаҳои маориф, тамоми кормандони соҳаи маорифи кишвар ва кулли шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки дар рушди соҳаи маориф саҳме гузоштаниананд, дар татбиқи муносибати нав ба таълими забони тоҷикӣ фаъолона иштирок мекунанд. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон омода аст, ки дар ҳамин замина маслиҳату машварати судманду созандаро бишнавад.

Стандарти фанни «Забони тоҷикӣ» ва муносибати комилан дигар ба таълими грамматика замоне самарабахш мегардад, ки шумо, омӯзгорони фанни мазкур, софдилона бо он кор кунед. Санади мазкур муддати як сол озмуда, ба шароит ва талаботи рӯзмарра мутобиқ гардонда шудааст.

# 1. Муқаррароти умумӣ

## 1.1. Муқаддима

Стандарти фанни «Забони тоҷикӣ» барои хонандагони синфҳои V-XI пешбинӣ шуда, ҷузъи таркибии маҷмӯаи стандартҳои фанни зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳисоб меёбад. Стандарти мазкур мазмуну мундариҷаи таълими забони тоҷикиро муфассал шарҳ дода ошкор месозад, стратегияи умумии таълим, тарбия ва рушди хонандагонро тавассути фанни таълим бо назардошти ҳадафу мақсадҳои омӯзиши забони тоҷикӣ муқаррар менамояд.

Муҳтавои фанни «Забони тоҷикӣ» дар ду бахш, ки ташаккули салоҳиятҳои забонӣ ва коммуникативиро фаро мегирад, пешниҳод шудааст. Ин ду бахш дар раванди воқеии ташаккули салоҳиятҳои зикршуда бояд дар пайвастагии қавӣ сурат бигиранд.

Забон бо махсусияти худ ва аҳамияти иҷтимоиаш падидаи беназирест: он воситаи муносибат ва василаи интиқоли ахбор, воситаи ҳифз ва аз худ кардани дониш, ҷузъи фарҳанги маънавии халқи тоҷик ва воситаи ошно сохтан ба мероси фарҳангӣ ва адабиёти тоҷик мебошад.

Донистани забони тоҷикӣ, маҳорати муносибат кардан, кӯшишу талош ҷиҳати муваффақ шудан дар раванди коммуникатсия он мушаххасотест, ки аксаран пешрафти шахсро амалан дар ҳамаи соҳаи ҳаёт нишон медиҳад ва ба мутобиқшавии иҷтимоӣ ба шароити тағйирёбандаи ҷаҳони муосир мусоидат мекунад.

Фанни «Забони тоҷикӣ» чун воситаи дарки воқеияти забони тоҷикӣ рушди фикрӣ ва қобилияти эҷодкории хонандаро таъмин сохта, тафаккури таҷридӣ (абстракт), хотира ва тасаввуроти ӯро инкишоф ва малакаҳои мустақилонаи фаъолияти таълимӣ, худомӯзӣ ва худтатбиққунии ононро ташаккул медиҳад. Забони тоҷикӣ чун воситаи ақлии нигаҳдории оянда ва азхудкунии донишҳои гуногун бо тамоми фанҳои таълим робитаи ногусастанӣ дошта, ҳамзамон барои аз худ кардани фанҳои дигари мактабӣ таъсир мерасонад ва барои фарогирии

тахассуси оянда мусоидат мекунад.

Муҳтавои таълими забони тоҷикӣ бар асоси муносибати босалоҳият интихоб ва бунёд шудааст. Дар робита ба ин дар синфҳои V-XI салоҳиятҳои коммуникативӣ ва забонӣ ташаккул ва инкишоф дода мешаванд.

Салоҳияти коммуникативӣ фарогири ҳамаи навъҳои фаъолияти нутқ ва асосҳои нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, маҳоратҳои асосӣ ва малакаҳои истифодаи забон дар соҳа ва ҳолатҳои ҳаётан муҳим барои синну соли муайяншуда мебошад.

Салоҳиятҳои забонӣ маҷмӯи дониш, маҳорат ва нишондодест, ки дар ҳалли самараноки ин ё он масъала таъсир мерасонад. Рушди салоҳияти забонӣ бар асоси салоҳиятҳои хонандагон нигаронида шуда, дар навбати худ барои самаранок истифода бурдани забон, ҳалли вазифаҳои гуногуни коммуникативӣ ба онҳо имконият фароҳам меоварад.

Муҳтавои таълим бо рушди шахсияти хонанда ва тарбияи шахси бофарҳанге нигаронида шудааст, ки меъёрҳои забони адабии тоҷикиро фаро гирифта, қобилияти озодона баён кардани фикр ва ҳиссиёти худро дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ бо назардошти меъёрҳои ахлоқии муомила дорад.

Дар татбиқи стандарти мазкур масъулияти омӯзгорон бамаротиб меафзояд. Агар дар татбиқи он омӯзгор тамоми кӯшишу неруи худро сафарбар накунад, ба мақсад расиданаш имконнопазир аст.

## 1.2. Мафҳумҳои асосӣ

**Баҳодиҳӣ –** ҷараёни натиҷагирӣ оид ба дараҷаи мувофиқати дониш, малакаю маҳорат ва салоҳияти хонанда ба талаботи муқарраргардидаи стандарти фаннӣ. Баҳодиҳӣ имконият медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳо муайян карда шавад.

**Воситаҳои забонии ноил шудан ба мақсад –** маҷмӯаи захираҳои забонӣ буда, барои ноил шудан ба мақсад дар

матн истифода мешаванд. Захираҳо метавонанд, ҳам воситаҳои услубӣ ва ҳам луғавӣ, грамматикӣ ва синтаксисиро фаро гиранд.

**Воситаҳои ғайризабонии ноил шудан ба мақсад –** дараҷаи боэътимодии матн. Вобаста ба жанри матн мушаххасоти гуногунро метавон муайян кард: муаллифи матн, замони эҷоди матн, заминаи дониши муаллиф оид ба объекти тасвир, навъи ривоятӣ (нақлӣ), худи жанр ва монанди ин.

**Ғояи асосӣ –** муҳтавои матн. Ғояи асосии матн натиҷаи ба ҳам таъсиррасонии омилҳои гуногун мебошад: мақсади муаллиф, мавқеи хонандаи матн ва ҷаҳонбинии ӯ, ҷузъи асосии дарки матн.

**Қабулкунандаи матн (адресат) –** қабулкунандаи матн (хонанда ё шунаванда) (*Адресат – аз кал. нем. adressat – соҳиби адрес, гиранда, шахсе, ки ба номи ӯ мактуб фиристода шудааст*).

**Мақсади матн** он аст, ки муаллифи матн (ирсолкунанда) мехоҳад, ба қабулкунандаи матн (хонанда ё шунаванда) таъсир расонад. Ба чӣ муаллиф кӯшиш карда истодааст ва чиро ӯ мехоҳад, амалӣ гардонад. (Аз матн хонанда аз чӣ огаҳӣ меёбад? Ӯ ба чӣ хулоса меояд? Чиро дар хотир нигоҳ медорад? Кадом корро анҷом медиҳад?)

**Мақсади асосии матн:** шарҳ додан, ба иттилоъ расондан, ёд додан, эҳсосро бедор кардан, барои корнамойӣ водор сохтан (тарбиявӣ) ва монанди инҳо аст.

**Муаллифи матн (адресант) –** муаллиф ё ирсолкунанди матн. (*Адресант – аз кал.нем. adressant ва аз кал. фран. adresse – фиристонанда, шахсе, ки ба воситаи почта, телеграф мактуб мефиристад*).

**Маълумоти муайян (конкрет) –** (*конкрет – чизи аниқ, муайян, ба таври реалӣ мавҷудбуда*).

**Малака –** қудрат ба тавоноӣ дар иҷрои коре, ки дар натиҷаи машқ дар табиати инсон пайдо мешавад.

**Маҳорат –** фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи

таълиму такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва минбаъд инсон ҳар як кори худро дониста иҷро мекунад (моҳирӣ, устодӣ, ҳунармандӣ).

**Робита бо дигар матнҳо –** фаҳмидан (махсус аз тарафи муаллиф эҷод шудааст ё аз тарафи хонандаи матн гузаронида шудааст) ё нафаҳмидани баробарии байни мушаххасоти матн ва матнҳои дигар, ки донистани онҳо ба фаҳмидани матни мазкур таъсир мерасонад.

**Салоҳият –** маҷмӯи дониш, маҳорат ва малакаи ба ҳам пайванде, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд.

**Сохтори матн –** роҳҳои ташкили ҷузъҳои матн дар шакли матни яклухт. Сохторҳои гуногуни матн мавҷуданд.

**Фарзия** – пешгӯйӣ, тасдиқ, тасдиқи пешакӣ, ки далел талаб мекунад. Фарзия он вақт илмӣ ҳисобида мешавад, ки методҳои илмиро истифода кунад, он ҳамчун шакли инкишофи дониш аст, ки пешгӯйии асоснокшударо дар бар мегирад ва мақсади ошкор кардани хусусиятҳо ва сабабҳои зуҳуроти омӯхташавандаро ифода мекунад

**Хазина –** аз ҷониби хонанда ҷамъ овардани мисолҳо аз сарчашмаҳои гуногун.

**Ҷузъи асосии матн (контекст) –** ҷой, шакл ва замони ба вуҷуд омадани матн. Дар худ ҳам такмили ҷузъҳои таҳияи матн (сохтани матн) ва ҳам дарки матнро фаро мегирад. (*Контекст – аз кал.лот. contextus – алоқаи зич, пайвастшавӣ) – порчаи аз ҷиҳати маъно тамомии матн, ки аз он маънӣ ва аҳамияти калима ё ибораи алоҳидаи дохили матнро муқаррар кардан мумкин аст)*.

## 1.3. Соҳаи истифодаи Стандарти фанни «Забони тоҷикӣ» барои синфи V-XI

Стандарти фанни «Забони тоҷикӣ» дар синфҳои V-XI дар муассисаҳои зерин истифода ва татбиқ мегардад:

– дар сохторҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таълифу таҳияи китобҳои дарсӣ, маводи

таълим, маводи санҷиш ва дигар мавод машғуланд;

– дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки омӯзгорон истифодабарандагони бевоситаи стандарт мебошанд. Ин ҳуҷҷат ҳангоми накшагирии дарсҳо, таълим ва арзёбии салоҳиятнокии хонанда санади асосӣ маҳсуб мегардад;

– дар донишгоҳҳо ва коллеҷҳои омӯзгорӣ ҳамчун ҳуҷҷати асосии муайянкунандаи муҳтавои барномаи таълими курси методикаи таълими фанни «Забони тоҷикӣ» истифода мешавад;

– дар донишкадаҳо ва марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳангоми таҳияи барномаи курсҳо;

– дар муассисаҳои илмию таълимӣ, ки мутахассисони соҳа ва маводи таълим фаъолият мекунанд;

– дар сохторҳои давлатии назорати сифати таҳсилот ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллии соҳаи маориф ҳангоми таҳияи воситаҳои назорат ва санҷиши сифати таълими фанни «Забони тоҷикӣ», омода намудани омӯзгорон ва такмили ихтисоси онҳо;

– дар сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ҳангоми таҳияи саволномаҳо, супоришҳо ва тестҳо барои санҷидани дониш, малака ва маҳорати хонандагон дар нимсола, солона ва хатмкунандагони зинаҳои таҳсилот.

## 1.4. Заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ

Стандарти фанни «Забони тоҷикӣ» барои синфҳои V-XI дар асоси талаботи асноди зерин, ки самтҳои рушди стратегии соҳаи маорифро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунанд, таҳия шудааст:

– Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (6-уми ноябри соли 1994) ва ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйироту иловаҳои воридшуда (26-уми сентябри 1999, 22-юми июни соли 2003, 22-юми майи соли 2016).

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (22-юми июли соли 2013, №1004).

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони

давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (5-уми октябри соли 2009, № 553).

– Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ (4-уми октябри соли 2011, № 458).

– Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1-уми июни соли 2016, №237).

– Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (30-юми июли соли 2012, № 334) ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии марбути соҳа.

## 1.5. Принсипҳои асосии Стандарти фанни «Забони тоҷикӣ» барои синфҳои V-XI

Стандарти фанни «Забони тоҷикӣ» барои синфҳои V-XI дар асоси принсипҳои таълимии зерин таҳия шудааст:

– баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат;

– қонунмандӣ, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

– ҳатмӣ будани таҳсилоти асосӣ;

– дастрасии таҳсилоти миёнаю умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун;

– бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, ки ба рушди озодонаи шахс равона шудааст;

– муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист;

– ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;

– ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;

– ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;

– раванди муттасилии таълим;

– ҳавасмандгардонии маърифатнокии шахс ва инкишофи истеъдоди ӯ;

– пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;

– ҳамгироии илм ва истеҳсолот;

– ба ҳисоб гирифтани қобилияти фардии хонанда.

## 1.6. Мақсад ва вазифаҳои Стандарти фанни «Забони тоҷикӣ» барои синфҳои V-XI

Стандарти мазкур ба мақсади татбиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 таҳия шудааст.

Таҳия ва мақсади Стандарти фанни «Забони тоҷикӣ» барои зинаҳои таълим иборат аз ин аст, ки хонанда:

– роҳи худро барои баёни андешаҳои хеш пайдо кунад ва ҳамеша онҳоро инкишоф дода, ҳамзамон қобилияташро мустаҳкам намояд ва дар ҳар гуна вазъият аз уҳдаи муомилаю муносибат барояд;

– ҳангоми муомилаи шифоҳӣ, вақте ки дигарон гап мезананд, бодиққат гӯш кунад, савол диҳад ва андешаи шахсияшро баён созад;

– малакаҳои навиштани матнҳои тасвирӣ, матнҳо бо унсури мубоҳиса, матнҳои таҳиякардаи худ ва матнҳои дорои унсурҳои таҳлилиро инкишоф диҳад;

– мутобиқи ҳолати муайяни муомилаю муносибат аз забон бамаврид истифода намояд;

– забони адабии шифоҳӣ ва хаттиро фаро гирад;

– шаклҳои нутқи таъсирбахшро инкишоф диҳад;

– ба забони тоҷикӣ чун падидаи фарҳангӣ эҳтиром ва ба он муносибати огоҳонаю бошуурона намояд;

– дар ҳар гуна мавзӯъ матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ офарад;

– ба хондани адабиёти гуногун шавқ зоҳир намуда, ҳастии ҷаҳонро тавассути адабиёт, театру ахбор бишносад;

– тавассути дониши забонӣ ҷаҳонбинии маърифатии худро васеъ гардонида, ба фарҳангу забони дигарон

оқилона муносибат кунад;

– ба жанрҳои гуногуни нутқи шифоҳию хаттӣ (накл, суҳбат, баҳс), илмӣ (тақриз, реферат, баромад, маърӯза, мақола), публитсистӣ (баромад, мақола, мусоҳиба, очерк) ва расмии коргузорӣ (забонхат, бовариянома, ариза, шарҳ ) ошно шавад;

– дар мавзӯъҳои муҳими фарҳангӣ-иҷтимоӣ, ахлоқию маънавӣ, ҳаётӣ, таълимӣ  мутобиқи мақсад, соҳа ва вазъияти  муносибат матнҳо офарад;

– ташаккули салоҳиятҳои асосӣ дар шароити имрӯза мақсади асосии таълими забони тоҷикӣ ҳисоб меёбад, зеро он ба хонанда имконияти рушди комёбиҳои таълимро фароҳам меоварад. Ташаккули салоҳияти хонанда, чунон ки дар боло ишора шуда буд, дар раванди таълим дар асноди зерини марбути таҳсилот зикр шудаанд:

– Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020-ум; Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Консепсияи стандартҳои фаннии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

– Консепсияи давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Консепсияи стандартҳои фанни таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таҳлили вазъи таълими забони тоҷикӣ нишон медиҳад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ малакаю маҳорати нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ба таври зарурӣ ташаккул дода намешавад. Маълумотҳои назарии забони тоҷикӣ барои ташаккул додани  фаъолияти амалии нутқ пурра истифода намешаванд.

Ташаккули салоҳияти коммуникативӣ имконият фароҳам меоварад, ки дарси омӯзиши маводи нав ба дарси ошкорсозии дониш табдил дода шавад: хонандагон худашон мақсади дарс ва мушкилотро муайян  месозанд ва бо омӯзгор якҷоя роҳҳои ҳалли онро ҷустуҷӯй менамоянд.

Муносибати махсус ба инкишофи нутқи мураттаби шифоҳӣ ва хаттӣ аз он сар мезанад, бинобар ин диққати хонандаро дар ҳар як синф ба нутқи шифоҳӣ ва хаттии гуногун бояд ҷалб кард.

Мақсади инкишофи салоҳиятҳои коммуникативӣ дарку фаҳмидан ва таҳияи маълумоти босифат мебошад.

Роҳҳои татбиқи салоҳияти коммуникативии хонандагон дар он аст, ки шаклу метод ва усулҳои кор ба он равона гардиданд, ки мазмуну муҳтавои маводи таълим барои ҷустуҷӯйи мустақилонаи ҳалли мушкилот чун манбаъ истифода мешавад. Муносибати таҳқиқотӣ ба матнҳои гуногун (асарҳои марбути услубҳои гуногун) ҷиҳати баррасии персонажҳои адабӣ чун таҳқиқоти таълимӣ ёрӣ расонанд, мубоҳиса оид ба натиҷаи иншоҳо барои изҳори ақидаи шахсӣ имконият медиҳад.

Салоҳиятҳои коммуникативии ба шакли мушаххас таҳияшуда дар раванди таълим хонандагонро бо воситаҳои забоние мусаллаҳ месозад, ки мактаббача муваффақ бошад ва ҳадафҳои худро дар ҳар гуна фаъолияти эҷодӣ амалӣ намояд.

Ташаккули салоҳиятҳои забонӣ вазифаи асосии таълими забон дар мактаб мебошад. Хонандагон маҷмӯи дониш, малака, роҳҳои фаъолиятро ба даст оварда, дар корбурди забон босалоҳият мегарданд.

Хонандагон донишҳои назариро хуб фаро гирифта, дар фаъолияте, ки истифодаи ин донишҳоро барои татбиқи вазифаи забон талаб мекунад, ба мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд. Аз ин сабаб ташаккули салоҳиятҳои забонӣ яке аз вазифаҳои таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад.

Салоҳиятҳои забонӣ ба ташаккули маҳорати дарк ва таҳияи матнҳо, ки аз нигоҳи услуб ва жанр гуногун мебошанд, мусоидат мекунанд.

Фанни «Забони тоҷикӣ» барои синфҳои V-XI дар нақшаҳои таълимӣ чун фанни ҳатмӣ ва асосии таълим дар таркиби фанҳои «филологӣ» омадааст, ки дар соли таҳсил тибқи нақшаи таълим маҷмӯан 578 соатро ташкил медиҳад:

| *Синф* | *Миқдори ҳафта дар соли таҳсил* | *Миқдори соат дар ҳафта* | *Миқдори соат дар як соли таҳсил* |
|---|---|---|---|
| V | 34 | 3 | 102 |
| VI | 34 | 3 | 102 |
| VII | 34 | 3 | 102 |
| VIII | 34 | 2 | 68 |
| IX | 34 | 2 | 68 |
| X | 34 | 2 | 68 |
| XI | 34 | 2 | 68 |

## 2. Талаботи асосии Стандарти фанни «Забони тоҷикӣ” барои синфҳои V-XI

### 2.1. Салоҳиятҳои умумитаълимии фанни забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI

Рушди босуръати илму техника ва технология аз инсони имрӯза талаб мекунад, ки фаъолияти маърифатӣ, иҷтимоӣ ва касбиашро ба талаботи замони нав мутобиқ созад. Дар замони имрӯза интиқол додани донишҳои пеш бадастовардаи гуногун самара намедиҳад. Аз ин лиҳоз, таълим бояд малака ва маҳоратҳоеро дар хонанда ташаккул диҳад ва ӯ фаъолият, ҷамъоварии маълумоти зарурӣ барои ҳалли масъалаҳоро мустақилона анҷом дода, аз уҳдаи таҳлили ақида ва ахбор, арзёбии раванди иҷрои фаъолият, муайян кардани ғалатҳо ва ислоҳи онҳо, ба роҳ мондани муомилаи созанда бо иштирокчиёни дигари равандҳо барояд ва дар амал татбиқ карда тавонад. Ин талабот моро водор месозад, ки ҳангоми таълими асосҳои бунёдии фан дар хонандаҳо на танҳо салоҳиятҳои фаннӣ, инчунин салоҳиятҳои дигареро, ки ҳангоми пеш бурдани фаъолияти касбӣ дар зиндагӣ ва фаъолияти минбаъда зарур мешаванд, инкишоф дода шавад. Онҳоро салоҳиятҳои умумифаннӣ (иҷтимоӣ, метакогнитивӣ, коммуникативӣ) мегӯянд, ки дар баробари салоҳиятҳои (дониш, малака ва маҳорати) фаннӣ дар раванди таълим ташаккул дода мешаванд. Аз ин лиҳоз, ҳангоми нақшагирӣ, таълим ва

арзёбии фанни “Забони тоҷикӣ” салоҳиятҳои умумитаълимии зерин бояд ба эътибор гирифта шаванд:

### *Стратегияҳои маърифатӣ (когнитивӣ)*

**Салоҳият:** Қобилияти дарки мақсади таълим, аз ҷумла гузоштани мақсадҳои нави таълим вобаста ба талаботи маърифатӣ, тағйир додани вазифаҳои амалӣ ба вазифаҳои маърифатӣ.

**Шарҳ**: Хонанда ба муҳокимаи фаъоли мақсадҳои таълим ҷалб шуда, таъсири мақсадҳои гузошташударо ба инкишофи маърифатии худ муайян мекунад. Ҳамзамон тартиби расидан ба мақсадҳои гузошташударо аниқ месозад. Барои расидан ба мақсадҳои таълимии гузошташуда доираи дониш, малака ва маҳорати заруриро муқаррар менамояд.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– мақсади таълимро шарҳ дода метавонад;

– вобаста ба талаботи таълимӣ мақсадҳои мушаххас, иҷрошаванда, мувофиқ ва санҷидашаванда таҳия карда метавонад;

– дониш ва таҷрибаи худро ба мақсадҳои гузоштшуда муқоиса карда, дониш ва таҷрибаи мувофиқро интихоб мекунад;

– алоқамандии байни вазифаҳои таълимӣ ва ҳаётиро муқаррар карда метавонад.

**Салоҳият:** Қобилияти мустақилона таҳлил кардани шароити ноил гаштан ба мақсадҳои таълим дар асоси меъёрҳо ва тартиби фаъолиятҳое, ки аз ҷониби омӯзгор дар самти аз худ кардани маводи нави таълим муқаррар гардидаанд.

**Шарҳ**: Хонанда пас аз муайян кардани мақсадҳои таълим шароит, мавод ва фаъолиятҳои таълимиеро, ки барои расидан ба мақсадҳо мусоидат мекунанд, муқаррар менамояд. Кадом меъёрҳо барои бомуваффақият ба мақсадҳо ноил шудан ёрӣ мерасонанд? Натиҷаи таълим бо кадом тарз пешниҳод мешавад? Тавассути кадом меъёрҳо натиҷаи кор арзёбӣ мегардад?

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– тартиби иҷрои вазифаҳои таълимиро барои расидан ба мақсадҳо шарҳ дода метавонад;

– мушкилоти асосие, ки барои расидан ба мақсадҳои таълим монеа шуда метавонанд пешбинӣ карда метавонад;

– барои рафъи монеаҳо/мушкилот стратегияи мувофиқро интихоб карда метавонад;

– шароит, мавод ва тартибу раванди мувофиқро барои расидан ба мақсадҳои таълим муҳайё месозад.

**Салоҳият:** Қобилияти нақшагирии раванди ноил гаштан ба мақсади таълим.

**Шарҳ**: Хонанда мустақилона ё бо ёрии омӯзгор нақшаи расидан ба мақсадҳои гузошташударо тартиб медиҳад. Асосан нақша дар шакли вазифаҳои таълимӣ таҳия карда мешавад. Алоқамандӣ ва пайдарпайии фаъолиятҳои таълим, стратегияҳои маърифатӣ ва вақти иҷрои онҳо муайян карда мешавад. Инчунин тартиби робитаи мутақобила бо омӯзгор, мушкилоту монеаҳо муайян карда шуда, роҳҳои ҳал пешакӣ аниқ мегарданд.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– мақсадҳои таълимро ба қисмҳо ҷудо карда метавонад;

– барои ҳар як қисми мақсади таълим стратегияи мувофиқи маърифатиро муайян карда метавонад;

– барои иҷрои фаъолиятҳои таълим вақти кофӣ ҷудо карда метавонад;

– мавод, шароит, мушкилот ва монеаҳоро барои ҳалли масъалаи таълим муайян карда, барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда омодагӣ мебинад.

**Салоҳият:** Қобилияти гурӯҳбандӣ кардани мақсадҳо мувофиқи афзалият.

**Шарҳ**: Хонанда бо ёрии омӯзгор мақсадҳои таълимро гурӯҳбандӣ карда, алоқамандии онҳоро муайян мекунад. Таъсири як мақсади таълимро барои ноил гаштан ба мақсади таълимии дигар муҳокима карда, алоқамандии байни онҳоро муқаррар месозад.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– доираи талаботи мақсади таълимро муқаррар карда метавонад;

– мақсадҳои таълимиро пайдарпай гурӯҳбандӣ карда метавонад;

– сатҳи ноил гаштан ба мақсадҳои таълимро муайян карда, воситаҳои худбаҳодиҳии мувофиқро истифода бурда метавонад.

**Салоҳият:** Қобилияти мустақилона назорат ва идора кардани вақти барои иҷрои фаъолияти таълим ҷудошуда.

**Шарҳ**: Хонанда вақти барои иҷрои вазифаи таълимӣ ҷудошударо назорат карда, сатҳи иҷрои вазифаро арзёбӣ мекунад.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– талаботи вазифаи таълимро муайян карда метавонад;

– дар асоси таҷриба вақтро барои иҷрои вазифаи таълим мувофиқро муқаррар карда метавонад;

– вақти барои иҷрои вазифа муайяншударо самаранок истифода мебарад.

**Салоҳият:** Қобилияти қабули қарор дар вазъияти ба мушкил рӯ ба рӯ шудан тавассути мубодилаи афкор.

**Шарҳ:** Хонанда дар ҳолати рӯ ба рӯ шудан ба мушкилоти таълимӣ бо омӯзгор ё ҳамсинфон робитаи мутақобила ташкил намуда, барои ҳалли мушкилот қарори мувофиқ қабул мекунад. Ҳамин тариқ, малакаи мубодилаи афкор карданро ташаккул медиҳад.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– вазъияти мушкилро муайян карда, воситаҳои робитаи ин мушкилотро интихоб мекунад;

– бо кӣ мушкилотро муҳокима карданро муайян менамояд;

– фикри худро мушаххас ва фаҳмо баён мекунад;

– ақидаҳои дигаронро таҳлил карда, барои рафъи мушкилот қарори мувофиқ қабул мекунад.

**Салоҳият:** Қобилияти назорат кардани раванд ва натиҷаҳои иҷрои фаъолияти таълим.

**Шарҳ:** Хонанда аз воситаҳои худро назорат кардан ва ба худ баҳо додан огаҳ аст ва барои арзёбии раванду натиҷаҳои таълим онҳоро истифода мебарад. Сатҳи иҷрои амали маърифатиро бо натиҷаҳои дар назар доштašуда муқоиса карда, барои ноил гаштан ба натиҷаҳо нақша мекашад.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– раванди иҷрои фаъолияти таълимро бо натиҷаҳои дар назар доштašуда муқоиса карда метавонад;

– дар кадом сатҳи иҷро қарор доштанро тавассути воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда муайян карда, қадамҳои минбаъдаро ба нақша гирифта метавонад.

**Салоҳият:** Қобилияти дуруст ва мустақилона баҳо додан ба дурустии иҷрои амал ва ворид намудани ислоҳот дар раванд ва натиҷаи ниҳоии фаъолияти таълим.

**Шарҳ**: Хонанда дар асоси меъёрҳо (нишондиҳандаҳои муваффақият) дурустии иҷрои вазифаи таълимро арзёбӣ карда, барои дуруст ва мувофиқи мақсад иҷро кардани амал ва ҳосил намудани натиҷаҳои дар назар доштašуда ғалатҳои содиркардаашро ислоҳ менамояд.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– нишондиҳандаҳои муваффақияти иҷрои амалро медонад ва онҳоро шарҳ дода метавонад;

– вобастагии натиҷаи амалро бо дурустии нишондиҳандаҳо аниқ муайян карда метавонад;

– раванд ва натиҷаи ба даст омадаро бо нишондиҳандаҳо муқоиса карда, хулосаи зарурӣ бароварда метавонад;

– натиҷаи кори худро бо намунаи беҳтарин муқоиса карда, самтҳои такмилталабро муайян намуда, ба натиҷаи кори худ ислоҳот ворид карда метавонад.

**Салоҳият:** Қобилияти пешбинӣ кардани ҳодисаҳои эҳтимолӣ дар иҷрои вазифаи таълим.

**Шарҳ:** Хонанда вазифаҳои таълимро баррасӣ карда,

мушкилот ва монеаҳоро барои иҷрои вазифаҳо пешбинӣ мекунад ва роҳҳои ҳалли онҳоро ба нақша мегирад.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– ҳар як вазифаи таълимро муҳокима карда, мушкилот ва монеаҳоро барои иҷрои онҳо номбар карда метавонад;

– роҳҳои ҳалли мушкилоти пешбинишударо дар асоси шароит ба нақша мегирад.

***Стратегияҳои зеҳнӣ - маърифатӣ (метакогнитивӣ)***

**Салоҳият:** Донистани асосҳои фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ.

**Шарҳ:** Хонанда сохтор, талабот ва тартиби иҷрои фаъолияти корҳои лоиҳавӣ- таҳқиқотиро медонад ва чунин фаъолиятро анҷом дода метавонад. Яъне вобаста ба мақсад ва натиҷаи ниҳоии кори лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ нақша мекашад, мавод ва шароити зарурииро барои иҷрои корӣ лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ муҳайё месозад. Барои иҷрои кори лоиҳавӣ вақти кофӣ ҷудо карда, раванди иҷрои корро мақсаднок ба роҳ мемонад. Инчунин нишондиҳандаҳои муваффақияти кори лоиҳавӣ таҳқиқотиро муайян карда, тадриҷан раванд ва натиҷаҳои корашро тавассути нишондиҳандаҳои мазкур арзёбӣ мекунад.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– мавзӯъ ва масъалаи асосии кори лоиҳавии таҳқиқотиро муқаррар карда метавонад;

– саволҳои таҳқиқотиро таҳия карда метавонад;

– нақшаи кори лоиҳавӣ-таҳқиқотиро тартиб дода метавонад;

– доираи мавод, маълумот ва ахбору сарчашмаҳои барои иҷрои кори лоиҳавӣ зарурро муайян карда метавонад;

– мақсад ва қадамҳои иҷрои кори лоиҳавӣ ва натиҷаи дар назар дошташударо таҳия карда метавонад;

– барои арзёбии раванд ва натиҷаҳои кори лоиҳавӣ воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро интихоб ва истифода бурда метавонад;

– тадриҷан раванд ва натиҷаи кори худро дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои муваффақият арзёбӣ карда метавонад.

**Салоҳият:** Қобилияти гузарондани мушоҳида ва таҷриба бо роҳбарии омӯзгор.

**Шарҳ**: Хонанда роҳу воситаҳои мушоҳида ва таҷриба карданро аз худ карда, ҳангоми иҷрои вазифаҳои маърифатӣ, корҳои лоиҳавӣ, таҳқиқотӣ истифода мебарад. Стратегияҳои мушоҳида ва таҷриба карданро медонад ва дар амал истифода мебарад. Раванд ва натиҷаҳои мушоҳида ва таҷрибаро бо омӯзгор ё ҳамсинфон муҳокима ва баррасӣ мекунад.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– зарурати истифодаи воситаҳои мушоҳида (варақаи сабти мушоҳидаҳо) ва стратегияҳои мушоҳидаро (пур кардани саволнома, кластер ва амсоли он) шарҳ дода метавонад;

– объекти мушоҳидаро муайян карда метавонад;

– барои мушоҳида стратегия ва воситаҳои мувофиқро интихоб ва истифода бурда метавонад;

– натиҷаҳои мушоҳида ва таҷрибаашро ба дигарон муаррифӣ карда метавонад;

– ақидаҳои дигаронро оид ба мушоҳида ва таҷрибаҳои гузарондааш қабул карда, барои такмил ёфтани натиҷаи кораш истифода мебарад;

– раванд ва натиҷаҳои мушоҳида ва таҷрибаи гузаронидаашро сабт карда метавонад.

**Салоҳият:** Қобилияти гузарондани ҷустуҷӯйи ахбор, аз ҷумла истифодаи маводи китобхона ва интернет.

**Шарҳ**: Хонанда вобаста ба мақсадҳои маърифатӣ сарчашмаҳои мувофиқро муайян карда, ахбори зарурӣ ва эътимоднокро аз сарчашмаҳои мазкур барои қонеъ намудани талаботи вазифаи таълим (кори лоиҳавӣ, таҳқиқот ва ғайра) истифода мебарад.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– вобаста ба мақсад ва мавзӯи кор сарчашмаҳои

мувофиқ (китоби дарсӣ, китоби бадеӣ, сарчашмаҳои интернетӣ ва амсоли он) пайдо мекунад;

– эътимоднок ва мувофиқ будани сарчашмаҳоро муайян месозад;

– маълумоти аз сарчашмаҳо ба даст овардаашро гурӯҳбандӣ карда, ахбори заруриро дар воситаҳои графикӣ (ё дигар усули қайдгирӣ) дарҷ менамояд;

– аз сарчашмаҳои ҷустуҷӯйии Google Search, Yandex ва дигар нармафзорҳо истифода бурда метавонад;

– маълумоти ба даст овардаашро мувофиқи афзалият, эътимоднокӣ ва зарурат гурӯҳбандӣ карда метавонад.

**Салоҳият:** Қобилияти сохтан ва тағйир додани қолабу нақшаҳо барои иҷрои вазифаи таълимӣ.

**Шарҳ**: Хонанда ба мақсади иҷрои вазифаи таълимӣ қолабу нақша таҳия мекунад. Масалан, барои навиштани иншо, эссе ё дигар воситаҳои навишторӣ кластер, диаграмма ва дигар навъҳои нақша тартиб медиҳад.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– мақсади истифодаи қолабу нақшаро дар иҷрои вазифаи таълимӣ гуфта метавонад;

– вобаста ба талаботи вазифаи таълим нақша ё қолаби мувофиқ интихоб карда метавонад.

**Салоҳият:** Қобилияти интихоби роҳҳои самараноки ҳалли масъалаҳо вобаста ба шароити муайян.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– талаботи масъалаи таълимро ба қисмҳо ҷудо карда метавонад;

– роҳ ва усули мувофиқи ҳалли масъаларо бо дигарон мувофиқа карда, натиҷаи ниҳоии амалашро пешбинӣ карда метавонад;

– роҳ ва усули интихобкардаашро шарҳ дода метавонад.

**Салоҳият:** Қобилияти шарҳ додани мафҳумҳо.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– маънои мафҳумҳоро дар асоси мазмуни матн пешгӯйӣ карда, ақидаашро бо сарчашмаҳои мувофиқ

муқоиса карда метавонад;

– шарҳи мафҳумҳоро навишта, онро муаррифӣ карда метавонад;

– барои таҳияи шарҳи мафҳумҳо аз луғати истилоҳот, луғатҳои тафсирӣ ва дигар сарчашмаҳои фарҳангӣ истифода мебарад.

**Салоҳият:** Қобилияти муайян кардани алоқаи сабабу натиҷа.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– стратегияҳои муайян намудани алоқамандии сабабу натиҷаро медонад ва истифода бурда метавонад;

– амалҳоро таҳлил карда, натиҷаҳои мусбат ва манфии онҳоро пешбинӣ карда метавонад;

– диаграмаи «барои чӣ», «чӣ тавр»-ро барои муайян кардани алоқамандии сабабу натиҷа истифода бурда метавонад.

**Салоҳият:** Қобилияти гурӯҳбандӣ кардани муносибатҳо, хусусиятҳо, мафҳумҳо ва қолабҳо.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– калимаву мафҳумҳоро бо назардошти монандӣ ва фарқашон гурӯҳбандӣ карда метавонад;

– сабаби ба гурӯҳ ҷудо кардани хусусиятҳо, мафҳумҳо ва қолабҳоро шарҳ дода метавонад;

– ба гурӯҳи муносибатҳо, хусусиятҳо, мафҳумҳо ва қолабҳо номгузорӣ карда метавонад.

**Салоҳият:** Қобилияти тамаркуз кардани мафҳумҳо тавассути ба роҳ мондани равандҳои мантиқии гузариш аз навъ ба гурӯҳҳои васеътар, аз ҷузъҳо ба кулл.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– ақида, қоида ва мафҳумҳоро ба ҷузъҳо ҷудо карда метавонад;

– аз кадом ҷузъҳо таркиб ёфтани ақида, қоида ва мафҳумҳоро шарҳ дода метавонад;

– тартибҳои гуногунро сохторбандӣ карда метавонад;

– сохтори системаҳои гуногунро дар асоси маълумоти илман асоснок сохта метавонад ва ҳар сатҳи системаро

шарҳ дода метавонад;

– алоқамандии байни унсурҳои системаро муайян ва шарҳ дода метавонад.

**Салоҳият:** Қобилияти муқоисаю гурӯҳбандӣ кардан, мустақилона интихоб кардани асос ва меъёрҳо барои фаъолияти зикршуда.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– ақида, мафҳум ва ашёро аз ҷиҳати монандӣ ва фарқ муқоиса карда метавонад;

– барои муқоиса кардан аз усул ва стратегияҳои мувофиқ (ба монанди диаграммаи Венн) истифода бурда метавонад;

– ақида, мафҳум ва ашё дар асоси хусусиятҳои зикршуда гурӯҳбандӣ карда метавонад;

– ақида, мафҳум ва ашё бо назардошти афзалиятнокӣ, андоза, таъсир ва дигар хусусиятҳо гурӯҳбандӣ карда метавонад;

– ба мақсади арзёбии раванди иҷрои вазифаҳои таълимӣ аз восита ва меъёрҳои мувофиқашуда истифода мебарад.

**Салоҳият:** Қобилияти фикрронии мантиқӣ, аз ҷумла муайян намудани алоқаи сабабу натиҷа.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– ақидаҳо, мафҳумҳо ва муносибатҳоро таҳлил карда метавонад;

– таъсир ва моҳияти ақидаҳо, мафҳумҳо ва муносибатҳоро арзёбӣ карда метавонад;

– алоқаи байни ҷузъҳои ақидаҳо, мафҳумҳо ва муносибатҳоро муайян ва таҳлил карда метавонад;

– алоқаи мантиқии байни ақидаҳо ва муносибатҳоро муайян намуда, таъсири ҷузъҳоро ба системаи том арзёбӣ карда метавонад;

– мавқеи худро нисбат ба ақидаҳо, мафҳумҳо ва муносибатҳо муқаррар карда метавонад.

**Салоҳият:** Қобилияти шарҳ додани падидаҳо,

равандҳо, алоқаҳо ва муносибатҳое, ки дар раванди таҳқиқот ба миён меоянд.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– падидаҳо, равандҳо, алоқаҳо ва муносибатҳои асосии таҳқиқшавандаро муайян карда метавонад;

– падидаҳо, равандҳо, алоқаҳо ва муносибатҳоро гурӯҳбандӣ карда метавонад;

– ҷузъҳои падидаҳо, равандҳо, алоқаҳо ва муносибатҳоро муайян карда, алоқаи байни онҳоро таҳлил карда метавонад;

– падидаҳо, равандҳо, алоқаҳо ва муносибатҳоро бо овардани мисолҳои мушаххас шарҳ дода метавонад;

– барои шарҳ додани падидаҳо, равандҳо, алоқаҳо ва муносибатҳо воситаҳои мувофиқи нутқро истифода бурда метавонад.

**Салоҳият:** Қобилияти доштани малакаҳои асосии хондан ба мақсади шиносоӣ, дониш гирифтан, мустаҳкам кардани донишҳо ва ҷустуҷӯи ахбор.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– стратегияҳои асосии хонданро истифода бурда, матнҳои маърифатӣ ва илмӣ-оммавиро мехонад;

– вобаста ба талаботи вазифаи таълимӣ мақсади хонданро муайян карда, роҳу усули мувофиқи хонданро истифода мебарад;

– натиҷаи амали хонданро дар нақшаву ҷадвалҳои гуногун инъикос карда метавонад.

**Салоҳият:** Қобилияти сохторбандӣ кардани матн, муайян карда тавонистани мазмуни асосӣ ва дуюмдараҷа, ғояи асосии матн, нишон додани пайдарпайии ҳодисаҳо.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– тавассути стратегияҳои маъмули хондан сохтори матнро таҳлил карда метавонад;

– маънои асосии матни хондаашро муайян карда метавонад;

– мазмуни дуюмдараҷаи матни хондаашро муайян карда, таъсири онро ба мазмуни асосӣ таҳлил мекунад;

– ғояи асосии матнро муайян карда, муносибати худро нисбат ба он гуфта метавонад;

– пайдарпайии мазмуни матнро муайян карда метавонад.

***Стратегияҳои коммуникативӣ***

**Салоҳият:** Қобилияти ба эътибор гирифтани ақидаҳои гуногун ва кӯшиши ҳамоҳанг сохтани тарафҳои мухталиф дар ҳамкорӣ.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– ҳангоми робита ва муҳокимаи воқеа, ҳодиса, ақидаву муносибатҳо ақидаҳои дигаронро ба эътибор гирифта, вобаста ба сатҳи эътимоднокӣ мавқеи худро муайян карда метавонад;

– ҳангоми иҷрои дастаҷамъонаи вазифаи таълимӣ (корҳои дунафара ва гурӯҳӣ) мавқеи худ ва дигаронро дарк карда, барои ба даст овардани натиҷаҳои мувофиқ саҳм мегузорад;

– ҳангоми кор дар гурӯҳҳои мухталиф қоидаву тартиби мувофиқашударо риоя мекунад;

– нишондиҳандаҳои муваффақияти корро дар гурӯҳҳо медонад ва мувофиқи онҳо раванди иҷрои вазифаро ба нақша мегирад;

– натиҷаи кори гурӯҳро ҳамчун натиҷаи фаъолияти дастаҷамъона мешиносад ва онро дастгирӣ мекунад.

**Салоҳият:** Қобилияти ифода кардани ақида ва мавқеи худ, бо далелҳо исбот кардани мавқеи худ ва ҳамоҳанг сохтани он бо мавқеъ ва ақидаи дигарон тавассути ҳамкорӣ ва интихоби қарори ягона.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– ҳангоми муҳокимаи ақидаҳо дар гурӯҳ мавқеи худро муайян карда метавонад;

– барои исбот кардани ақидаи худ далелҳои асоснок пешниҳод мекунад;

– дар ҳолати ба мувофиқа наомадан бо дигарон роҳҳои муросо карданро интихоб намуда барои исботи мавқеи худ маълумоти мувофиқ дарёб мекунад;

– барои ақидаҳои дигаронро фаҳмидан бо таҳаммул гӯш мекунад.

**Салоҳият:** Қобилияти пеш аз қабули қарор муқаррар кардан ва муқоиса намудани ақидаҳои гуногун.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– ба мақсади қабули қарори ниҳоӣ ҷанбаҳои гуногуни масъаларо таҳлил карда метавонад;

– ақидаҳои аъзоёни гурӯҳро арзёбӣ карда, дар асоси далелҳои асоснок барои қабули қарори мувофиқ саҳм мегузорад;

– таъсири қарори қабулшударо дар тағйир ёфтани ақидаҳо, муносибатҳо ва хусусиятҳо пешбинӣ карда метавонад.

**Салоҳият:** Қобилияти бо далелҳо исбот кардани ақидаи худ, тавассути баҳси созанда мавқеи худро тасдиқ кардан.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– ғояи асосии ақидаи худро муайян карда метавонад;

– ҷанбаҳои мусбат ва манфии ақидаи худро арзёбӣ карда метавонад;

– ақидаи худро пурра ва фаҳмо дарҷ карда метавонад;

– барои исбот кардани ақидаи худ аз сарчашмаҳои эътимоднок далел ҷамъ оварда метавонад;

– ҳангоми муаррифии ақидаи худ далелҳоро бамаврид истифода бурда метавонад;

– номукамалии мавқеъ ва ақидаи худро эътироф карда, ақидаи дурустро дастгирӣ карда метавонад;

– аз нокомӣ ғамгин нашуда, нокомиро ҳамчун имконияти омӯзиш истифода мебарад.

**Салоҳият:** Қобилияти ба ҳамдигар баҳо додан, назорат кардан ва ҳамкорӣ дар иҷрои фаъолияти таълим.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– воситаҳои ба худ ва ба ҳамдигар баҳо доданро медонад ва дар раванди иҷрои вазифа истифода бурда метавонад;

– ҳангоми ба ҳамдигар баҳо додан муваффақият ва камбудиҳои худро дарк карда, барои такмил додани натиҷаи вазифаи таълим кӯшиш мекунад;

– воситаҳои ба ҳамдигар баҳо доданро ҳамчун сарчашмаи инкишоф шинохта, барои беҳтар шудани натиҷаҳо истифода мебарад;

– дар фаъолиятҳои таълимие, ки дар гурӯҳ кор карданро тақозо мекунанд фаъолона иштирок карда, барои ба даст овардани натиҷаи чашмдошт саҳм мегузорад.

**Салоҳият:** Қобилияти дуруст истифода бурдани нутқ дар нақшагирӣ ва идора кардани фаъолияти худ.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– стратегияҳои гуногуни нақшагирӣ ва идора кардани фаъолияти таълимиро барои таҳлилу арзёбии раванд истифода бурда метавонад;

– тартиби иҷрои амали таълимро шарҳ дода метавонад;

– тартиби иҷрои амали таълимиро навишта, дигаронро раҳнамойӣ карда метавонад;

– нишондиҳандаҳои муваффақияти иҷрои вазифаи таълимро муайян карда, ба дигарон фаҳмонда метавонад.

**Салоҳият:** Қобилияти самаранок истифода бурдани воситаҳои забонӣ (нутқ) бо мақсади ҳалли масъалаҳои муошират; нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ доштан; тартиб додани нутқи монологӣ-мавзӯӣ.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– стратегияҳои маъмули гуфторро истифода бурда, натиҷаи корашро вобаста ба талаботи вазифаи таълимӣ муаррифӣ карда метавонад;

– навъҳои гуногуни нақл, аз ҷумла нақли муфассал ва мухтасарро истифода бурда метавонад;

– мақсад, тартиб ва натиҷаи дар назар дошташудаи фаъолияти таълимиро фаҳмо ва равшан баён карда метавонад;

– ҳангоми баёни мазмуни таълим аз воситаҳои ғайринутқ бамаврид истифода бурда метавонад;

– ҳангоми муаррифии натиҷаҳои таълим аз воситаҳои аёнӣ истифода бурда, суханонашро бо мисолҳо ва далелҳо тақвият медиҳад.

**Салоҳият:** Қобилияти ташкил ва нақшагирии ҳамкории таълимӣ бо омӯзгор ва ҳамсинфон, муқаррар кардани мақсад ва вазифаҳои иштирокчиён, воситаҳои ҳамкорӣ; нақшагирии тартиби умумии кор.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– нақшаи корҳои мустақилона ва лоиҳавии дастаҷамъонаро тартиб дода метавонад;

– тартиб ва усули ҳамкориро бо омӯзгор ва ҳамсинфон ба нақша гирифта, мувофиқи нақшаи таҳияшуда амал мекунад;

– раванди иҷрои корро мушоҳида ва таҳлил карда, ҳангоми зарурат ба он тағйирот ворид мекунад;

– вазифаи худ ва вазифаи аъзоёни гурӯҳро медонад ва вазифаашро бомасъулиятона иҷро менамояд;

– натиҷаи фаъолияти худ ва аъзоёни гурӯҳро арзёбӣ карда, ҳангоми зарурат тағйирот ворид менамояд;

– барои такмили кори худ ва натиҷаи кори гурӯҳ аз омӯзгор ва ҳамсабақон ёрӣ талаб мекунад.

**Салоҳият:** Қобилияти назорат, ислоҳ кардану баҳо додан ба фаъолияти таълимии ҳамсинф, қобилияти бовар кунондан.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– тарзу воситаҳои ба ҳамдигар баҳо доданро медонад ва ҳангоми арзёбии кори дигарон истифода мебарад;

– кори дигаронро дар муқоиса бо нишондиҳандаҳо таҳлил карда, ҷиҳатҳои хуби корро муайян ва барои такмил додани кор тавсияҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дода метавонад;

– барои тақвияти ақидаи худ оид ба кори ҳамсинфон далелҳои асоснок оварда метавонад;

– ҳангоми ба роҳ мондани робитаи мутақобил бо ҳамсабақон қоидаҳои таҳаммулпазириро риоя мекунад.

**Салоҳият:** Қобилияти дар гурӯҳ кор кардан, бунёд кардани муносибати корӣ, ба таври самаранок ҳамкорӣ

кардан; ворид шудан ба гурӯҳи ҳамсолон ва бунёд кардани ҳамкории самаранок.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– вазифаи таълимии гузошташударо шарҳ дода метавонад;

– вазифаҳои худро ҳамчун аъзои гурӯҳ гуфта метавонад;

– зарурати ҳамкориро дар гурӯҳ дарк карда, бо аъзоёни гурӯҳ барои ба даст овардани натиҷаҳои хуб ҳамкорӣ мекунад;

– аъзоёни гурӯҳро ба иҷрои вазифаи таълимӣ водор менамояд ва фаъолона иштирок мекунад.

**Салоҳият:** Қобилияти истифодаи дурусти воситаҳои забонӣ барои инъикоси ҳиссиёт, фикру ақида ва талаботи худ.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– ҳангоми нақл ё муаррифӣ аз мафҳум, истилоҳот ва ибораҳои ба мавзӯи суҳбат мувофиқ бамаврид истифода мебарад;

– ҳангоми муҳокимаи масъалаи таълимӣ мисол ва далелҳои равшану возеҳро пешниҳод мекунад;

– овоз, воситаҳои нутқу ғайринутқро ҳангоми гуфтори монологӣ идора карда метавонад;

– барои тақвияти ақидаҳои худ аз сарчашмаҳои гуногун иқтибос меорад.

**Салоҳият:** Қобилияти шарҳ дода тавонистани фаъолияти худ ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– вазифаи таълимии гузошташударо ба ҷузъҳо ҷудо карда метавонад;

– тартиби иҷрои амалҳоро мегӯяд ва ҳар як қадамро шарҳ дода метавонад;

– нишондиҳандаҳои бомуваффақияти иҷрои фаъолияти таълимиро ба мақсади санҷиши раванд ва натиҷаҳо истифода мебарад.

*Стратегияҳои ташаккули ваҷҳиёт*

**Салоҳият:** Қобилияти гузоштани ҳадафҳои воқеӣ.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– аз меъёрҳои гузоштани мақсад огоҳ аст ва ҳангоми таҳияи мақсади таълим аз онҳо истифода мебарад;

– мушаххас будани мақсади таълимро баҳо дода метавонад;

– иҷрошаванда будани мақсадро муайян карда метавонад;

– барои ноил гаштан ба мақсади гузошташуда вақт муқаррар карда метавонад;

– мақсадҳоро мувофиқи шароит, қобилият ва имконияти дар даст дошта мегузорад.

**Салоҳият:** Қобилияти то андозаи мувофиқ таваккал кардан.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– аз таваккал кардан наҳаросида, барои ба даст овардани натиҷаҳои беҳтари таълимӣ таваккал мекунад;

– натиҷаҳои амалҳояшро пешбинӣ карда, таваккал кардан ё накарданро муайян менамояд;

– дарк мекунад, ки барои натиҷаҳои амал худаш ҷавобгӯй аст;

– масъулияти натиҷаҳои амалашро ба дӯш мегирад.

**Салоҳият:** Қобилияти ҷустуҷӯйи робитаи мутақобила ба мақсади ташаккул ёфтан.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– ҳангоми зарурат ва қонеъ намудани талаботи вазифаи таълимӣ аз ҳамсинфон ё омӯзгор ёрӣ мепурсад;

– дархости худро мушаххас ва равшан баён карда метавонад;

– тавсияҳои гирифтаашро таҳлил намуда, ба раванд ва натиҷаҳои таълимиаш тағйирот ворид мекунад;

– қоида, тарзу усули робитаи мутақобиларо дуруст истифода мебарад.

**Салоҳият:** Қобилияти содиқ будан ба ҳадафҳои шахсию ташкилотӣ ва барои расидан ба ҳадафҳо кӯшиш

кардан.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

- ҳадафҳои гузоштааш ба меъёрҳои SMART[1] мувофиқат мекунанд;

– татбиқи ҳадафҳоро мувофиқи шароит ва қобилияту имкониятҳояш ба нақша мегирад;

– воситаҳои арзёбии раванди ноил гаштан ба ҳадафҳоро медонад ва истифода мебарад.

**Салоҳият:** Қобилияти ҷустуҷӯйи имкониятҳо ва ба таври оқилона истифода бурдани имкониятҳои ба даст омада.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– барои мушаххас кардани вазифаи таълимӣ савол медиҳад;

– вақти барои иҷрои вазифаи таълимӣ ҷудошударо самаранок истифода мебарад;

– ба маводи таълимии дар китоби дарсӣ овардашуда қаноат накарда, маълумотро оид ба мавзӯи дарс аз сарчашмаҳои гуногун ҷустуҷӯ мекунад;

– ҳангоми пайдо шудани мушкилоти таълимӣ аз ҳамсинфону омӯзгор ёрӣ мепурсад.

**Салоҳият:** Қобилияти қабули мушкилот (нобарориҳо) ва пайгирии ҳадаф новобаста аз монеаҳо.

**Нишондиҳандаи салоҳият**:

– ҳангоми гузоштани мақсади таълимӣ монеа ва мушкилоти эҳтимолиро муайян мекунад;

– нақшаи бартараф кардани мушкилот ва монеаҳоро тартиб медиҳад;

– мушкилот ва монеаҳоро ҳангоми иҷрои вазифаҳои таълимӣ муайян карда метавонад;

– барои ҳалли мушкилот ёрӣ талаб мекунад ва тарзи ҳалли мушкилотро ба қайд мегирад.

[1] SMART –S-specific - махсус, M - measurabie - ченшаванда, A – attainable - дастрас, R – reievant – муҳим, актуалӣ, T – time bounded – дар замон маҳдуд

## 2.2. Салоҳиятҳои фаннӣ аз «Забони тоҷикӣ»

### 2.2.1. Салоҳиятҳои фаннӣ аз «Забони тоҷикӣ» барои синфи V.

**Бо хатми синфи панҷум хонанда амалҳои зеринро иҷро карда метавонад:**

**1. Салоҳияти забонӣ:**

5.1.1[2]. Дар матн ҷудо кардани калима, маълумоти умумӣ гирифтан дар бораи ҳиссаҳои нутқ ва ҷумла, аъзоҳои ҷумла.

– калимаро ҳамчун воҳиди луғавӣ аз матн ҷудо мекунад;

– ҳиссаҳои нутқро номбар ва ба кадом ҳиссаи нутқ муносибат доштани муайян мекунад;

– ҷумларо аз рӯйи аломатҳои грамматикиаш дар матн ва дар нутқи шифоҳӣ фарқ мекунад.

5.1.2. Донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ.

– аз таркиби калима фонемаҳоро ҷудо мекунад;

– фарқи овозҳои садонок ва ҳамсадоро мегӯяд;

– ҳангоми гуфтор задаи калимаро дуруст мегузорад.

5.1.3. Инъикоси нутқи шифоҳӣ ҳангоми мувофиқат накардани талаффуз ва навишти «-и»-и кӯтоҳ ва дароз (-ӣ);

– ҳангоми шунидан фонемаҳои и ва ӣ-ро мешиносад ва дар навишт ғалат намекунад..

5.1.4. Инъикоси нутқи шифоҳӣ ҳангоми мувофиқат накардани талаффуз ва навишти ҳарфи «у»-и кӯтоҳ ва дароз.

– ҳангоми шунидан фонемаҳои у ва ӯ-ро мешиносад ва дар навишт ғалат намекунад.

5.1.5. Инъикоси ҳарфи «ъ» (сакта) дар нутқи хаттӣ.

---

[2] 5 - Синфи 5, 1 - Салоҳияти забонӣ; 1 – тартиби салоҳият дар рӯйихат

– ҳангоми шунидан фонема ъ-ро мешиносад ва дар навишт ғалат намекунад;

– хусусияти маънофарккунии фонемаи ъ-ро шарҳ дода метавонад.

5.1.6. Инъикоси ҳамсадоҳои талаффузнашавандаи «д», «т», «ҳ» дар нутқи хаттӣ.

– ҳангоми шунидан фонемаҳои «д», «т» ва«ҳ»-ро медонад;

– ҳодисаҳои коҳиш, монандшавии фонемаҳоро шарҳ медиҳад;

– дар навишти калимаҳо бо ҳамсадоҳои «д», «т» ва«ҳ» ба хато роҳ намедиҳад.

5.1.7. Инъикоси нутқи шифоҳӣ ҳангоми мувофиқат накардани талаффуз ва навишти ҳарфи «э», «е» ва «й».

– ҳангоми шунидан фонемаҳои «э», «е» ва «й»-ро медонад;

– дар навишти калимаҳо бо ҳамсадоҳои «э», «е» ва «й» ба хато роҳ намедиҳад.

5.1.8. Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, навъҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла. Шинохтан ва ҷудо кардани хелҳои ҷумлаи сода. Дар матн ибора ва ҷумларо аз ҳам фарқ мекунад;

– бо калимаҳои додашуда ибора ва ҷумла месозад;

– навъҳои ҷумларо аз ҷиҳати оҳанг ва иштироки сараъзоҳо аз матн ҷудо карда метавонад.

5.1.9. Интихоби аломатҳои китобат барои тақсим кардани матн ба ҷумлаҳо (интихоб байни вуҷуд доштан ё надоштани аломати китобӣ, байни нуқта ва аломатҳои дигар, байни нуқта ва бисёрнуқта, байни нуқта ва аломати хитоб).

– аломатҳои нуқта, вергул, савол, хитобро медонад;

– вазифаҳои аломатҳои китобиро шарҳ медиҳад;

– дар навишт аломатҳои китобатро бамаврид истифода мебарад.

5.1.10. Интихоби аломатҳои китобат барои ҷудо кардани ҷузъҳои ҷумла.

– дар байни аъзоҳои ҷумлаи сода аломатҳои китобатро дуруст мегузорад;

– вазифаи аломатҳои китобатро дар байни аъзоҳои ҷумла шарҳ медиҳад.

5.1.11. Донистан ва ҷудо кардани маънои аслӣ ва маҷозии калима.

– маънои аслӣ ва маҷозии калимаро фарқ мекунад;

– ба маънои аслӣ ва маҷозии калима мисол меорад.

5.1.12. Донистан ва ҷудо кардани ҳодисаҳои маъноӣ: муродиф, зидмаъно ва ҳамгунаҳо.

– муродиф, зидмаъно ва ҳамгунаро шарҳ медиҳад;

– муродиф, зидмаъно ва ҳамгунаро дар матн ҷудо мекунад;

– ба муродиф, зидмаъно, ҳамгуна мисол меорад.

5.1.13. Аз луғатҳои тафсирӣ ва дузабона ҷудо карда тавонистани калимаҳои зарурӣ;

– қоидаи аз луғат ҷустани калимаи заруриро меомӯзад;

– калимаи даркориро аз луғат меёбад;

– маънии калимаҳоро бо истифодаи луғат шарҳ медиҳад.

5.1.14. Шинохтан ва ҷудо кардани решаи калима, пешванду пасвандҳо, асос ва бандак, таркиби морфологии калима.

– калимаро ба реша, пешванд, пасванд, асос ва бандак ҷудо мекунад;

– аломатҳои шартии реша, пешванд, пасванд, асос ва бандакро медонад ва фарқ мекунад.

5.1.15. Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки аз якчанд реша ва гурӯҳи калимаҳо ташкил ёфтаанд (интихоб байни калимаҳои мураккаб ва таркибӣ).

– калимаҳои мураккаб, таркибӣ, пешванд, пасванд ва бандакҳоро дуруст муқаррар месозад;

– дар навишти калимаҳои мураккаб, пешванд, пасванд ва бандакҳо хато намекунад.

5.1.16. Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои дигари нутқ

истифода мешаванд.

– тарзи навишти пешванд ва пешояндро аз ҳам фарқ мекунад.

5.1.17. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ;

– ҳиссаҳои нутқро номбар мекунад;

– ба исм ва феъл савол мегузорад;

– дар матн тариқи саволгузорӣ исм ва феълро ҷудо мекунад;

– ба хелҳои исм ва феълҳои монда ва гузаранда, сиғаҳои феъл мисолҳо меорад;

– сохти калимаҳоро шарҳ дода метавонад;

– пешванд ва пасвандҳои калимасози исм ва феълро мешиносад, бо онҳо мисол меорад.

## 2. Салоҳиятҳои коммуникативӣ:

5.2.1. Ба вазифаи забон дар ҷамъият сарфаҳм рафтан, мавқеи забонро дар ҳаёти сиёсию фарҳангии ҷомеа дар сатҳи дониши андӯхта шарҳ додан, рисолати забони давлатӣ, забони модариро дарк кардан, баҳодиҳӣ ба матнҳои зарбулмасал, мақол, чистон.

– мафҳумҳои «забони тоҷикӣ» ва «забони давлатӣ»-ро шарҳ медиҳад;

– нақши забонро дар ҳаёти инсонҳо мефаҳмонад;

– зарбулмасал ва мақолро барои обуранг ва маънодор гардонидани нутқ истифода мебарад;

– ҳангоми гуфтор ва навишт зарбулмасал ва мақолро бамаврид ва мақсаднок истифода мебарад.

5.2.2. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри табрикнома, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни табрикнома.

– табрикномаҳоро мешиносад, онҳоро аз рӯйи аломатҳои умумӣ ва фарққунандаашон ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

– шиносномаи табрикномаро дар натиҷаи таҳлили

(таҳқиқи) табрикномаҳо тартиб медиҳад;

– табрикномаҳоро тағйир медиҳад ва табрикномаи нав таҳия карда метавонад;

– табрикномаро шифоҳӣ муаррифӣ карда метавонад.

5.2.3. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри эълон, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни эълон.

– эълонҳоро мешиносад, онҳоро аз рӯйи аломатҳои умумӣ ва фарқкунандаашон ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

– шиносномаи эълонро дар натиҷаи омӯзиши матнҳои гуногуни эълонҳо тартиб медиҳад;

– эълонҳоро тағйир медиҳад ва эълони нав таҳия карда метавонад.

5.2.4. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри хабар, баҳодиҳӣ ба жанри хабар.

– хабар ва овозаро фарқ мекунад, хабарҳоро аз рӯйи аломатҳои умумӣ ва фарқкунандаашон ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

– мавзӯъ ва мақсади асосии хабарро муайян карда метавонад;

– шиносномаи хабарро дар натиҷаи омӯзиши матнҳои гуногуни хабарҳо тартиб мдиҳад;

– доир ба мавзӯъ ё масъалаи мушаххас хабар навишта метавонад.

5.2.5. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли хабар.

– хабарҳоро тағйир медиҳад ва хабарҳои нав таҳия карда метавонад;

– хабарро шифоҳӣ баён карда метавонад.

5.2.6. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли матнҳои ариза, забонхат ва эълон.

– матни аризаро тағйир медиҳад ва ариза таҳия карда метавонад;

– матни эълонро тағйир медиҳад ва эълон таҳия карда метавонад;

– матни забонхатро тағйир медиҳад ва забонхат таҳия карда метавонад.

5.2.7. Дарк, баҳодиҳӣ ва тағйир додани матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли матни латифа.

– латифаҳоро медонад, онҳоро аз рӯйи аломатҳои умумӣ ва фарқкунандаашон ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

– латифаро нақл карда метавонад ва ҳадафи онҳоро шарҳ медиҳад.

5.2.8. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли матнҳои латифа, мусоҳиба, ариза.

– матни латифа, мусоҳиба, аризаро тағйир медиҳад ва латифа нақл мекунад, мусоҳиба, аризаи нав таҳия карда метавонад.

## 2.2.2. Салоҳиятҳои фанни «Забони тоҷикӣ» барои синфи VI.

**Бо хатми синфи шашум хонанда амалҳои зеринро иҷро карда метавонад:**

**1. Салоҳиятҳои забонӣ:**

6.1.1. Донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ.

– аз таркиби калима фонемаҳоро ҷудо мекунад;

– фарқи овозҳои садонок ва ҳамсадоро мегӯяд;

– дар калима задаро дуруст мегузорад;

– ҳиҷоҳои кушода ва бастаро фарқ мекунад.

6.1.2. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

– ҳиссаҳои нутқро номбар мекунад;

– ба исм, сифат, феъл савол мегузорад;

– дар матн тариқи саволгузорӣ исм, сифат, феъл, шумора, ҷонишинро ҷудо мекунад;

– пешванд ва пасвандҳои калимасози исм, сифат ва феълро мешиносад, бо онҳо мисол меорад.

6.1.3. Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое,

ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои нутқ истифода мешаванд.

– имлои калимаҳои сохта, мураккаб ва таркибиро риоя мекунад;

– имлои пешванду пасвандҳоро риоя менамояд.

6.1.4. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ:

– ҳиссаҳои нутқро номбар мекунад;

– ба исм, сифат, феъл, сифати феълӣ ва феъли ҳол савол мегузорад;

– дар матн тариқи саволгузорӣ исм, сифат, феъл, сифати феълӣ, феъли ҳолро ҷудо мекунад.

6.1.5. Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои нутқ истифода мешаванд.

– имлои калимаҳои сохта, мураккаб ва таркибиро дар мисоли исм, сифат, сифати феълӣ, феъли ҳол, шумора ва ҷонишин риоя мекунад;

– имлои пешванду пасвандҳоро риоя менамояд.

6.1.6. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

– ба хелҳои исм ва феълҳои монда ва гузаранда, сиғаҳои феъл, сифатҳои аслӣ ва нисбӣ, дараҷаҳои сифат мисолҳо меорад;

– хелҳои шумора ва ҷонишинро дар матн ҷудо мекунад;

– сохти калимаҳоро медонад;

– пешванд ва пасвандҳои калимасози исм, сифат ва феълро мешиносад, бо онҳо мисол меорад.

## 2. Салоҳиятҳои коммуникативӣ:

6.2.1. Ба вазифаи забон дар ҷамъият сарфаҳм рафтан, мавқеи забонро дар ҳаёти сиёсию фарҳангии ҷомеа дар

сатҳи дониши андӯхта шарҳ додан, вазифа ва нақши забони давлатӣ, забони модариро дарк кардан.

– мафҳуми забони тоҷикӣ ва забони давлатиро шарҳ медиҳад;

– нақши забонро дар ҳаёти инсонҳо мефаҳмонад;

– дар бораи забондонӣ зарбулмасал ва мақол мегӯяд.

6.2.2. Баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни табрикнома, латифа.

– матни латифа ва табрикномаро таҳлил ва ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

– матни латифа ва табрикномаро тағйир медиҳад;

– табрикнома таҳия мекунад, латифа нақл карда метавонад.

6.2.3. Дарк, баҳодиҳӣ ва тағйир додан ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли матнҳои тасвирӣ, тавсифнома.

– матни тасвирӣ ва тавсифномаро таҳлил ва ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

– матни тасвирӣ ва тавсифномаро тағйир медиҳад;

– тасвир ва тавсифнома таҳия мекунад.

6.2.4. Тағйир додан ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли матни тасвирӣ ва латифа.

– матни тасвирӣ ва латифаро тағйир медиҳад;

– матни тасвирӣ таҳия мекунад;

– латифаро нақл мекунад.

6.2.5. Тағйир додан ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли матни дархост.

– матни дархостро тағйир медиҳад;

– матни дархостро таҳия мекунад.

6.2.6. Дарк ва баҳодиҳӣ ба матнҳои хаттӣ дар мисоли эълон ва нома.

– матни эълон ва номаро таҳлил ва ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

– матни эълон ва номаро тағйир медиҳад.

6.2.5. Тағйир додан ва таҳияи матнҳои хаттӣ дар

мисоли жанрҳои дархост, ариза ва нома:

– матни дархост, ариза ва номаро таҳлил ва ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

– матни дархост, ариза ва номаро тағйир медиҳад;

– дархост, ариза ва нома таҳия мекунад.

### 2.2.3. Салоҳиятҳои фанни «Забони тоҷикӣ» барои синфи VII.

**Бо хатми синфи ҳафтум хонанда амалҳои зеринро иҷро карда метавонад:**

7.1.1.Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

– феъли ҳол ва замонҳои онро мешиносад ва ба онҳо мисолҳо меорад;

– ба сифат, сифати феълӣ савол мегузорад;

– дар матн тариқи саволгузорӣ исм, сифат, феъл, шумора, ҷонишинро ҷудо мекунад;

– пешванд ва пасвандҳои калимасози исм, сифат ва феълро мешиносад, бо онҳо мисол меорад

7.1.2. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ:

– барои тасвири симои зоҳирӣ,

– зарфро ҳамчун ҳиссаи нутқ мешиносад;

– ба зарфҳо мисол меорад, хелҳои зарфро муқаррар месозад, бо ҳамдигарашон муқоиса мекунад, ба онҳо савол мегузорад;

– сохти зарфҳоро шарҳ медиҳад, бо пасванд ва пешвандҳои зарфсоз калимаҳои нав месозад.

7.1.3. Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои дигари нутқ истифода мешаванд:

– имлои калимаҳои сохта, мураккаб ва таркибиро дар мисоли зарфҳо риоя мекунад;

– имлои пешванду пасвандҳоро риоя менамояд.

7.1.4. Навъҳои калима аз рӯйи маъно, калима ва таъбирҳо, калимаҳои соҳавӣ, шевагӣ, кор бо луғатҳо.

– калимаҳои сермаъно ва якмаъноро медонад;

– ҳодисаҳои муродиф, зидмаъно ва ҳамгунаро шарҳ медиҳад, дар матн муайян мекунад;

– калимаҳои шевагӣ, гуфтугӯйиро дар матн ҷудо мекунад,

– мавқеи калимаҳои шевагӣ ва гуфтугӯйиро дар нутқ шарҳ медиҳад,

– маънои таъбирҳоро шарҳ медиҳад,

– таъбирҳоро дар матн истифода мекунад,

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустакили нутқ.

– ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро медонад, гурӯҳбандӣ мекунад;

– ҳиссаҳои номустақили нутқро мешиносад, онҳоро номбар мекунад;

– дар матн пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидоро аз ҳам фарқ мекунад ва бамавқеъ истифода мебарад.

**2. Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

7.2.1. Ба мавқеъ ва вазифаи забон дар ҷамъият сарфаҳм рафтан, мақоми суханро дар ҳаёти иҷтимоӣ дар ҳадди дониши андӯхта шарҳ додан, рисолати забон ва суханро дарк кардан.

– дар бораи мақоми забон дар ҷомеа фикрашро баён мекунад;

– эҳтироми забони модариро бо мисолҳо мефаҳмонад;

– нақши забонро дар ҳаёти инсонҳо шарҳ медиҳад;

– дар бораи аҳамияти забон пораҳои шеърӣ ва суханони ҳикматнокро мисол меорад.

7.2.2. Дарк, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни хаттӣ дар мисоли матнҳои варақаи шахсӣ, шарҳи ҳол.

– матни варақаи шахсӣ ва шарҳи ҳолро таҳлил мекунад, ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

– матни варақаи шахсӣ ва шарҳи ҳолро тағйир медиҳад;

– варақаи шахсӣ ва шарҳи ҳолро таҳия мекунад.

7.2.3. Дарк ва баҳодиҳӣ ба матни хаттӣ дар мисоли жанри ҳисобот ва адрес.

– матни ҳисобот ва адресро таҳлил мекунад, ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад.

7.2.4. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли ҳисобот.

– матни ҳисоботро тағйир медиҳад;

– матни ҳисоботро таҳия мекунад.

7.2.5. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни анкета, тавсифнома.

– матни латифа ва табрикномаро тағйир медиҳад;

– анкета ва тавсифнома таҳия мекунад.

7.2.6. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри тасвир, тавсифнома.

– матни тасвир ва тавсифномаро таҳлил ва ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

– матни тасвир ва тавсифномаро тағйир медиҳад;

– табрикнома таҳия мекунад, латифа нақл карда метавонад.

7.2.7. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои варақаи шахсӣ, дастурамал (инструксия).

– матни варақаи шахсӣ, дастурамалро тағйир медиҳад;

– матни варақаи шахсӣ, дастурамалро таҳия мекунад.

7.2.8. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои тасвир.

– матни латифа ва табрикномаро таҳлил мекунад, ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад,

– матни тасвирро тағйир медиҳад,

– матни тасвирро таҳия мекунад.

### 2.2.4. Салоҳиятҳои фанни «Забони тоҷикӣ» барои синфи VIII.

**Бо хатми синфи ҳаштум хонанда амалҳои зеринро иҷро карда метавонад:**

**1. Салоҳиятҳои забонӣ:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

8.1.1. Ба мавқеъ ва вазифаи забон дар ҷамъият сарфаҳм рафтан, мақоми суханро дар ҳаёти иҷтимоӣ дар ҳадди дониши гирифташуда шарҳ додан, вазифаю нақши забон ва суханро дарк кардан; маълумоти кофӣ пайдо кардан оид ба қадимӣ будан ва фасеҳу равонии он ва офаридани асарҳои безавол:

– дар бораи мақоми забон дар ҷомеа фикрашро баён мекунад;

– эҳтироми забони модариро бо мисолҳо мефаҳмонад;

– нақши забонро дар ҳаёти инсонҳо шарҳ медиҳад;

– дар бораи аҳамияти забон пораҳои шеърӣ ва суханони ҳикматнокро мисол меорад;

– мавқеи забони тоҷикиро дар байни забонҳои дигар мешиносад.

8.1.2. Ибора, ҷумла, навъҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумларо шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистан:

– дар бораи ибора маълумоти бештар мегирад;

– ибораро аз калима, таркиб ва ҷумла фарқ карда метавонад;

– навъҳои ибораро дар матн ҷудо мекунад;

– аз калимаҳои додашуда ибора месозад;

– фарқи аъзоҳои ҷумларо дарк мекунад;

– навъҳои ҷумларо аз рӯйи оҳанг муайян карда метавонад.

8.1.3. Навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳангу мақсад шинохтан ва фарқ кардан, тартиби калимаро дар ҷумла ба назар гирифтан, задаи мантиқиро бамаврид гузоштан:

– навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳангу мақсад мешиносад;

– онҳоро дар матн фарқ карда метавонад;

– дар ҷумла мавриди истифодаи калимаҳоро меомӯзад;

– аҳамияти задаи мантиқиро ҳангоми хондан ва нақл кардани матн дарк мекунад;

– дар нутқаш аз навъҳои ҷумлаҳои сода бамаврид истифода мебарад.

8.1.4. Сохти ҷумлаи содаро муайян кардан, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо шинохтан ва вазифаи грамматикии онҳоро шарҳ додан, воситаҳои алоқаи калимаҳоро дар ҷумлаи сода муайян кардан;

- сараъзо ва аъзои ҷумларо номбар ва фарқ карда метавонад;

- аҳамияти истифодаи аъзоҳои ҷумларо дар нутқ шарҳ медиҳад;

- навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳанг ва таркиб муайян мекунад, дар нутқаш истифода мебарад.

8.1.5. Дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо, мухотаб, калима ва ибораҳои туфайлӣ, аъзои истисноӣ маълумоти бештар гирифтан, нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан фарқ карда тавонистан, муколама тартиб додан, бо аломатҳои китобат ва мавриди истифодаи онҳо бештар шинос мешавад;

- аъзои чидаи ҷумларо муайян карда метавонад;

- мавриди истифодаи мухотабро дар нутқ дарк мекунад;

- калима ва ибораҳои туфайлӣ ва аъзои истисноии ҷумларо мешиносад;

- нутқи айнан нақлшударо аз нутқи мазмунан нақлшуда ҷудо карда метавонад;

- дар мавзӯи дилхоҳ муколама тартиб медиҳад;

- мавриди истифодаи аломатҳои китобатро бештар меомӯзад.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

8.2.1. Ба мавқеъ ва вазифаи забони тоҷикӣ дар ҷамъият сарфаҳм рафтан, мақоми забони адабиро дар ҳаёти иҷтимоӣ дар ҳадди дониши андӯхта шарҳ додан, вазифаю нақши забони тоҷикиро чун забони адабӣ дарк кардан:

– аҳамияти забон ва нутқро фарқ карда метавонад;

– моҳияти адабиёти бадеӣ ва публитсистиро дар инкишофи забони адабӣ шарҳ медиҳад;

– дар бораи нақши забони тоҷикӣ миёни забонҳои дигар ва мақоми давлатӣ доштани он бо далелҳо ҳарф зада метавонад.

8.2.2. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри лутфи латиф (комплимент), баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни лутфи латиф, мавриди истифодаи лутфи латифро донистан ва истифода бурдан аз он:

– лутфи латифро таҳлил мекунад, шакл ва сохтори онро мегӯяд;

– суханҳои илтифотомезро тағйир медиҳад;

– бо воситаҳои тасвир ва ифодаҳои лутфомез бештар шинос мегардад;

– лутфи латифро таҳия карда, бамаврид истифода бурдани онро меомӯзад.

8.2.3. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри репортаж, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни репортаж, репортажро аз жанрҳои дигар фарқ карда тавонистан, мушоҳидаро аз чорабинӣ бо репортаж ифода карда тавонистан;

– матни репортажро таҳлил мекунад, тағйир ва такмил медиҳад;

– репортажҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

– Репортажи одӣ таҳия карда метавонад.

8.2.4. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри аннотатсия, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни аннотатсия, зарурати навиштани аннотатсияро дарк кардан;

– матни аннотатсияро таҳлил мекунад, тағйиру такмил медиҳад:

– аннотатсияҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

– аннотатсия таҳия мекунад;

8.2.5. Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри эссе, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни он,

шинос шудан бо тартиби навиштани эссе, мавзӯъро интихоб карда, фикрро сода, ихчам ва муассир баён карда тавонистан;

– матни эссеро таҳлил ва тағйиру такмил медиҳад;

– эссеҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

– дар мавзӯъҳои ҷудогона эссе навишта метавонад.

8.2.6. Дарк, баҳодиҳӣ ба матни тақриз, зарурат ва мавриди истифодаи тақризро донистан, ба ягон асари хурд тақриз навиштанро омӯхтан;

– матни тақризро таҳлил мекунад, сохтори онро мегӯяд;

– тақризҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

– ба корҳои эҷодии ҳамсинфон ва асарҳои бадеӣ тақриз навиштанро меомӯзад.

### 2.2.5. Салоҳиятҳои фанни «Забони тоҷикӣ» барои синфи IX.

**Бо хатми синфи нуҳум хонанда амалҳои зеринро иҷро карда метавонад:**

**1. Салоҳиятҳои забонӣ:**

9.1.1. Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла:

– ибора ва ҷумларо шарҳ медиҳад, онҳоро дар матн ҷудо мекунад,

– ба хелҳои ибора ва ҷумла мисол меорад, дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ бомақсад истифода мебарад.

9.1.2. Шинохтан ва ҷудо кардани ҷумлаҳои мураккаб дар матн, пайвандакҳо дар ҷумлаҳои мураккаб, хелҳои ҷумлаҳои мураккаб;

– ҷумлаҳои мураккабро дар матн ҷудо мекунад;

– сохтори ҷумлаҳои мураккабро муайян мекунад;

– вазифаи пайвандакҳоро дар ҷумла шарҳ медиҳад;

9.1.3.Шинохтан ва дар матн ҷудо кардани ҷумлаҳои мураккаби пайваст, хелҳои ҷумлаи мураккаби пайваст, интонатсия ва пайвандакҳо дар ҷумлаҳои мураккаби

пайваст:

– ҷумлаҳои мураккаби пайвастро дар матн ҷудо мекунад;

– сохтори ҷумлаи мураккаби пайвастро муайян мекунад;

– оханги талаффузро дар ҷумлаи мураккаби пайваст риоя мекунад;

– ҷумлаҳои мураккаби пайвастро дар нутқаш истифода мебарад.

9.1.4. Шинохтан ва дар матн ҷудо кардани ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, хелҳои ҷумлаи мураккаби тобеъ, оҳанги хониш ва пайвандакҳо дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ:

– ҷумлаҳои мураккаби тобеъро дар матн ҷудо мекунад;

– сохтори ҷумлаи мураккаби тобеъро муайян мекунад;

– оҳанги хонданро дар ҷумлаи мураккаби тобеъ риоя мекунад;

– ҷумлаҳои мураккаби пайвастро дар нутқаш истифода мебарад;

– пайвандакҳоро дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дуруст истифода мебарад.

9.1.5. Донистани табиати иҷтимоии забон, пайдоиши забон ва хат:

– вазифаи хатро дар ҳаёти инсон шарҳ медиҳад;

– ба вазифаи иҷтимоии забон сарфаҳм меравад;

– нақши забонро дар ҷомеаи инсонӣ шарҳ медиҳад.

## 9.2. Салоҳиятҳои коммуникативӣ:

9.2.1. Ба мавқеъ ва вазифаи забони тоҷикӣ дар ҷамъият сарфаҳм рафтан, мақоми забони адабиро дар ҳаёти иҷтимоӣ дар ҳадди дониши андӯхта шарҳ додан, вазифаю нақши забони тоҷикиро чун забони адабӣ дарк кардан:

– аҳамияти забон ва нутқро фарқ карда метавонад;

– моҳияти адабиёти бадеӣ ва публитсистиро дар

инкишофи забони адабӣ шарҳ медиҳад;

– дар бораи нақши забони тоҷикӣ миёни забонҳои дигар ва мақоми давлатӣ доштани он бо далелҳо ҳарф зада метавонад.

9.2.2. Дарк ва баҳодиҳӣ ба матни реферат:

– матни рефератро аз матнҳои дигар фарқ мекунад;

– рефератҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад.

9.2.3. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли матни нома:

– матни номаро аз матнҳои дигар фарқ мекунад;

– номаҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

– матни номаҳоро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;

– нома навишта метавонад.

9.2.4. Дарк, баҳодиҳӣ ба матн матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли матни протокол:

– матни протоколро аз матнҳои дигар фарқ мекунад;

– протоколҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад.

9.2.5. Дарк, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни эссе:

– матни эссеро аз матнҳои дигар фарқ мекунад;

– эссеҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

– матни эссеҳоро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;

– эссе навишта метавонад.

## 2.2.6. Салоҳиятҳои фанни «Забони тоҷикӣ» барои синфи X.

**Бо хатми синфи даҳум хонандагон амалҳои зеринро иҷро карда метавонанд:**

**1. Салоҳиятҳои забонӣ:**

10.1.1. Инъикоси нутқи шифоҳӣ ҳангоми мувофиқат накардани талаффуз ва навишти «-и»-и кӯтоҳ ва дароз (-ӣ):

– ҳарфи «ӣ»-и заданокро дар таркиби калима муайян

мекунад;

– калимаи ҳарфи «ӣ» доштаро дуруст талаффуз менамояд;

– пасванди (суффикси) «-ӣ» - ро аз бандакҳои феълӣ ва хабарӣ фарқ мекунад;

– бо роҳи таҳлили калимасозӣ пасванди «ӣ» ва бандаки хабарию феълии «ӣ»- ро муқаррар менамояд;

– ҳангоми хондани матнҳо оҳанги талаффузро риоя мекунад ва дар ҷумлаю матнҳо калимаҳои «ӣ»-и заданокдорро меёбад ва шарҳ медиҳад;

– барои фарқ кардан мисолҳо оварда метавонад.

10.1.2. Инъикоси нутқи шифоҳӣ ҳангоми мувофиқат накардани талаффуз ва навишти ҳарфи «у»-и кӯтоҳ ва дароз:

– дар талаффуз ва навишт ҳарфи «ӯ»-и дарозро аз «у» фарқ карда метавонад;

– мавқеъ ва ҷойи «ӯ»-ро медонад ва дурусту бамавқеъ истифода мебарад.

10.1.3. Донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи овозҳои забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ:

– мавзӯи баҳси овошиносиро медонад;

– дар имлои фонемаҳои садонок ва ҳамсадо ғалат намекунад;

– ҳодисаҳои фонетикиро шарҳ медиҳад.

10.1.4. Инъикоси ҳамсадоҳои талаффузнашавандаи «д», «т», «ҳ» дар навиштор:

– мавҷудияти ҳамсадоҳоро медонад ва аз рӯйи талаффуз муайян мекунад;

– амалан ҳамсадоҳои талаффузнашавандаро мешиносад ва дар хат беғалат менависад;

– монандшавии овозҳоро дар талаффуз муқаррар месозад;

– қоидаи табдили таркиби овозҳои калимаро медонад ва дар нутқи хаттӣ ба ғалатнависӣ роҳ намедиҳад;

– сабаби дар калимасозӣ баъзан ташдид гирифтани овозҳои таркиби калимаро медонад ва шарҳ дода метавонад;

– дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ имлои чунин калимаҳоро риоя мекунад.

10.1.5. Донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи овозҳои забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ:

– низоми овозҳои садонок ва ҳамсадоро медонад;

– афтидани овозҳоро дар талаффуз медонад;

– ҳамсадоҳоеро, ки дар талаффуз меафтанд, муайян менамояд,

– ҷойивазкунии овозҳоро дар талаффуз пай мебарад ва дар хат беғалат менависад,

– мавқеи задаро дар забони тоҷикӣ медонад, дар талаффуз риоя мекунад;

– гурӯҳи калимаҳои безадаро номбар мекунад.

10.1.6. Инъикоси ҳарфи «ъ» (сакта) дар нутқи хаттӣ:

– вазифаи ҳарфи сакта (ъ)-ро дар калима муайян карда метавонад;

– калимаҳои ҳарфи сактадорро дуруст талаффуз менамояд;

– ҷойи ҳарфи сактаро медонад ва калимаҳоро дуруст менависад;

– хусусияти тағйирдиҳии маъно доштани ҳарфи сактаро дарк менамояд; дар муқоиса бо талаффузи шева қоидаи имлои онро риоя менамояд; калимаҳои ҳарфи сактадорро шарҳ медиҳад.

10.1.7. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ:

– тарзи навиштани ному насаби шахсҳои таърихиро медонад;

– дар навишти номҳои сулолаҳои таърихӣ ва асарҳои бадеӣ ғалат содир намекунад;

– тартиби ном ва номгузориро фаро мегирад ва аз рӯйи муодил ном ва тахаллус месозад,

– дар матн аз рӯйи маъно исмҳои хосро аз исмҳои ҷинс фарқ мекунад;

– имлои сифатҳои таркибӣ ва мураккабро дар нутқи хаттӣ риоя менамояд

– замон, тарз, намудҳои феълро дуруст истифода мебарад,

– пасванд ва пешвандҳои калимасози исм, сифат, феъл ва зарфро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ дуруст истифода мебарад.

10.1.8. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ:

– пешояндҳоро аз пасояндҳо фарқ мекунад ва дар нутқи шифоҳию хаттӣ дуруст истифода мебарад;

– пешояндҳои таркибиро муқаррар сохта, қоидаи имлои онҳоро дар нутқи хаттӣ риоя менамояд;

– пасояндҳоро аз рӯйи вазифа фарқ мекунад;

– аз ҷумлаю матнҳо пасояндҳоро муайян намуда, вазифа ва имлои онҳоро шарҳ медиҳад;

– дар порчаҳои назмию насрӣ пайвандакҳоро муқаррар месозад;

– дарк менамояд, ки имлои пайвандакҳо бо талаби вазни шеър дар порчаҳои назмӣ аз наср тағйир меёбад;

– аз матнҳои адабиёти бадеӣ ҳиссачаҳоро меёбад;

– дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ бамавқеъ истифода мебарад;

– бо ҳиссачаҳои шева муқоиса мекунад ва шакли дурусташро муайян месозад;

– дар матнҳои бадеӣ чӣ нақш доштани нидоро муайян мекунад;

– мавқеъ ва ҷойи нидоро аниқ медонад ва фарқи онҳоро аз ҳиссача шарҳ медиҳад.

10.1.9. Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои нутқ

истифода мешаванд:

– пешояндҳоро аз пасояндҳо фарқ мекунад ва дар нутқи шифоҳию хаттӣ дуруст истифода мебарад;

– пешояндҳои таркибиро муқаррар месозад ва имлои онҳоро дар нутқи хаттӣ риоя менамояд;

– имлои калимаҳои сохтаро риоя мекунад;

– пешванд ва пешояндҳо, вазифаҳои онҳоро медонад.

10.1.10. Донистан ва ҷудо кардани ҳодисаҳои маъноӣ: муродиф, зидмаъно ва ҳамгунаҳо:

– маънои маҷозиро аз маънои аслии калима фарқ мекунад;

– аз матн калима ва ифодаҳои ба маънои маҷозӣ омадаро муайян карда, онро шарҳ медиҳад;

– дар нутқи шифоҳию хаттӣ муродиф, зидмаъно ва ҳамгунаҳоро бамавқеъ истифода мебарад,

– хусусияти услубии муродиф, зидмаъно, ҳамгунаҳоро дар намунаи асарҳои бадеӣ нишон медиҳад.

10.1.11. Навъҳои калима аз ҷиҳати маъно, калима ва таъбирҳо, калимаҳои соҳавӣ, шевагӣ, кор бо луғатҳо:

– маънои аслӣ ва маҷозии калимаро шарҳ медиҳад;

– дар матн маънои аслӣ ва маҷозии калимаро ҷудо мекунад;

– услубҳои нутқро номбар мекунад, вазифаҳои воҳидҳои забонро дар услубҳои гуногун медонад;

– маънои фразеологизмҳои матнро шарҳ медиҳад;

– дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ аз таъбирҳо истифода мебарад;

– мавқеи истеъмоли калимаҳои шевагӣ ва соҳавиро медонад;

– вазифаҳои услубии калимаҳои шевагӣ, соҳавӣ, фразеологизмҳоро шарҳ медиҳад.

10.1.12. Донистан ва ҷудо кардани маънои аслӣ ва маҷозии калима:

– маънои маҷозии калимаро фарқ мекунад;

– аз матн маҷозро муайян карда, онро шарҳ медиҳад.

**10.2. Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

10.2.1. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои хаттӣ аз рӯйи намунаи матни протокол:

– матни протоколро аз матнҳои дигар фарқ мекунад;

– протоколҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

– матни протоколҳоро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;

– матни протоколро навишта метавонад.

10.2.2. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матни нома:

– матни номаро аз матнҳои дигар фарқ мекунад;

– номаҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

– матни номаҳоро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;

– нома навишта метавонад.

10.2.3. Дарк, баҳодиҳӣ ба матн, матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матни санад:

– матни санадро аз матнҳои дигар фарқ мекунад;

– санадҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад.

10.2.4. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни санад:

– матни санадҳоро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;

– санад навишта метавонад.

10.2.5. Дарк, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни баёнот:

– матни баёнотро аз матнҳои дигар фарқ мекунад;

– баёнотро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

– матни баёнотро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;

– баёнот навишта метавонад.

10.2.6. Дарк, баҳодиҳии матни ёддошт:

– матни ёддоштро аз матнҳои дигар фарқ мекунад;

– ёддоштҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;

– барои ёддошт шиноснома таҳия мекунад.

10.2.7. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ

аз рӯйи намунаи матни ёддошт:

– матни ёддоштҳоро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;

– ёддошти мухтасар ва муфассал менависад.

10.2.8. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли матни ариза, санад, тақриз:

– ба матни ариза, санад, тақризҳо тағйирот ворид мекунад, онҳоро таҳрир менамояд,

– ариза, санад, тақриз менависад.

10.2.9. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои тақриз:

– матни тақризҳоро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;

– тақризи кӯтоҳ менависад.

10.2.10. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матни ҳуҷҷатҳои расмӣ: ариза, баёнот, протокол, фармоиш, мактуби расмӣ:

– матнҳои ариза, баёнот, протокол, фармоиш, мактубҳои расмиро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;

– ариза, баёнот, протокол, фармоиш, мактуби расмӣ менависад.

10.2.12. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матни тасвир, табрикнома ва лутфи латиф (комплимент):

– матнҳои тасвир, табрикнома ва лутфи латифро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;

– тасвир, табрикнома ва лутфи латиф менависад.

10.2.14. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матни тасвир ва латифа:

– матнҳои тасвир ва латифаро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд,

– тасвир, латифа менависад.

## 2.2.7. Салоҳиятҳои фанни «Забони тоҷикӣ» барои синфи XI.

**Бо хатми синфи ёздаҳум хонанда амалҳои зеринро иҷро карда метавонад:**

**11.1. Салоҳиятҳои забонӣ:**

11.1.1. Донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ:

– мавзӯи баҳси овошиносиро медонад;

– дар имлои фонемаҳои садонок ва ҳамсадо ғалат намекунад;

– сохти ҳиҷоҳои тоҷикиро медонад;

– пойгоҳи талаффузи овозҳои забони тоҷикиро шарҳ медиҳад;

– ҳодисаҳои фонетикиро аз рӯйи матн шарҳ медиҳад, ба онҳо мисолҳо меорад.

11.1.2. Донистан ва ҷудо кардани маъноҳои аслӣ ва маҷозии калима:

– маъноҳои аслӣ ва маҷозии калимаро бо мисолҳо шарҳ медиҳад;

– калимаҳои сермаъно ва якмаъно, вазифаҳои услубии онҳоро шарҳ медиҳад, бо мисолҳо мефаҳмонад;

– вазифаҳои калимаҳои сермаъноро дар услуби бадеӣ бо мисолҳо мефаҳмонад.

11.1.3. Донистан ва ҷудо кардани ҳодисаҳои маъноӣ: муродиф, зидмаъно, ҳамгуна ва паронимҳо;

– вазифаҳои калимаҳои сермаъноро дар матн иншон медиҳад,

– вазифаҳои услубии муродиф, зидмаъно, ҳамгуна ва паронимҳоро дар услубҳои забон шарҳ медиҳад.

11.1.4. Навъҳои калима аз рӯйи маъно, калима ва фразеолоизмҳо, калимаҳои соҳавӣ, лаҳҷа, кор бо луғатҳо;

– маъноҳои аслӣ ва маҷозии калимаро шарҳ медиҳад, бо мисолҳо мефаҳмонад,

– фразеологизмҳоро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ

истифода мебарад, вазифаҳои услубии онҳоро шарҳ медиҳад.

11.1.5. Навъҳои калима аз рӯйи маъно, калима ва фразеологизмҳо, калимаҳои соҳавӣ, лаҳҷа, кор бо луғатҳо:

– калимаҳои якмаъно ва сермаъноро аз луғат меёбад, мавқеи истеъмоли онҳоро мефаҳмонад;

– вазифаҳои услубии калимаҳои соҳавӣ ва шевагиро шарҳ медиҳад.

11.1.6. Шинохтан ва аз матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла:

– фарқи ибораро аз ҷумла шарҳ медиҳад, ибораро аз таркиби ҷумла ҷудо мекунад;

– бо ибораҳои додашуда ҷумла месозад;

– хелҳои ҷумларо таҳлили наҳвӣ мекунад.

11.1.7. Шинохтан ва ҷудо кардани навъҳои ҷумлаи сода:

- ҷумлаҳои содаро аз рӯйи сохтор ба ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва дутаркиба ҷудо карда метавонад;

- ҷумлаҳои содаро мувофиқи оҳанг ба ҷумлаҳои хабарӣ, саволӣ, амрӣ ва хитобӣ ҷудо карда метавонад.

11.1.8. Шинохтан ва ҷудо кардани ҷумлаҳои мураккаб дар матн, пайвандакҳо дар ҷумлаҳои мураккаб, хелҳои ҷумлаҳои мураккаб:

11.1.9. Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, навъҳои ҷумлаи сода, аъзоҳои ҷумла:

– бо истифодаи хелҳои иртиботии ҷумла, ҷумлаҳои мураккаб месозад,

– дар корбурди ҷумлаҳо, муайян сохтаи ҳудуди ҷумлаҳо ва аломатҳои китобат ғалатҳоро меёбад.

11.1.10. Шинохтан ва ҷудо кардани хелҳои ҷумлаи сода:

– бо истифодаи навъҳои гуногуни ҷумлаҳои сода ва мураккаб матн месозад;

– матнҳои мавҷудаоро таҳрир мекунад.

11.1.11. Шинохтан ва ҷудо кардани ҷумлаҳои мураккаб дар матн, пайвандакҳо дар ҷумлаҳои мураккаб,

хелҳои ҷумлаҳои мураккаб:

– хелҳои пайвандакҳоро медонад, вазифаҳои грамматикии онҳоро шарҳ медиҳад;

– аз рӯйи пайвандакҳо хелҳои ҷумлаҳои мураккабро ҷудо мекунад;

– бо истифодаи пайвандакҳо ҷумлаҳои мураккаб месозад.

### 11.2. Салоҳиятҳои коммуникативӣ:

11.2.1. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матни хабар:

– матни хабарҳоро тағйир медиҳад, онҳоро таҳрир менамояд;

– дар мавзӯъҳои додашуда мазмуни хабарро нақл мекунад, онро менависад.

11.2.2. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матнҳои хабар ва мусоҳиба:

– матни хабар ва мусоҳибаҳоро тағйир медиҳад, онҳоро таҳрир менамояд;

– дар мавзӯъҳои додашуда мазмуни хабарро баён мекунад, мусоҳиба омода мекунад.

11.2.3. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матни тасвирӣ:

– матнҳои тасвириро тағйир медиҳад, онҳоро таҳрир менамояд;

– дар мавзӯъҳои додашуда тасвир месозад;

– вазифаҳои воҳидҳои забонро дар матн шарҳ медиҳад, фикри худро асоснок мекунад.

11.2.4. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матнҳои варақаи шахсӣ, ҳисобот, дастурамал:

– матнҳои варақаи шахсӣ, ҳисобот, дастурамалро тағйир медиҳад, онҳоро таҳрир менамояд;

– матнҳои варақаи шахсӣ, ҳисобот, дастурамал таҳия мекунад;

– мавқеи худро дар мавриди матнҳои таҳиякардааш асоснок менамояд.

11.2.5. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матнҳои аннотатсия:

– матни аннотатсияҳоро тағйир медиҳад, онҳоро таҳрир менамояд;

– ба мавзӯи додашуда аннотатсия менависад;

– мавқеи худро дар мавриди аннотатсияи таҳиякардааш асоснок менамояд.

11.2.6. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли матнҳои реферат, ёддошт, мусоҳиба, тақриз, латифа, табрикнома, нома:

– матнҳои реферат, ёддошт, мусоҳиба, тақриз, латифа, табрикнома, номаҳоро тағйир медиҳад, онҳоро таҳрир менамояд;

– реферат, ёддошт, мусоҳиба, тақриз, латифа, табрикнома, нома таҳия мекунад;

– мавқеи худро дар мавриди матнҳои таҳиякардааш асоснок мекунад.

# 3. МАРҲИЛАИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲО

## 3.1. ШАРҲИ МАСЪАЛАҲОИ УМУМӢ

Мафҳуми «салоҳият» дар соҳаи маориф аслан аз соҳаи иҷтимоиёт ва равоншиносӣ ворид шудааст, ки алоқаи доимии онро бо амалан истифода бурдани захираҳое, ки дар раванди таълим ба даст оварда мешаванд, мефаҳмонад. Дар матни асосии таълими забон, агар дар зиндагии воқеии хонандагон ягон мушкилоте дар ҳалли ягон масъалаи забонӣ мавҷуд бошад, мо метавонем, оид ба салоҳият гап занем. Салоҳияти инкишофёфта ба хонандагон имкон фароҳам меорад, ки масъалаи душвори ба миён омадаро бомуваффақият ҳал намоянд. Ҳамин тариқ, барои муайян кардани салоҳият моро лозим аст, ки дар навбати аввал ба саволҳои зерин ҷавоб диҳем.

1. Хонанда кадом масъалаи забониро бояд аз ҳаёти воқеӣ (яъне аз ҳолатҳои истифодаи забон берун аз мактаб) ҳал намояд?

2. Хонанда ҳангоми ҳалли масъалаи мазкур бо кадом

душвориҳо дучор мегардад (яъне чӣ ғалатҳо содир мекунад)?

3. Чиро донистану иҷро кардани хонанда зарур аст, ба чӣ бояд муносибаташро дигар намояд ва чӣ тарз қабул ва ҳал намудани мушкилот (масъала)-ро омӯзад?

Ҳангоми қабул кардани талаботи мазкур равшан мегардад, ки чунин шарҳдиҳии «дуруст муайян кардани ҳиссаҳои нутқ», «таҳлили фонетикии калима», «номбар кардани калимаҳои ҳамреша» ва монанди ин аз зинаи аввал ба зинаи дуюм мефароянд, зеро ба таври механикӣ аз бар намудани онҳоро салоҳият ҳисобидан нодуруст аст ва гумон аст, ки хонандагон берун аз мактаб  ба чунин супоришҳо вохӯранд. Аз рӯйи анъана муносибати мактаб ба таълими грамматика дар асоси муносибати сохторӣ ба тасвири забон асос ёфта, забон чун объект баррасӣ мегардад. Барои муайян кардани салоҳиятҳои забонӣ муносибати амалӣ, ки дар он забон чун восита баррасӣ мешавад, мувофиқтар аст. Вале ба сабаби мавҷуд набудани грамматикаи амалӣ дар забони тоҷикӣ гурӯҳи корӣ лозим донист, ки бо роҳи таҷрибавӣ фаъолият карда, ғалатҳои умумиеро, ки хонандагони синфҳои V-XI мактабҳои таҳсилоташон тоҷикӣ содир мекунанд, муайян намояд. Салоҳиятҳои таҳияшуда, ки дар поён зикр шудаанд, натиҷаи кори анҷомшуда мебошад. Бешубҳа, ин салоҳиятҳо фақат намуна буда, ҳанӯз ҳам ба такмил додани омӯзгор ниёз доранд.

Бояд зикр кард, ки ташаккули салоҳият вақти зиёду тӯлонӣ мехоҳад. Аз ин сабаб раванди рушди ин ё он салоҳият дар муддати чанд сол идома меёбад. Ҳамин тариқ, марҳилаҳои ташаккули салоҳиятҳоро, ки имкони таҳияи чунин нишондиҳандаҳоеро фароҳам меоваранд, ки тавассути онҳо омӯзгор ва хонанда метавонанд, ба чӣ андоза босифат гузаштани раванд баҳо диҳанд. Марҳилаҳое, ки дар маводи стандарт омадаанд, дар зер зикр гаштаанд. Ҳар як марҳила тавассути натиҷаи таълим тасвир шудааст, ки тавассути он  низоми баҳодиҳӣ сурат мегирад.

# МАРҲИЛАҲОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТ




Ба сабаби дарозмуддат будани раванди ташаккули салоҳиятҳо кори пайдарпай дар рушди онҳо имкон надорад. Ба ифодаи дигар, раванди ташаккули салоҳиятҳо бояд баробар (мутавозӣ), ақаллан дар сатҳи ташаккули зерсалоҳиятҳо сурат бигирад. Ин боз аз он сабаб муҳим аст, ки дар марҳилаи муайян «гардиш ва баргашт» рух медиҳад – яъне хонандагон аз истифодаи захираи донише, ки ҳангоми кор бо як салоҳият ба даст овардаанд, салоҳияти навбатиро меомӯзанд. Дар натиҷа раванди таълим на танҳо самараноктар мегардад, балки вақт сарфа мегардад.

# САЛОҲИЯТҲОИ ЗАБОНӢ

<table>
<tr><td></td><td colspan="6">1. САЛОҲИЯТИ ИНТИҚОЛИ НУТҚИ ШИФОҲӢ ДАР НУТҚИ ХАТТӢ</td></tr>
<tr><td></td><td>1.1. И нъикоси нутқи шифоҳӣ ҳангоми мувофиқат накардани талаффуз ва навишти «-и»-и кӯтоҳ ва дароз (-ӣ)</td><td>1.2. Инъикоси нутқи шифоҳӣ ҳангоми мувофиқат накардани талаффуз ва навишти ҳарфи «у»-и кӯтоҳ ва дароз</td><td>1.3. Инъикоси ҳарфи «ъ» (сакта) дар нутқи хаттӣ</td><td colspan="2">1.4. Инъикоси ҳамсадоҳои талаффузнашавандаи «д», «т», «ҳ» дар нутқи хаттӣ</td><td>1.5. Инъикоси нутқи шифоҳӣ ҳангоми мувофиқат накардани талаффуз ва навишти ҳарфи «э» ва «е» ва «й»</td></tr>
<tr><td></td><td colspan="6">2. САЛОҲИЯТИ БАЁНИ (НАҚЛИ) НУТҚИ ХАТТӢ ДАР ШАКЛИ ШИФОҲӢ</td></tr>
<tr><td></td><td colspan="3">2.1. Истифодаи интонатсия барои ифодаи аломатҳои китобат дар охири ҷумла</td><td colspan="3">2.2. Истифодаи задаи мантиқӣ ба калима ва ибораҳое, ки дар ҷумлаҳои мушаххас ҳамчун ахбори нав (рема) ҳисоб меёбанд.</td></tr>
<tr><td></td><td colspan="6">3. САЛОҲИЯТИ ИНТИХОБИ ЯКҶОЯ ВА ҶУДО НАВИШТАНИ КАЛИМАҲО ВА ИБОРАҲО</td></tr>
<tr><td></td><td colspan="3">3.1. Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаю ибораҳое, ки аз якчанд реша ва гурӯҳи калимаҳо ташкил ёфтаанд (интихоб байни калимаҳои мураккаб ва таркибӣ)</td><td colspan="3">3.2. Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои дигари нутқ истифода мешаванд</td></tr>
<tr><td></td><td colspan="6">4. САЛОҲИЯТИ ИНТИХОБИ АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ БАРОИ БА ДАСТ ОВАРДАНИ МАҚСАДИ КОММУНИКАТСИОНӢ</td></tr>
<tr><td></td><td colspan="2">4.1. Интихоби аломатҳои китобат барои тақсим кардани матн ба ҷумлаҳо (интихоб байни</td><td colspan="2">4.2. Интихоби аломатҳои китобат барои тақсим кардани ҷумлаҳои мураккаб ба ҷузъҳо</td><td colspan="2">4.3. Интихоби аломатҳои китобат барои ҷудо кардани ҷузъҳои ҷумла.</td></tr>
</table>

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | вуҷуд доштан ё надоштани аломати китобат, байни нуқта ва аломатҳои дигар, байни нуқта ва бисёрнуқта, байни нуқта ва аломати хитоб) | (ҷумлаҳои сода) | | |
| | **5.** **САЛОҲИЯТИ ДОНИСТАНИ ҚОИДАҲОИ АСОСИИ ГРАММАТИКАИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ** | | | |
| | **5.1.** Донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ | **5.2.** 5.2.1.Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла<br>5.2.2.Шинохтан ва ҷудо кардани хелҳои ҷумлаи сода.<br>5.2.3.Шинохтан ва ҷудо кардани ҷумлаҳои мураккаб дар матн, пайвандакҳо дар ҷумлаҳои мураккаб, хелҳои ҷумлаҳои мураккаб.<br>5.2.4.Донистани услубиёти забони тоҷикӣ ва муродифоти грамматикӣ, истифодаи қолабҳоимуродиф | **5.3.** 5.3.1. Донистан ва ҷудо кардани маънои аслӣ ва маҷозии калима.<br>5.3.2.Донистан ва ҷудо кардани ҳодисаҳои маъноӣ: иноним, зидмаъно ва ҳамгунаҳо.<br>5.3.3.Навъҳои калима аз рӯйи маъно, калима ва таъбирҳо, калимаҳои соҳавӣ, шевагӣ, кор бо луғатҳо.<br>5.3.4.Донистани табиати ичтимоии забон, пайдоиши забон ва хат. | **5.4.** 5.4.1.Шинохтан ва ҷудо кардани решаи калима, пешванду пасвандҳо, асос ва бандак, таркиби морфологии калима<br>5.4.2.Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ<br>5.4.3.Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустакили нутқ |

# МАРҲИЛАҲОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ЗАБОНӢ

| Салоҳият\Зерсалоҳият | | СИНФИ V | | СИНФИ VI | | СИНФИ VII | | СИНФИ VIII | | СИНФИ IX | | СИНФИ X | | СИНФИ XI | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **аз рӯйи нимсолаҳо (рейтингӣ)** | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | *нимсола* | | *нимсола* | | *нимсола* | | *нимсола* | | *нимсола* | | *нимсола* | | *нимсола* | |
| | | **1** | **2** | **1** | **2** | **1** | **2** | **1** | **2** | **1** | **2** | | | | |
| **1. Интиқоли нутқи шифоҳӣ дар нутқи хаттӣ** | 1.1.Талаффуз ва навишти «-и»-и кӯтоҳ ва дароз (-ӣ) | 0,1 | 1,2 | 2, 3, 4 | | | | | | | | | 4 | | |
| | 1.2.Талаффуз ва навишти ҳарфи «у»-и кӯтоҳ ва дароз | 0,1 | 2,3 ,4 | | | | | | | | | | 4 | | |
| | 1.3.Ҳарфи «ъ» (сакта) дар нутқи хаттӣ | 0,1 | 2,3 | 3, 4 | | | | | | | | | 4 | | |
| | 1.4.Инъикоси ҳамсадоҳои талаффузнашавандаи «д», «т», «ҳ» дар нутқи хаттӣ | 0,1 | 2,3 ,4 | | | | | | | | | | | | |
| **2. Салоҳияти баёни (нақли) нутқи хаттӣ дар шакли шифоҳӣ** | 2.1.Истифодаи интонатсия барои ифодаи аломатҳои китобат дар охири ҷумла | | | | | 0,1 ,2 | 3 | 3,4 | 4 | | | | 3,4 | | |
| | 2.2.Истифодаи задаи мантиқӣ ба калима ва ибораҳое, ки дар ҷумлаҳои мушаххас ҳамчун ахбори нав (рема) ҳисоб меёбанд | | | | | | | 0,1 ,2 | 2,3 | 3,4 | 4 | | | 3, 4 | |

| | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **3. Салоҳияти интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳо ва ибораҳо** | 3.1.Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаю ибораҳое, ки аз якчанд реша ва гурӯҳи калимаҳо ташкил ёфтаанд (интихоб байни калимаҳои мураккаб ва таркибӣ) | | | 0, 1, 2 | 2 | 3,4 | | | | | | | | 3, 4 | |
| | 3.2.Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои дигари нутқ истифода мешаванд | | | 0, 1, 2 | 2 | 2,3 | 3,4 | | | | | | 3,4 | | |
| **4. Салоҳияти интихоби аломатҳои китобат барои ба даст овардани мақсади коммуникатсионӣ** | 4.1.Интихоби аломатҳои китобат барои тақсим кардани матн ба ҷумлаҳо (интихоб байни вуҷуд доштан ё надоштани аломати китобат, байни нуқта ва аломатҳои дигар, байни нуқта ва бисёрнуқта, байни нуқта ва аломати хитоб) | | | | | 0,1,2 | 3 | 3,4 | 4 | | | | 3,4 | 3, 4 | |
| | 4.2.Интихоби аломатҳои китобат барои тақсим кардани ҷумлаҳои мураккаб ба ҷузъҳо (ҷумлаҳои сода) | | | | | | | | | 0,1,2 | 3,4 | | 3,4 | | 3,4 |
| | 4.3.Интихоби аломатҳои китобат барои ҷудо кардани ҷузъҳои ҷумла | | | | | | | 0,1,2 | 3 | 3,4 | 4 | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **5.Салоҳияти донистани коидаҳои асосии грамматикии забони тоҷикӣ (салоҳиятҳои иловагӣ)** | 5.1. Донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ | 3,4 | 3,4 | 4 | | | | | | | | | | | |
| | 5.2.1.Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла | 1,2 | | 2, 3 | | | | 2,3 | 3,4 | | 4 | | 4 | | 4 |
| | 5.2.2.Шинохтан ва ҷудо кардани хелҳои ҷумлаи сода. | 0,1 | 1 | | | | | 2,3 | 3,4 | | | | | 3, 4 | |
| | 5.2.3.Шинохтан ва ҷудо кардани ҷумлаҳои мураккаб дар матн, пайвандакҳо дар ҷумлаҳои мураккаб, хелҳои ҷумлаҳои мураккаб | 0,1 | 1 | 1, 2 | | 2 | | | | 3,4 | 3,4 | | 3,4 | | 4 |
| | 5.2.4.Донистани услубиёти забони тоҷикӣ ва муродифоти грамматикӣ, истифодаи қолабҳоимуродиф | | | | 0,1 | 1,2 | | | | | | | | 2, 3 | 3,4 |
| | 5.3.1. Донистан ва ҷудо кардани маънои аслӣ ва маҷозии калима. | | | 1, 2 | 1,2 | | | | | | | 3, 4 | | 3, 4 | |

| | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 5.3.2.Донистан ва ҷудо кардани ҳодисаҳои маъноӣ: муродиф, зидмаъно ва ҳамгунаҳо. | | 1,2 | 2, 3, 4 | | | | | | | | | 3,4 | | 3,4 |
| | 5.3.3.Навъҳои калима аз рӯйи маъно, калима ва таъбирҳо, калимаҳои соҳавӣ, шевагӣ, кор бо луғатҳо | | 0,1 | 1, 2 | 2,3 | 3,4 | | | 3,4 | | | | | 3, 4 | |
| | 5.4.1.Шинохтан ва ҷудо кардани решаи калима, пешванду пасвандҳо, асос ва бандак, такриби морфологии калима | 1,2 | 1,2 | 2, 3 | 2,3 | 3,4 | | 3,4 | | | | | 3,4 | | |
| | 5.4.2.Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ | | 1,2 | 2, 3 | 3,4 | 3,4 | 4 | | | | | | 3,4 | | |
| | 5.4.3.Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ | | | | 0,1 | 1,2 | 3,4 | | | | | 3, 4 | | | |

## 3.2. МАРҲИЛАҲОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ КОММУНИКАТИВӢ (ИРТИБОТӢ)

Салоҳияти коммуникативӣ ба маънои том чун салоҳияти мубодилаи матнҳо фаҳмида мешавад. Он чор салоҳияти асосии зеринро дар бар мегирад:

1. Дарки матнҳо;
2. Баҳодиҳӣ ба матнҳо;
3. Тағйир додани матнҳо;
4. Таҳияи (эҷоди) матнҳо.

Барои осон шудани кор салоҳиятҳои дарк ва таҳияи (эҷоди) матн ба ду гурӯҳ: дарку таҳияи (эҷоди) матнҳои шифоҳӣ ва дарку таҳияи (эҷоди) матнҳои хаттӣ ҷудо карда шудааст.

Кор бо салоҳиятҳои забонӣ нисбат ба кор бо салоҳияти коммуникативӣ осонтар аст, бо вуҷуди он ки ҳаракати хонандагон аз рӯйи марҳилаҳо, ки баробар ҳам нест, вале бештар ё камтар дар як сатҳ[3] сурат мегирад. Кор бо салоҳиятҳои коммуникативӣ бошад, бисёрзина аст.

Ҳамин тавр, кор дар марҳилаи ибтидоӣ ва якум амалан ба кор бо салоҳиятҳои забонӣ баробару якнавохтанд. Ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки супоришро иҷро намоянд. Онҳо душвориро дарк намуда, дар асоси он мақсади таълимро муайян месозанд. Баъдан раванди таҷриба андӯхтан идома меёбад. Хонандагон тадриҷан ба ҳамаи он чизҳое, ки барои таҳия кардани фарзия зарур мешаванд, аҳамият медиҳанд.

Бо вуҷуди ин хусусиятҳое, ки дар асоси стратегияи дарк ё таҳияи (эҷоди) матн (масалан, мақсади муаллиф, алоқа бо дигар матнҳо, матни асосӣ ва ғайра) қарор доранд, нисбат ба хусусиятҳое, ки дар асоси қоидаҳои

[3] Хонандагон метавонанд ба марҳалаи пешин баргашта, ягон мушаххасотро дубора аз назар гузаронанд ва танҳо корро идома диҳанд.

забонӣ таҳия шудаанд, хеле душвортаранд.

Бинобар ин баъди иҷрои қадами 1, одатан корро бояд бо самтҳои яке аз зерсалоҳиятҳо (масалан, мақсади муаллиф) ва ташаккули он ба воситаи дарк, баҳодиҳӣ, тағйир додан ва таҳияи (эҷоди) матн баробар оғоз кард. Марҳилаҳои кор бо зерсалоҳиятҳо мувофиқ хоҳанд шуд, яъне хонандагон аз дарки масъалаҳо ва муқаррар кардани вазифаи таълим бо истифодаи беихтиёрона (автоматӣ) пеш мераванд.

Ҳамчунин фаҳмидан муҳим аст, ки натиҷаи таълим дар ҳар як марҳилае, ки дар зер номбар шудааст, тамоми номгӯйи пурраро фаро намегирад. Омӯзгор метавонад, ки вобаста ба мақсади мушаххас ва сатҳи синф ҳамеша ба номгӯйи зерсалоҳиятҳо иловаҳо ворид карда, онро такмил диҳад. Вале муҳим аст, ки мантиқи пайдарпайии зерсалоҳиятҳоро риоя намояд. Натиҷаи таълим дар ҳар як марҳала бояд бо мақсад ва унвони марҳила мувофиқат кунад.

Вақте ки сухан дар бораи жанрҳои гуногун меравад, байни натиҷаҳои таълим метавонад, фарқи муайяне вуҷуд дошта бошад. Масалан, ҳангоми тасвири афсона сухан дар бораи махсусияти мафҳумҳо, мисли «муаллиф», «ҷойи ҳодиса», «қаҳрамонон», «пайдарпайии амал» меравад. Вақте сухан дар бораи жанри комилан дигар меравад (масалан, дастурамал, ариза, ҳисобот), бештар ин махсусияти мафҳумҳо муҳим буда наметавонанд.

Ҳамчунин фаҳмидан муҳим аст, ки ташаккули салоҳият раванди нобаробар аст. Дар раванди пешравии хонанда набояд интизор шуд, ки ӯ дар як марҳила ба ҳамаи натиҷаҳо ноил мегардад.

Ҳаминро фаҳмидан муҳим аст, ки фарогирии салоҳият вақти тӯлониро мегирад. Хонандагон бояд ба ғалат роҳ диҳанд, чизи нодурустро бинанд, ғалат кунанд ва дар асоси ғалати худ омӯзанд. (Шояд: Агар

хонандагон ғалат содир карданд, ҳеҷ боке нест, онҳо бояд инро фаҳманд ва ислоҳ кардани ғалатро омӯзанд). Вазифаи омӯзгор шарҳ додани ғалат ва таъкиди шакли дурусташ набуда, балки раванди таълимро бояд тавре ба роҳ монад, ки хонандагон тавонанд, аз рӯйи марҳалаи азхудкунии салоҳиятҳо ба пеш ҳаракат кунанд.

Дар байни салоҳиятҳои гуногуни коммуникативӣ ноҳамвориҳои бисёре вуҷуд доранд. Махсусан дар марҳилаҳои ибтидоии ташаккули салоҳият амалан дар байни дарки матн ва баҳодиҳӣ ба матн фарқе нест, ҳамчунин дар байни тағйирдиҳӣ ва таҳияи (эҷоди) матн.

Ин ба омӯзгор имконият медиҳад, ки равандро маҳдуд (ихтисор) кунад ва баъзе лаҳзаҳоро баробар (мувозӣ) баррасӣ намояд. Ҳамин тариқ, агар хонандагон масъаларо дарк ва қабул намоянд, масалан, таҳияи (эҷоди) матнҳои хаттӣ ва минбаъд ташкили захираи матнҳои жанри муайян, ки барои ошкор ва равшан сохтани мушаххасоти матнҳо лозим аст, метавонанд, захираи ҷамъкардаи худро ҳангоми омӯзиши салоҳиятҳои дарк, баҳодиҳӣ ва тағйир додани матнҳо истифода баранд.

# САЛОҲИЯТҲОИ КОММУНИКАТИВӢ

| 1. ДАРКИ МАТН | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1.1.ДАРКИ МАТНҲОИ ШИФОҲӢ | | | 1.2. ДАРКИ МАТНҲОИ ХАТТӢ | | |
| **1.1.Салоҳияти дарки матнҳои шифоҳӣ** | | | | | |
| 1.1.1. Муайян кардани мақсади матн | 1.1.2. Мавқеи фаъоли дарки матн (гирандаи матн- дар мавқеи фаъол, шунаванда –танҳо гирандаи одии ахбор набуда, балки ҳамзамон таҳиягар ҳисоб мешавад) | 1.1.3. Муайян кардани зерматн ва нақши он дар дарки матн | 1.1.4. Муайян кардани сохтори матн | 1.1.5. Муайян кардан ва дар хотир нигоҳ доштан (сабт) –и ахбори мушаххас | 1.1.6. Муайян кардан ва дар хотир нигоҳ доштан (сабт кардан) –и ғояи асосӣ |
| 1.1.7. Муайян кардани воситаҳои забоние, ки барои ба даст овардани мақсади матн истифода мешаванд | 1.1.8. Муайян кардани воситаҳои ғайризабонӣ, ки барои ба даст овардани мақсади матн истифода мешаванд | 1.1.9. Муайян кардани робитаи байни қисмҳои гуногуни матн | 1.1.10. Муайян кардани дараҷаи дурустӣ (боэътимодӣ)-и матн | 1.1.11. Муайян кардани робита бо матнҳои дигар | |
| **1.2. Салоҳияти дарки матнҳои хаттӣ** | | | | | |
| 1.2.1. Муайян кардани мақсади матн | 1.2.2. Мавқеи фаъоли дарки матн (гирандаи матн) дар мавқеи фаъол, хонанда на танҳо гирандаи ахбор, балки ҳамзамон таҳиягар) | 1.2.3. Муайян кардани зерматн ва нақши он дар дарки матн | 1.2.4. Муайян кардани сохтори матн | 1.2.5. Муайян кардан ва дар хотир нигоҳ доштани (сабти) ахбори мушаххас | 1.2.6. Муайян кардан ва дар хотир нигоҳ доштан (сабт) –и ғояи асосӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1.2.7. Муайян кардани воситаҳои забонӣ, ки барои ба даст овардани мақсади матн истифода мешаванд | 1.2.8. Муайян кардани воситаҳои ғайризабоние, ки барои ба даст овардани мақсади матн истифода мешаванд | 1.2.9. Муайян кардани робитаи байни қисмҳои гуногуни матн | 1.2.10. Муайян кардани дараҷаи дурустии матн | 1.2.11. Муайян кардани робита бо матнҳои дигар | |
| **2. САЛОҲИЯТИ БАҲОДИҲӢ БА МАТНҲОИ ХАТТӢ ВА ШИФОҲӢ** | | | | | |
| 2.1. Баҳодиҳӣ ба матн аз нуқтаи назари мақсад ва дараҷаи ноилшавӣ ба он | 2.2. Баҳодиҳӣ ба матн аз нуқтаи назари талаботи мавқеи фаъол аз гирандаи матн (гиранда на танҳо дарёфткунандаи ахбор, балки ҳамзамон таҳиягар) | 2.3. Баҳодиҳӣ ба матн аз нуқтаи назари ба зерматн мувофиқат кардан | 2.4. Баҳодиҳӣ ба матн аз нуқтаи назари самаранокии сохтори матн барои ба даст овардани мақсади гузошташуда | 2.5. Баҳодиҳӣ ба матн аз нуқтаи назари интиқоли ахбори мушаххас | 2.6. Баҳодиҳӣ ба матн аз нуқтаи назари баёни ғояи асосӣ |
| 2.7. Баҳодиҳӣ ба матн аз нуқтаи назари интихоби воситаҳои забонии самаранок, ки барои ба даст овардани мақсади матн истифода мешаванд. | 2.8. Баҳодиҳӣ ба матн аз нуқтаи назари интихоби воситаҳои ғайризабонии самаранок, ки барои ба даст овардани мақсади матн истифода мешаванд | 2.9. Баҳодиҳӣ ба матн аз нуқтаи назари ба роҳ мондани робитаи байни қисмҳои гуногуни матн | 2.10. Баҳодиҳӣ ба матн аз рӯи дараҷаи дурустии он | 2.11. Баҳодиҳӣ ба матн аз нуқтаи назари робитаи он бо матнҳои дигар | |

| 3. САЛОҲИЯТИ ТАҒЙИР ДОДАНИ (ТАҲРИРИ) МАТНҲОИ ШИФОҲӢ ВА ХАТТӢ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 3.1. Тағйир додани матн барои баланд бардоштани самаранокии ба ҳадаф расидани мақсад | 3.2. Тағйир додани матн барои баланд бардоштани дараҷаи фаъолгардонии мавқеи гиранда | 3.3. Тағйир додани матн барои баланд бардоштани дараҷаи мутобиқати матн | 3.4. Тағйир додани матн барои баланд бардоштани самаранокии сохтори матн | 3.5. Тағйир додани матн барои баланд бардоштани самаранокии интиқоли ахбори мушаххас | 3.6. Тағйир додани матн барои баланд бардоштани самаранокии баёни ғояи асосӣ |
| 3.7. Тағйир додани матн барои баланд бардоштани самаранокии интихоби воситаҳои забоние, ки барои ба даст овардани мақсади матн истифода мешаванд | 3.8. Тағйир додани матн барои баланд бардоштани самаранокии интихоби воситаҳои ғайризабоние, ки барои ба даст овардани мақсади матн истифода мешаванд | 3.9. Тағйир додани матн (таҳрири) барои баланд бардоштани самаранокии робитаи байни қисмҳои гуногуни матн | 3.10. Тағйир додани матн барои баланд бардоштан (ё кам кардан)-и дараҷаи дурустӣ (боэътимодӣ)-и он | 3.11. Тағйир додани матн барои зиёд кардан (ё кам кардан) –и робитаи он бо матнҳои дигар | |

| **4. Салоҳияти таҳияи матнҳо** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **4.1. Салоҳияти таҳияи матнҳои шифоҳӣ** | | | **4.2. Салоҳияти таҳияи матнҳои хаттӣ** | | |
| **4.1. Салоҳияти таҳияи матнҳои шифоҳӣ** | | | | | |
| 4.1.1. Муайян кардани мақсади матни | 4.1.2.Муайян кардани гирандаи матни таҳияшаванда ва | 4.1.3. Муайян кардани матни таҳияшаванда ва истифодаи он | 4.1.4. Интихоби сохтори самаранoктар барои матни | 4.1.5.Интиқо ли ахбори мушаххас дар матни | 4.1.6. Интиқоли ғояи асосӣ дар матни таҳияшаванда |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| таҳияшаванда | масъалагузории он дар мавқеъ | барои ба даст овардани мақсади матн | таҳияшаванда | таҳияшаван да | |
| 4.1.7. Интихоби воситаҳои забонӣ барои ба даст овардани мақсади матн | 4.1.8. Интихоби воситаҳои ғайризабонӣ барои ба даст овардани мақсади матн | 4.1.9. Ба роҳ мондани робитаи самаранок байни қисмҳои гуногуни матни таҳияшаванда | 4.1.10. Зиёд кардан (ё кам кардан)-и дараҷаи дурустии (боэътимодӣ) –и матни таҳияшаванда | 4.1.11. Зиёд кардан ( ё кам кардан)-и робитаи матни таҳияшавандаи матн бо матнҳои дигар | |
| **4.2. Салоҳияти таҳияи матнҳои хаттӣ** | | | | | |
| 4.2.1. Муайян кардани мақсади матни таҳияшаванда | 4.2.2. Муайян кардани гиранда (аъзои)-и матни таҳияшаванда ва ҳолати вазъияти фаъол | 4.2.3. Муайян кардани матни таҳияшаванда ва истифодаи он барои ба даст овардани мақсади матн | 4.2.4. Интихоби сохтори самаранoктар барои матни таҳияшаванда | 4.2.5. Интиқоли ахбори мушаххас дар матни таҳияшаван да | 4.2.6. Интиқоли ғояи асосӣ дар матни таҳияшаванда |
| 4.2.7. Интихоби воситаҳои забонӣ барои ноилшавӣ ба мақсади матн | 4.2.8. Интихоби воситаҳои ғайризабонӣ барои ноилшавӣ ба мақсади матн | 4.2.9. Ба роҳ мондани робитаҳои самаранок дар байни қисмҳои гуногун матни таҳияшаванда | 4.2.10. Зиёд кардан (ё кам кардан) –и сатҳи дурустӣ (бо эътимодӣ)-и матни таҳияшаванда | 4.2.11. Зиёд кардан (ё кам кардан) –и робитаҳои матни таҳияшаванда бо матнҳои дигар | |

## 3.3. РОҲҲОИ МУРАККАБШАВИИ САЛОҲИЯТИ КОММУНИКАТИВӢ

Салоҳияти коммуникативӣ нисбат ба салоҳиятҳои забонӣ мураккаб аст. Аз ин рӯ, он дар якҷоягӣ бо тарзҳои гуногуни баррасӣ пешниҳод карда мешавад.

– **Аз робитаи матн:** дарк (ва баҳодиҳӣ)-и матн нисбат ба имконияти тағйирдиҳӣ (таҳрир) ва ё таҳияи матн осонтар аст. Дарк – баҳодиҳӣ - тағйирдиҳӣ ва таҳия.

– **Аз рӯйи навъҳои матн:** матни кӯтоҳ – миёна - калон, аз нигоҳи истифодаи луғат, грамматика, услуб ва жанрҳо душвортар аст.

– **Аз рӯйи жанрҳои матн.**

– **Аз рӯйи дараҷаи робита** бо матнҳои дигар: амалан омодагии хонандаро талаб намекунад. Робитаи байниматнии зиёд дорад ва аз қабулкунандаи матн мавқеи фаъолро талаб менамояд.

– **Аз рӯйи навъҳои супориш:** миқдори салоҳиятҳое, ки барои иҷрои супориш заруранд, мавҷуд аст. Масалан, таҳрир ё аз шакли мавҷуда ба шакли дигар баргардонидани матн (матн ба шакли филм баргардонида мешавад). Ин навъи фаъолият водор месозад, ки маҷмӯи салоҳиятҳо истифода шаванд.

– **Аз рӯйи марҳилаҳои ташаккули салоҳиятҳо.**

**Навъҳои матн:**

Одатан матнҳо аз рӯйи навъ ба тасвирӣ, хабарӣ, муҳокимавӣ ё тасвири ашё ва тасвири муносибати муаллиф ҷудо мешаванд. Азбаски дар ҳаёти воқеӣ бештар аз матнҳои омехта истифода мешаванд, таълими забон асосан бар мабнои онҳо бояд ба нақша гирифта нашавад.

**Жанри матнҳо** (барои кор дар дарсҳои забони тоҷикӣ):

Ташаккули салоҳият тавассути матнҳои жанрҳояшон гуногун ба роҳ монда мешавад. Дар барнома омӯзгор нишон медиҳад, ки ба воситаи кадом жанр ӯ ин ё он салоҳиятро дар кадом вақт инкишоф медиҳад.

## 3.4. ЗЕРСАЛОҲИЯТҲОИ АСОСӢ ҲАНГОМИ КОР БО САЛОҲИЯТИ КОММУНИКАТИВӢ

Инкишофи ҳар як зерсалоҳият ҳангоми кор бо жанрҳои гуногуни матнҳо аз рӯйи мураккабсозии салоҳиятҳо (меҳвари уфуқии нақшаҳои) асосӣ сурат мегирад. Барои умумигардонии зерсалоҳиятҳо мушаххасоти асосии матнҳо муайян карда шудаанд, ки барои ин ё он зерсалоҳият асосӣ мебошад. Омӯзгор метавонад, ки ҷиҳатҳои (самтҳои) ин ё он салоҳиятро ба воситаи дарк, баҳодиҳӣ (арзёбӣ), тағйирдиҳӣ ва таҳияи (эҷоди) матнҳо ба нақша гирад.

| т\р | Салоҳият | Дарк (шифоҳӣ) | Дарк (хаттӣ) | Баҳодиҳӣ | Тағйирот | таҳияи (эҷоди) матни шифоҳӣ | таҳияи (эҷоди) матни хаттӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Мақсад | | | | | | |
| 2. | Қабулкунандаи матн (адресат) | | | | | | |
| 3. | Ҷузъи асосии матн (контекст) | | | | | | |
| 4. | Сохтор | | | | | | |
| 5. | Маълумоти муайян | | | | | | |
| 6. | Ғояи асосӣ | | | | | | |
| 7. | Воситаи забонии ноилшавӣ ба мақсад | | | | | | |
| 8. | Воситаи ғайризабонии ноилшавӣ ба мақсад | | | | | | |
| 9. | Мувофиқат байни қисмҳо | | | | | | |
| 10. | Боэътимодӣ | | | | | | |
| 11. | Робита бо матнҳои дигар | | | | | | |

**Шарҳ:**

Номгӯйи пешниҳодшуда ягона роҳи муайян кардани зерсалоҳияти салоҳияти коммуникативӣ нест. Вариантҳои иловагии дигар низ вуҷуд дошта метавонанд, ки нисбатан аз ҳамдигар бартарӣ доранд. Ғояи асосӣ дар он аст, ки омӯзгор набояд ҷиҳатҳои номбаршударо ба хонандагон

нишон диҳад. Вазифаи ӯ раванди таълимро тарзе ба роҳ мондан аст, ки хонандагон зимни кор бо матн моҳияти онро фаҳмида тавонанд. Зикр кардан мухим аст, ки хонандагон зимни ҷамъоварии хазинаи матнҳои жанрҳои гуногун аз ҳама бештар ба хусусиятҳои муҳими матн ошно мегарданд. Ҳамин тариқ, бешубҳа, чунин хусусияти муҳими матнро мисли «муаллиф» қариб ҳамаи хонандагон ҷудо мекунанд. Дар таснифоти пешниҳодшуда «муаллиф» дар дохили ду хусусияти матн: «мақсади матн» ва «дурустии матн» баррасӣ мегардад. Шояд хонандагон ҳам ба ҳамин гуна хулоса оянд ё ба чунин хулоса наоянд. Ин чандон аҳамият надорад. Муҳим он аст, ки хусусияти муҳими матнро хонандагон дар раванди кор бо жанрҳои гуногун аз нав дида бароянд. Дар охири таълим хонандагон бояд кӯшиш намоянд, ки аз рӯйи имкон хусусиятҳои бештари матнро мавриди омӯзиш қарор диҳанд, то ки барояшон истифодаи модули ба даст оварда осон ва муносиб гардад.

**Шарҳи мухтасари зерсалоҳиятҳои асосӣ ба таври зерин пешниҳод мегарданд:**

«**Мақсад**». Ҳангоми кор бо мақсад хонандагон бояд ба воситаи феъли «тағйир додан» ва «муайян кардан»-и ном ва моҳияти аломатҳоро, ки тағйир додани онҳо ҳатмист, ёд гиранд. Қадами аввал муайян кардани мақсад ба воситаи феъл+пуркунанда (объекти амалиёти феъл) нишон додани шароит мебошад. Масалан, ба ҳозирин исбот кардан (феъл).

«**Қабулкунандаи матн**». Ҳангоми дарки матн қабулкунандаи матн асосан дар худ «мавқеи фаъоли қабулкунанда»-ро фаро мегирад, яъне салоҳияти машғулияти ин мавқеи фаъол зимни дарки матнҳо аст.

«**Ҷузъи асосии матн**» (контекст) дар худ ҳам такмили ҷузъҳои таҳияи матн ва ҳам дарки матнро фаро мегирад.

«**Маълумоти муайян**» қобилияти ба даст овардани маҳз он маълумоте, ки ба хонандаи матн зарур аст (ё интиқоли он маълумоте, ки ба муаллиф зарур аст) ва ҳам малакаю хоҳиши «қайд кардани» маълумотеро, ки зимни

дарки матнҳо зарур аст, фаро мегирад. Мушаххасоти «сабти маълумот»-ро ба таври алоҳида ҷудо кардан мумкин аст, вале дар таснифоти пешниҳодшуда дар дохили дигар қисматҳо ҷой дода шудааст: хонандаи матн ё шунавандаи он бояд маълумоти муайян (ё асосӣ)-ро «сабт» карда тавонанд, ки зимни дарки матнҳо барояшон манфиатнок аст.

«**Ғояи асосӣ**» бо мақсад мувофиқат намекунад. Масалан, андешаи хонанда ё шунавандаи матнро аз мавқеи «таълими забони тоҷикӣ хуб аст» ба андешаи «дар таълими забони тоҷикӣ мушкилоти зиёд мавҷуд буда, тағйироти ҷиддиро тақозо менамояд» тағйир додан аст. Ғояи асосӣ дар ин ҳолат чунин буда метавонад: «муносибати босалоҳият воситаи беҳтар кардани сифати таълими забони тоҷикӣ» аст.

«**Воситаи забонии ноилшавӣ ба мақсад**» донишҳои навъи гуногуни забонӣ – пеш аз ҳама донишҳои аз муҳити забонӣ азхудкардаи хонанда – аз модар, аз атрофиён, баъдан корҳои амалии забонро дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар бар мегирад. машқи такрор ба такрори хонанда бо роҳбарии омӯзгор аз болои хатоҳои маъмулӣ хонандаро ба фаҳмиши бунёдии тартибу қоидаҳои забонӣ раҳнамун месозад.

«**Воситаҳои ғайризабонии ноилшавӣ ба мақсад**» захираҳои «соҳибзабон»- анд. Ҳамин тавр, ҳангоми нашри матн дар интернет як қатор захираҳои медиа мавҷуданд, ки онҳоро барои муаррифии матн истифода бурдан мумкин аст: ҷобаҷокунии матн, намоиши тасвирӣ (видео ва аксҳо), мусиқӣ, сарчашмаҳои матнҳои дигар ва машқҳо. Дар вақти баромади шифоҳӣ аз воситаҳои гуногуни техникӣ истифода бурдан мумкин аст.

«**Эътимоднокии матн**» - аломати васеи матн буда, дар дохили он доираи васеи масъалаҳо: сарчашма ё таърихи таълифи матн, муаллифи матн, матни асл ё матни тарҷума, миқдори рӯйбардоркунӣ ва нақлҳо (барои матнҳои шифоҳӣ аз фарҳанги шифоҳӣ), жанр баррасӣ мешаванд.

«**Робита бо матнҳои дигар**» хусусияти басо муҳими

матн дар замони муосир ба ҳисоб меравад. Вақте сухан дар бораи зарурати донистани матнҳои дигар меравад, ҳангоми ҳамкорӣ бо матни мазкур имконияти таҳия пайдо шавад.

## 3.5. ИМКОНИЯТИ ТАЪЛИМИ ҲАМГИРОИ САЛОҲИЯТҲОИ КОММУНИКАТИВӢ ВА ЗАБОНӢ

Муносибати босалоҳият талаб мекунад, ки ташаккули салоҳиятҳои асосӣ ва фаннӣ дар якҷоягӣ ба роҳ монда шаванд. Аз ин рӯ, ҳангоми таълими жанрҳои нутқ омӯзгорро лозим аст, ки салоҳияти забонии хонандагонро низ ташаккул диҳад. Агарчи дар барномаи таълимӣ ва роҳнамои омӯзгор барои ҳар як қисмати ҷудогонаи грамматикаи забон фаслҳо ва бобҳо ҷудо карда шудаанд, соатҳои таълимии онҳо бо фарогирии таълими жанрҳои нутқ нишон дода шудааст, омӯзгор метавонад, ки дар мавзӯъҳои таълими қоидаҳои асосии грамматика ё амалияи он аз ташаккули марҳалаҳои салоҳияти коммуникативӣ истифода барад, яъне мавзӯи нав аз таълими жанри нутқ оғоз гардида, супоришҳои забонӣ вобаста ба қисматҳои илми забон мутобиқи синну соли хонандагон аз рӯйи матнҳои вобаста ба жанри омӯхташаванда ташкил карда шаванд. Дар ин маврид имкон дорад, ки омӯзгор бо риояи марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо аввал супоришҳоро аз таълими жанр оғоз намуда, дар идома ба хонандагон аз мавзӯи забонӣ (овошиносӣ, маънишиносӣ ё грамматика) гузаронад. Аслан омӯзгор барои интихоби жанри нутқ озодтар аст, вобаста ба мавзӯи забонӣ жанрҳои нутқро мувофиқ интихоб кардан, агар чунин зарурат бошад, марҳалаҳои 3, 4-уми ташаккули салоҳияти коммуникативиро такроран истифода мебарад. Яъне жанрҳои табрикнома, эълон, хабар… дар синфи панҷум таълим дода шудаанд, ҳангоми зарурати истифодаи матни ин жанрҳо дар синфҳои болоӣ зарурати такрор кардани марҳалаи 0, 1, 2 (дарки матн, баҳодиҳӣ ба матн) боқӣ намемонад. Марҳалаи тағйирдиҳии матн, таҳияи матни пештар гузаштаро интихоб ва истифода кардан мумкин аст.

## 3.6. МУНОСИБАТ БА БАҲОДИҲӢ ДАР ЧОРЧӮБАИ СТАНДАРТҲОИ НАВ

Дар чорчӯбаи стандартҳои нав баҳодиҳӣ ҳамеша бо марҳалаи рушди ин ё он салоҳият мувофиқат мекунад. Ҳамин тавр, агар дар чорчӯбаи дарс хонандагон дар марҳалаи сифр ва якум фаъолият кунанд, дар ин ҳолат баҳодиҳӣ ҳам метавонад танҳо мутобиқи ҳамон гуна фаъолият, ки махсусан барои ин ду марҳила асос аст, сурат гирад. Тасвири навъҳои фаъолияти хонандагон дар ин ё он марҳила аз рӯйи моҳият меъёр ҳисобида мешавад, ки мутобиқи он метавон ба сифати раванди таълим баҳо дод.

Нақшаи дар поён зикршуда имконияти навъҳои кор дар ҳар як марҳалаҳоро нишон медиҳад. Вобаста ба навъҳои салоҳиятҳо супоришҳои муайян метавонанд, аз ҳам фарқ кунанд, вале муҳим санҷидани ташаккули салоҳиятҳо мебошад, ки дар асоси фаъолият қарор дошта, барои ин ё он марҳила хос аст.

## БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БАРОИ СИНФҲОИ V-XI

## БАРНОМАИ ФАННИ «ЗАБОНИ ТОҶИКӢ» БАРОИ СИНФИ V

***Забон ва сухан (1 соат)***

I. Забон ва сухан. Забон дар ҳаёти инсон. Вазифаи забон дар ҳаёти ҷомеа ва давлат.

II. Мақсадҳо: Дарки нақши забон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлат; нақши забон дар ҳаёти инсон; хушоҳангӣ ва ифоданокии забони тоҷикӣ. Калима. Ҳиссаҳои нутқ, ибора, ҷумла, аъзоҳои ҷумла.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:** Дар матн ҷудо кардани калима, маълумоти умумӣ дар бораи ҳиссаҳои нутқ ва ҷумла, аъзоҳои ҷумла.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:** Ба вазифаи забон дар

ҷамъият сарфаҳм рафтан, мавқеи забонро дар ҳаёти сиёсию фарҳангии ҷомеа дар сатҳи дониши андӯхта шарҳ додан, рисолати забони давлатӣ, забони модариро дарк кардан, баҳодиҳӣ ба матнҳои зарбулмасал, мақол, чистон.

**Фасли 1.Такрори мавзӯъҳои синфи I-IV (3 соат)**

**I.** Исм, сифат, шумора ва феъл

**II. Мақсадҳо:** Дар матн муайян кардани ҳиссаҳои нутқ (исм, сифат, феъл). Донистани мубтадо ва хабар.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:** Дар матн шинохтан ва ҷудо кардани калимаҳо. Маълумоти умумӣ додан оид ба мубтадо ва хабар.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:** Донистан ва шарҳ дода тавонистани нақши забон дар ҳаёти инсон ва ҳаёти ҷамъиятӣ. Мафҳуми забони давлатиро шарҳ дода тавонад.

**Фасли 2.Овошиносӣ (фонетика). Имло ва талаффуз (12 + 3 =15 соат)**

I.Фонетика як қисми грамматика. Дастгоҳи гуфтор ва вазифаҳои он. Овоз ва ҳарф. Мувофиқати овоз ва ҳарф дар калима. Алфавит (алифбо). Овозҳои садонок ва ҳамсадо ва фарқи онҳо аз якдигар. Ҳамсадоҳои ҷарангдор ва беҷаранг. Имлои ҳарфи **у** ва **ӯ-**и дароз. Имлои ҳарфи **и** ва **ӣ-**и дароз. Имлои ҳарфи э ва й(йот).

Ҳодисаҳои фонетикӣ (савтӣ) дар талаффузи (**д, т, х**). Овози **н** пеш аз **б** (анбор…). Имлои ҳарфи сакта (**ъ**). Имлои ҳамсадоҳои шадда дар калима. Ҳиҷо ва навъҳои он. Зада ва ҷойи он дар калима. Нақши зада дар фарқ кардани маъно. Ҳодисаҳои душвори талаффуз. Аз як сатр ба сатри дигар гузаронидани ҳиҷо (ҳисса)-и калима. Мафҳуми талаффузи дуруст. Қоидаҳои асосии талаффузи адабии тоҷикӣ.

**II. Мақсадҳо:** Мафҳумҳои фонетика ва орфоэпия (талаффузи дуруст)-ро аз худ кардан; вазифаҳои дастгоҳҳои нутқро пай бурдан; ҳарфҳоро ба тартиб гуфтан ва фарҳангҳоро бе душворӣ истифода бурдан. Фарқи овоз ва ҳарфҳоро донистан; миқдори овоз ва ҳарфро муайян кардан: овозҳои садонок ва ҳамсадоҳоро амалан фарқ кардан; хусусияти тағйирдиҳии маъно доштани овозҳоро

донистан; дар навиштану фарқ кардани ҳарфҳои **у**, **ӯ**-и дароз ва **и** ва **ӣ**-и дароз, **э** ва **й** (йот) ба ғалат роҳ надодан; навъи ҳиҷоҳоро муайян кардан; дар калимаҳои тоҷикӣ ва иқтибосӣ ҷойи задаро дуруст муайян кардан; ҳодисаҳои талаффузи душворро пай бурдан; ҳиҷои калимаҳоро ба сатри дигарро дуруст гузаронидан; қоидаҳои талаффузи адабиро аз худ карда, нутқи худ ва ҳамсинфонро таҳлил намудан ва баҳо додан.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ, фарқ карда тавонистани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ;

Инъикоси нутқи шифоҳӣ ҳангоми мувофиқат накардани талаффуз ва навишти «-и»-и кӯтоҳ ва дароз (-ӣ);

Инъикоси нутқи шифоҳӣ ҳангоми мувофиқат накардани талаффуз ва навишти ҳарфи «у»-и кӯтоҳ ва дароз;

Дуруст талаффуз кардани калимаҳои ҳиҷои сактадор ва инъикоси он;

Инъикоси ҳамсадоҳои талаффузнашавандаи «д», «т», «ҳ» дар нутқи хаттӣ;

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри табрикнома, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни табрикнома

## Фасли 3. Наҳв (синтаксис) ва аломатҳои китобат (11 + 3 = 14 соат)

**I.** Мавзӯи баҳси наҳв: ибора ва ҷумла. Калимаи асосӣ ва тобеъ дар ибора. Фарқи ибора аз калима.

Ҷумла. Ҷумлаи сода ва навъҳои он аз ҷиҳати мазмуну оҳанг: хабарӣ (ҳикоягӣ), саволӣ, амрӣ ва хитобӣ.

Аъзоҳои ҷумла. Сараъзоҳои ҷумла: мубтадо ва хабар. Аломати тире дар байни мубтадо вахабар. Маълумоти умумӣ дар бораи аъзоҳои пайрави ҷумла: пуркунанда,

муайянкунанда ва ҳол.

Ҷумлаи яктаркиба ва дутаркиба. Ҷумлаи хуллас ва тафсилӣ. Ҷумлаи чидааъзо ва мавқеи вергул дар он.

Мухотаб ва аломатҳои китобат дар он.

Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаи мураккаб (ҳар як ҷумлаи сода дар таркибаш мубтадо ва хабар дошта бошад). Пайвандакҳои **ва, аммо, вале, ки, чунки, зеро, агар** дар ҷумлаи мураккаб.

Нутқи айнан нақлшуда пеш ва баъд аз сухани муаллиф (гӯянда).

Муколама ва аломати тире дар он.

**II. Мақсадҳо:** Мафҳуми наҳв (синтаксис), аломатҳои китобат ва мавзӯъҳои баҳси ин бахши илми забонро номбар кардан ва шарҳ додан; дар ибора муқаррар намудани калимаҳои асосӣ ва тобеъ; ҳангоми сохтани ибора воситаҳои алоқаро дуруст истифода бурдан; аз калимаҳои пароканда ибора сохтан, фарқи ибораро аз калима шарҳ додан; дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода бурдани ҷумлаҳои сода; аз рӯйи оҳанги хониш ва аломатҳои китобат навъи ҷумлаҳоро муайян кардан; аз ҷумлаҳо сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо муайян карда ва ба онҳо саволи мувофиқ гузоштан; аз матн пайдо кардани ҷумлаҳои чидааъзо ва шарҳ додани аъзоҳои чида; фарқ кардани мухотаб аз мубтадо ва истифодаи аломати китобати мувофиқ дар ҷумлаҳои мухотабдор; дар бораи ҷумлаи мураккаб маълумоти ибтидоӣ гирифтан ва дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ пайвандакҳоро дуруст корбаст намудан; дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ пайвандакҳоро дуруст истифода бурдан; муайян ва ҷудо кардани нутқи айнан нақлшуда аз матни хонда.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла. Шинохтан ва ҷудо кардани хелҳои ҷумлаи сода;

Интихоби аломатҳои китобат барои тақсим кардани матн ба ҷумлаҳо (интихоб байни вуҷуд доштан ё

надоштани аломати китобат, байни нуқта ва аломатҳои дигар, байни нуқта ва бисёрнуқта, байни нуқта ва аломати хитоб);

Интихоби аломатҳои китобат барои ҷудо кардани ҷузъҳои ҷумла.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри эълон, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни эълон.

## Фасли 4. Калима (5 +2= 7 соат)

I. Калима. Калима ва маънои луғавии (лексикии) он.

Роҳҳои шарҳи маънои калима. Маънои аслӣ ва маҷозии калима. Калимаҳои якмаъно ва сермаъно. Муродиф, мутазод ва ҳамгунаҳо. Луғати тафсирӣ ва дузабона.

**II. Мақсадҳо:** Калимаи маънодорро бо саволгузорӣ муайян кардан; шарҳ додани маънои луғавии калимаҳо; дар бораи мафҳумҳои асосии фасли «Калима» маълумот ба даст овардан; нақши калима- луғатро дар ташаккул ва баёни фикр дарк намудан; дарки маънои луғавии калима бар асоси муқоиса; матнҳоро хонда, аз онҳо муродифу мутазод ва ҳамгунаҳоро муайян кардан ва дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ (нақлу иншоҳо аз рӯйи расм) истифода бурдани онҳо; оид ба сохтори фарҳанги тафсирӣ маълумот гирифта, онро истифода бурдан; аз фарҳангҳо пайдо кардани калимаи лозима.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва ҷудо кардани калимаҳое, ки ба маънои аслӣ ва маҷозии омадаанд.

Донистан ва ҷудо кардани ҳодисаҳои маъноӣ: муродиф, зидмаъно ва ҳамгунаҳо.

Аз луғатҳои тафсирӣ ва дузабона ҷудо карда тавонистани калимаҳои зарурӣ.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри хабар, баҳодиҳӣ ба жанри хабар.

**Фасли 5. Таркиби калима ва калимасозӣ (6+ 2= 8 соат)**

**I.** Таркиби калима. Реша. Калимаҳои ҳамреша. Пасванд ва пешвандҳо. Асоси калима ва бандак. Бандакҳои изофӣ. Бандакҷонишҳо ва бандакҳои феълию хабарӣ. Калимасозӣ. Роҳҳои асосии калимасозӣ - калимасозӣ бо ёрии пасванд, пешванд ва пасванду пешванд. Бо ҳамроҳ кардани ду ва ё зиёда калима сохта шудани калимаҳои мураккаб.

**II. Мақсадҳо:** Шарҳ додани таркиби калима; асоси калима ва бандакро муайян кардан; оид ба навъҳои бандакҳо маълумот ба даст овардан ва дар нутқ дуруст истифода намудан; пасванду пешвандро аз таркиби калима дуруст ҷудо кардан; оид ба роҳҳои калимасозӣ маълумот ба даст овардан; дар асоси дониши ҳосилкарда калимаҳо сохтан ва дар нутқи хаттӣ дуруст истифода бурдан; риоя намудани қоидаҳои имлои калимаҳо.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Шинохтан ва ҷудо кардани решаи калима, пешванду пасвандҳо, асос ва бандак, таркиби морфологии калима;

Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаю ибораҳое, ки аз якчанд реша ва гурӯҳи калимаҳо ташкил ёфтаанд (интихоб байни калимаҳои мураккаб ва таркибӣ)

Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои дигари нутқ истифода мешаванд.

**Салоҳияти коммуникативӣ:**

Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи хабар.

**Фасли 6. Сарф (морфология). Маълумоти умумӣ дар бораи ҳиссаҳои нутқ: ҳиссаҳои мустақилмаъно ва ёридиҳандаи нутқ (1 соат )**

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки

баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои дигари нутқ истифода мешаванд.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи хабар.

### Фасли 7. Исм (15+4= 19 соат)

**I.** Исм ва аломатҳои морфологии он. Вазифаи исм дар ҷумла. Шумора дар исм. Исмҳои хос ва ҷинс. Ҳарфи калон ва нохунак дар исмҳо. Исмҳои шахс ва ғайришахс. Исмҳои моддӣ ва маънӣ, кулл ва ҷузъ, исмҳои ҷомеъ. Сохти исмҳо. Исмҳои сода ва сохта. Пешванди **ҳам-** ва пасвандҳои исмсози **-ӣ, -гӣ, -гар,-гор,-анда, -гоҳ, -зор, -истон,-дон, -а (-я),-ак, -гарӣ, -иш,-ор.** Пасвандҳои ифодагари маънои хурдию навозиш. Исмҳои мураккаб ва таркибӣ. Ихтисораҳо дар исм.

**II. Мақсадҳо:** Ба кадом ҳиссаи нутқ-мустақилмаъно ва ёридиҳанда тааллуқ доштани калимаро муайян карда тавонистан; аломатҳои сарфию наҳвии исмро тавсиф кардан; донистани воситаҳои ҷамъбандии исмҳо; фарқи исмҳои шахс ва ғайришахсро шарҳ додан; қоидаҳои имлои исми шахсро фаро гирифтан; муқаррар сохтани навъи исмҳо аз ҷумлаю матнҳо; ҳангоми зарурат мустақилона исмҳо сохтан; ба воситаи таҳлили сарфӣ сохти исмҳоро муайян кардан; дар корҳои хаттӣ беғалат истифода бурдан; тартиби сохтани ихтисораҳоро донистан, беғалат шарҳ додан ва имлои онҳоро риоя намудан; бо нимтире навиштани исмҳоро донистан; имлои баёния, лақаб, ному насабро фаро гирифтан; бо ҳарфи калон навиштани ному мақомоти давлатӣ, рамзҳои давлатӣ, унвонҳои фахрӣ, номи воқеаҳои таърихиро донистан; дар навиштани мактуб, забонхат, пур кардани лифофа, имлои исмҳоро риоя кардан.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои

мустақили нутқ;

Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои дигари нутқ истифода мешаванд.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матнҳои ариза, забонхат ва эълон.

## Фасли 8. Феъл ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ (23 + 7 =30 соат)

**I.** Феъл чун ҳиссаи нутқ. Хусусиятҳои сарфии феъл. Вазифаи наҳвии (синтаксисии) феъл дар ҷумла. Шахс ва шумора дар феъл. Тасриф. Бандакҳои феълӣ ва хабарӣ. Феълҳои мустақил ва ёридиҳанда. Асосҳои феъл.

Намудҳои феъл: мутлақ ва давомдор. Феълҳои монда ва гузаранда.

Сиғаҳои феълӣ: хабарӣ, амрӣ, эҳтимолӣ ва шартию хоҳишмандӣ.

Замонҳои феъл. Замони гузашта ва навъҳои он. Феъли замони ҳозира ва ду навъи он: ҳозираи давомдор ва ҳозира-оянда. Феъли замони оянда (хоҳам хонд, хоҳӣ хонд). Пешвандҳои феълсоз (бар-, дар-,боз-, во-, фур-), шаклсоз (ме-, на-) ва пасвандҳои феълсоз ( - ид, -он)

Сохти феълҳо: сода, сохта, таркибӣ ва имлои онҳо.

Масдар ва хусусиятҳои он.

**II. Мақсадҳо:** Хусусиятҳои сарфӣ ва вазифаҳои наҳвии феълро шарҳ додан; оид ба шахсу шумора маълумот ҳосил карда, дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ мувофиқати онҳоро риоя намудан; бандакҳои феълиро аз хабарӣ фарқ кардан ва онҳоро дуруст корбаст кардан; асосҳои феълиро аз таркиби калима фарқ кардан; намудҳои феълро шинохтан; оид ба сиғаҳо маълумот гирифта, дар нутқи шифоҳию хаттӣ онҳоро дуруст истифода бурдан; замонҳои феълро дар ҷумлаҳо муайян кардан ва дар нутқ беғалат истифода бурдан; бар асоси таҳлил сохти феълҳоро дақиқ муқаррар сохтан; муродифоти фаровон доштани феълҳоро донистан ва барои аз такрор худдорӣ кардан онҳоро дурусту

бамавқеъ истифода бурдан. Дар фарҳангҳо дар шакли масдар омадани феълҳоро донистан.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ;

Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои дигари нутқ истифода мешаванд.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли матнҳои латифа, мусоҳиба, ариза.

### Фасли 9. Такрори маводи дар синфи 5 омӯхта (3 соат)

I. Овозҳои нутқ. Калима ва таркиби он. Морфология. Исм ва феъл.

II. Мақсадҳо: Дар матн муайян кардани ҳиссаҳои нутқ (исм ва феъл).

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:** Дар матн ҷудо кардани калима, маълумоти умумӣ дар бораи ҳиссаҳои нутқ ва ҷумла, аъзоҳои ҷумла.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:** Донистан ва шарҳ дода тавонистани калимаҳо дар нутқ.

## БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БАРОИ СИНФИ VI

### Фасли 1.Забон ва сухан (1 соат)

I.Забони тоҷикӣ яке аз забонҳои қадима ва шево. Муносибати забони тоҷикӣ ва забонҳои форсию дарӣ.

**II. Мақсадҳо:** Тасаввуроти ҷузъӣ (одӣ) ҳосил кардан дар бораи қадимӣ будани забони тоҷикӣ. Ба таври мухтасар маълумот гирифтан оид ба мавқеи забон.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:** Ба вазифаи забон дар

ҷамъият сарфаҳм рафтан, мавқеи забонро дар ҳаёти сиёсию фарҳангии ҷомеа дар сатҳи дониши андӯхта шарҳ додан, рисолати забони давлатӣ, забони модариро дарк кардан.

**Фасли 2. Такрори дарсҳои синфи 5. Фонетика. Сарф ва наҳв (5 + 2=7).** Имлои фонемаҳои садонок ва ҳамсадо. Аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои сода ва мураккаб. Роҳҳои калимасозӣ. Сохти исмҳо. Сиға ва замонҳои феъл.

**II. Мақсадҳо:** Мафҳумҳои овошиносӣ (фонетика), имло ва орфоэпия (талаффузи дуруст)-ро аз худ кардан; роҳҳои калимасозиро донистан, аломатҳои китобиро дуруст гузоштан ва вазифаи онҳоро дар нутқ донистан.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ;

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни табрикнома, латифа.

**Фасли 3. Сифат (26 + 5= 31 соат)**

**I.** Сифат чун ҳиссаи нутқ. Хусусиятҳои сарфии (морфологии) сифат. Вазифаҳои наҳвии (синтаксисии) сифат дар ҷумла. Навъҳои сифат: аслӣ ва нисбӣ. Дараҷаҳои сифат. Алоқаи сифат бо исм.

Калимасозии сифат. Пасвандҳои (суффиксҳои) сифатсози –**ӣ, -гӣ, -вӣ, -ин, -гин, -о, -он, -она (-ёна, -вона, -гона), -нок, -манд, -а, -я, ак, -ча, тоб,- фом.**

Пешвандҳои (префиксҳои) сифатсози **ба-, бо-, бе,-то, дар-, но-.**

Сохти сифатҳо: сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ. Роҳҳои сохта шудани сифатҳои мураккаб. Ба вазифаи исм омадани сифатҳо. Имлои сифатҳо.

Корҳои амалӣ барои мустаҳкам намудани дониш ва маҳорату малака.

**II. Мақсадҳо**: Сифатро дар ҷумла ва матн муайян кардан; оид ба вазифаи наҳвии сифат маълумот гирифтан ва зимни таҳлил он вазифаҳоро шарҳ додан; дар асоси муқоиса навъҳои сифат, сифатҳои аслӣ ва нисбиро муқаррар кардан; дараҷаҳои сифатро фаро гирифтан ва дар нутқи шифоҳию хаттӣ дуруст истифода кардан. Роҳу воситаҳои сохта шудани сифатро донистан ва бо пасванду пешвандҳо сифат сохтан ва дар нутқ истифода бурдан; сохти сифатҳоро ба воситаи таҳлили калимасозӣ муқаррар сохтан; муайян кардани тобишҳои маъноии пасвандҳои сифатсоз; муродифу мутазоди сифатҳоро дуруст интихоб кардан; дар нақлу иншоҳо бо истифодаи сифатҳои мувофиқ образҳои барҷаста офаридан; имлои сифатҳоро фаро гирифтан.

**III**. **Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ;

Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои нутқ истифода мешаванд.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Дарк, баҳодиҳӣ ва тағйир додан ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли матнҳои тасвирӣ, тавсифнома.

### Фасли 4. Сифати феълӣ (8 + 3= 11 соат)

I. Мафҳуми сифати феълӣ. Сифати феълӣ шакли махсуси феъл. Фарқи сифати феълӣ аз сифат. Вазифаи наҳвии сифати феълӣ дар ҷумла. Пасвандҳои сифати феълисоз **(-анда,-а,-ӣ).**

Замонҳои сифати феълӣ ва шаклҳои он. Имлои сифати феълӣ: сифатҳои феълӣ бо суффикси **–анда, -а** сохташуда, сифатҳои феълии аз феъли таркибии номӣ ва ибораҳои пешояндӣ сохташуда ва сифатҳои феълии замони оянда бо пасванди - ӣ

**II.Мақсадҳо:** Мафҳуми сифати феълиро шарҳ додан; шакли махсуси феъл будани сифати феълиро муайян кардан; сифати феълиро аз сифат фарқ кардан ва дар нутқи шифоҳию хаттӣ дуруст истифода бурдан; аз ҷумла ва матн сифатҳои феълиро ёфтан ва замонҳои онҳоро шарҳ додан; тартиб додани ҷумла ва матнҳо, ки дар онҳо сифатҳои феълӣ истифода шуда бошанд.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ;

Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои нутқ истифода мешаванд.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Тағйир додан ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли матни жанрҳои тасвир ва латифа.

### Фасли 5. Феъли ҳол ( 7 +1=8 соат)

I .Мафҳуми феъли ҳол. Феъли ҳол - шакли махсуси феъл. Вазифаи феъли ҳол дар ҷумла; Шаклҳои мутлақ ва давомдори феъли ҳол. Пасвандҳои хоси феъли ҳол. Замонҳои феъли ҳол. Фарқи феъли ҳол аз сифати феълӣ ва зарф. Имлои феъли ҳол: якҷоя, бо нимтире ва ҷудо навиштани феъли ҳол.

**II. Мақсадҳо:** Мафҳуми феъли ҳол ва шакли махсуси феъл будани онро шарҳ додан; муқаррар кардани вазифаи феъли ҳол; оид ба шаклҳои мутлақу давомдори феъли ҳол маълумот ба даст овардан ва онҳоро дар ҷумла ва матн муайян сохтан; фарқ кардани феъли ҳол аз сифати феълӣ; дар нутқи шифоҳию хаттӣ дурусту бамавқеъ истифода бурдан; беғалат навиштани феъли ҳол дар корҳои хаттӣ.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии

ҳиссаҳои мустақили нутқ;

Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои дигари нутқ истифода мешаванд.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Тағйир додан ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли матни жанри дархост.

**Фасли 6. Шумора ( 12+5 = 17 соат)**

I. Шумора чун ҳиссаи нутқ. Хусусиятҳои сарфии шумора. Вазифаи наҳвии шумора дар ҷумла. Навъҳои шумора: миқдорӣ (аслӣ, тахминӣ ва касрӣ) ва тартибӣ.

Сохти шумора: сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ. Нумеративҳо ва мавриди истифодаи онҳо. Мувофиқати шумора бо исм ва феъл (хабар) дар ҷумла.

Имлои шумора.

II. **Мақсадҳо:** Хусусиятҳои сарфии шумораро донистан ва шарҳ додани вазифаи наҳвии он дар ҷумла; шумораро аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқ кардан; навъҳои шумораро хуб шинохтан ва дар нутқи шифоҳию хаттӣ ва ҳуҷҷатҳои расмии коргузорӣ дуруст ба кор бурдан; хусусиятҳои фарқкунандаи шумораи миқдориро аз тартибӣ донистан; бо истифода аз маҳорату малакаҳои аз таҳлили калимасозӣ ба даст оварда, сохти шумораҳоро муқаррар кардан. Истифодаи дуруст ва беғалати нумеративҳо дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ; дар нутқи шифоҳию хаттӣ риоя кардан ба мувофиқати шумора бо исм ва феъл (хабар). Риоя кардан ба имлои шумора.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ;

Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои нутқ истифода мешаванд.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Дарк ва баҳодиҳӣ ба матнҳои хаттӣ дар мисоли жанрҳои эълон ва нома.

**Фасли 7. Ҷонишин ( 18+5 = 23 соат)**

I. Ҷонишин чун ҳиссаи нутқ. Вазифаи наҳвии ҷонишин дар ҷумла. Навъҳои ҷонишин: ҷонишинҳои шахсӣ (ҷонишинҳои шахсии танҳо ва ҷамъ). Муродифҳои ҷонишини ман (банда, фақир, камина.). Бандакҷонишинҳои шахсии соҳибӣ. Ҷонишинҳои нафсӣ (таъкидӣ), саволӣ, ишоратӣ, таъинӣ, номуайянӣ ва манфӣ.

Сохти ҷонишинҳо: сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ.

Имлои ҷонишинҳо: якҷоя; ҷудо ва бо нимтире навишта шудан.

II. Дар муқоиса бо дигар ҳиссаҳои нутқ муайян кардани мавқею вазифаи ҷонишин; барои пешгирии такрори ноҷо дар мавқеаш истифода бурдани ҷонишинҳо; навъҳои ҷонишинро аз ҳам фарқ ва дар нутқ бамавқеъ истифода кардан; тарзи ифода бо бандакҷонишинро донистан; фарқ кардани бандакҷонишин аз бандаки феълӣ; сохти ҷонишинҳоро бар асоси таҳлил муқаррар намудан; ҷонишинҳои **мо, ман ва шумо**-ро донистану фарқ кардан ва дар нутқи шифоҳию хаттӣ бамавқеъ истифода бурдан; имлои ҷонишинҳоро донистан ва роҳ надодан ба ғалатнависӣ.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ;

Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои нутқ истифода мешаванд.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Тағйир додан ва таҳияи матнҳои хаттӣ дар мисоли жанрҳои дархост, ариза ва нома.

**Фасли 8. Такрори маводи дар синфи 6 омӯхта (4 соат)**

I. Сифат, сифати феълӣ, феъли ҳол, шумора, ҷонишин.

II. Мақсадҳо: Дар матн муайян кардани ҳиссаҳои нутқ (сифат, шумора, ҷонишин).

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:** Дар матн ҷудо кардани сифат, маълумоти умумӣ дар бораи ҳиссаҳои нутқ ва ҷумла.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:** Донистан ва шарҳ дода тавонистани ҳиссаҳои нутқ дар матн.

## БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БАРОИ СИНФИ VII

**Фасли 1. Забон ва сухан (1+1=2 соат)**

**I.** Забони тоҷикӣ– яке аз забонҳои фасеҳу равон ва шево.

**II.Мақсадҳо:** Дарки нақши забон дар ҳаёти ҷомеа; зебоӣ, фасеҳию равонӣ ва гӯшнавозии забони тоҷикӣ;

**III. Салоҳиятҳо**

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:** Ба мавқеъ ва вазифаи забон дар ҷамъият сарфаҳм рафтан, мақоми суханро дар ҳаёти иҷтимоӣ дар ҳадди дониши андӯхта шарҳ додан, вазифаю нақши забон ва суханро дарк кардан.

**Фасли 2.Такрор ва ҷамъбасти маводи дар синфи 6 омӯхта ( 4+1=5 соат)**

**I.** Феъли ҳол ва замонҳои он, сифат ва сифати феълӣ, шумораю ҷонишинҳо ва навъҳои онҳо. Услубҳои забон: услуби публисистӣ.

**II. Мақсадҳо:** Мафҳуми грамматикии феъли ҳол, сифати феълиро донистан ва шарҳ додан; дар бораи хусусиятҳои сарфии шумора маълумот доштан; донистани навъҳои шумора; дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода бурдани ҷонишинҳо;

**III. Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ,

хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ**

Дарк, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни хаттӣ.

**Фасли 3. Зарф (12 +4=16 соат)**

**I**. Зарф чун ҳиссаи нутқ. Хусусиятҳои сарфии (морфологии) зарф. Фарқи зарф аз сифат. Вазифаи наҳвии зарф дар ҷумла.

Навъҳои зарф: тарзи амал, миқдору дараҷа, замон, макон, сабаб ва мақсад.

Калимасозии зарф: пасванд (суффикс) ва пешвандҳои (префиксҳои) зарфсоз.

Сохти зарф: сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ. Имлои зарф.

**II. Мақсадҳо:** Мафҳуми луғавию грамматикии зарфро донистан ва шарҳ додан; дар бораи хусусиятҳои сарфии зарф маълумот доштан; дараҷаи қиёсӣ дар зарф; донистани фарқи зарф аз сифат; донистани роҳҳои калимасозии зарф ва бо пасванду пешвандҳо зарф сохтан; навъҳои зарфро аз рӯйи маъно гурӯҳбандӣ намуда, дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода бурдан; муайян кардани зарфҳои мураккаб ва таркибӣ ва дар корҳои хаттӣ ба имлои онҳо риоя кардан.

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ

Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаю ибораҳо, ки аз якчанд реша ва гурӯҳи калимаҳо ташкил ёфтаанд (интихоб байни калимаҳои мураккаб ва таркибӣ)

Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои нутқ истифода мешаванд

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ**

Дарк, баҳодиҳӣ, тағйир додан ва таҳияи матни хаттӣ аз рӯйи намунаи матнҳои варақа, шарҳи ҳол.

**Фасли 4. Калима (лексика) ва таъбирҳо (фразеологизмҳо) (14+4= 18 соат)**

**I. Маънои луғавии калима.** Калимаҳои аслии тоҷикӣ. Калимаҳои иқтибосӣ. Сабабҳои асосии иқтибос шудани калимаҳо дар забон. Луғати калимаҳои хориҷӣ (иқтибосӣ).

Калимаҳои куҳна ва калимаҳои нав. Сабабҳои асосии аз истеъмол баромадану воридшавии калимаҳои нав дар забон.

Калимаҳои умумиистеъмолӣ, шевагӣ ва мавриди истифодаи онҳо. Таърихи баромади баъзе калимаҳо.

Луғати тафсирӣ.

Таъбирҳо (фразеологизмҳо) чун фасли лексикология. Фразеологизмҳо ва фарқи онҳо аз калимаю ибораҳои озод. Фразеологизмҳо ва махсусияти онҳо. Хусусияти муродифӣ (муродифӣ), зидмаъноӣ (зидмаъноӣ) ва ҳамгунагии (ҳамгунаии) фразеологизимҳо. Фразеологизмҳо ва асарҳои бадеӣ. Фразеологизмҳо ва таърихи фарҳанги миллӣ.

Аҳамияти фразеологизмҳо дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ

Луғати фразеологизмҳо.

**II. Мақсадҳо:** Калимаҳои маъмулро аз калимаҳои номаъмул фарқ кардан; мавқеи истифодаи калимаҳои шевагиро донистан; мавқеи истифодаи калимаҳои шевагиро дар асарҳои бадеӣ муайян сохтан; калимаҳои махсус будани истилоҳотро донистан; хусусиятҳои калимаҳои аслии тоҷикиро донистан; аз луғатҳои тафсирӣ истифода бурдан.

Оид ба хусусиятҳои фразеологизмҳо маълумот ба даст овардан; фразеологизмҳоро аз калима ва ибораи озод фарқ кардан, фразеологизмҳоро шарҳ додан; вобаста ба вазъият дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ бамаврид истифода бурдан; муродифҳо ва мутазоди фразеологизмҳоро пайдо кардан; барои аниқ кардани маънои фразеологизмҳо аз фарҳангҳои фразеологӣ истифода бурдан.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Навъҳои калима аз рӯйи маъно, калима ва таъбирҳо, калимаҳои соҳавӣ, шевагӣ, кор бо луғатҳо

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ**

Дарк ва баҳодиҳӣ ба матни хаттӣ дар мисоли жанри ҳисобот ва адрес.

**Фасли 5. Ҳиссаҳои номустақили нутқ (1 соат)**

**I.**Маълумоти умумӣ дар бораи ҳиссаҳои номустақили нутқ .

**II**. **Мақсадҳо:** Оид ба ҳиссаҳои номустақили нутқ маълумот гирифта, дар нутқи шифоҳию хаттӣ дурусту бамавқеъистифода бурдан.

**III.Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ**

Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри ҳисобот.

**Фасли 6. Пешоянд ва пасояндҳо (12 + 4=16 соат)**

**I.** Пешоянд чун ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ. Маъною вазифаи грамматикии пешоянду пасояндҳо. Навъҳои пешоянд: пешояндҳои аслӣ ва пешояндҳои номӣ. Пешояндҳои аслии *аз, ба, бо, дар, барои, то*; пешояндҳои номии *пеши, назди, рӯйи , болои, паси, ғайри, ҷуз.*

Сохти пешояндҳо: содаи беизофа (*аз, бо, ба, бе, дар, то, ҷуз*); содаи изофӣ (*пеши, рӯйи, болои, паси, барои, ҳангоми*) ; таркибии изофӣ (*ба пеши, дар назди, ба рӯйи, аз паси, ба тариқи, аз хусуси, дар вақти*); таркибии беизофа ( *ба ҷуз, ҷуз аз, то ба, баъд аз, пеш аз, нисбат ба , оид ба, ғайр аз).*

Пешояндҳои такрор: *рӯ-рӯйи, пас-паси, пеш-пеши, лаб-лаби.*

Ба ҷойи якдигар омадани пешояндҳо.

Имлои пешояндҳо.

Пасоянд. Вазифаи грамматикии пасоянд.

Пасояндҳои аслӣ:*-ро, барин*

Пасояндҳои номӣ: *пеш, пас, қабл, баъд, боз, инҷониб,*

*замон.*

Имлои пасоянд.

**II.Мақсадҳо:** Пешояндҳоро аз пешванд фарқ кардан; пешояндҳои номиро аз калимаҳои мустақил фарқ кардан; пешоянди аслиро аз номӣ фарқ кардан; ба тобишҳои маъноии пешояндҳо сарфаҳм рафтан; фарқи пешоянди изофӣ ва беизофаро мушаххас сохтан; шинохтани пешоянди таркибии изофӣ ва беизофа; ба имлои пешоянд риоя кардан.

Вазифаи грамматикии пасоянди -*ро*, пасояндҳои номӣ ва аслиро фарқ кардан; вазифаи пасоянд ва пешояндҳоро муқаррар намудан.

**III.Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:** Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни анкета, тавсифнома

**Фасли 7. Пайвандакҳо (12 + 4= 16 соат)**

I.Пайвандак чун ҳиссаи номустақили нутқ. Навъҳои пайвандак аз рӯйи маъноҳои грамматикӣ: пайвасткунада ва тобеъкунанда. Пайвандакҳои пайвасткунанда: пайиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ.

Пайвандакҳои тобеъкунанда: замон, макон, тарзи амал, миқдору дараҷа, сабаб, шарт, хилофӣ ва ғайра: вақте ки, ҳар ҷо ки, азбаски, то ки…

Пайвандакҳо аз рӯйи сохт: сода, мураккаб ва таркибӣ. Имлои пайвандакҳо.

**II. Мақсадҳо:** Вазифаи пайвандакҳоро шарҳ додан; навъҳои пайвандакҳоро шинохтан; пайвандакҳои пайвасткунанда ва тобеъкунандаро аз рӯйи вазифа фарқ кардан ва дар нутқ дуруст истифода бурдан; таҳлили сарфӣ карда тавонистан.

**III.Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ**

Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри тасвир, тавсифнома.

**Фасли 8. Ҳиссачаҳо (8+ 3= 11 соат)**

1.Маълумоти умумӣ оид ба ҳиссача чун ҳиссаи номустақили нутқ. Навъҳои ҳиссача: саволӣ, тасдиқӣ, инкорӣ, таъкидӣ, маҳдудӣ ва орзумандӣ. Сохт ва имлои ҳиссача.

Ҳиссачаҳо ва асарҳои бадеӣ. Мавқеи ҳиссачаҳо дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ.

Аломати китобат ва ҳиссачаҳо.

**II.Мақсадҳо:** Ҳиссачаҳоро аз рӯйи вазифа ва моҳият шинохтан; ба кадом калима ва ҷузъи матн тобиши маъноӣ додани ҳиссачаро муайян кардан; дуруст истифода бурдани ҳиссачаҳо барои ифодаи муносибат, воқеият ва интиқоли тобишҳои гуногуни маъноӣ; мувофиқи меъёри забони адабӣ талаффуз кардани навъҳои ҳиссача; зарурати донистани мавқеи аломатҳои китобат дар навишти ҳиссачаҳо.

**III.Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ**

Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои варақа, дастурамал (инструксия)

**Фасли 9. Нидо (7+3=10 соат)**

**I**. Нидо чун ҳиссаи номустақили нутқ. Вазифаи нидо дар ҷумла. Навъҳои нидо аз рӯйи маъно. Нидоҳои ифодакунандаи ҳиссиёту ҳаяҷон (эҳсосот) ва нидоҳои ифодакунандаи ирода (амру хоҳиш). Сохти нидо. Имлои нидо.

**II. Мақсадҳо:** Махсусияти грамматикии нидоҳоро муайян кардан; аз рӯйи маъно ва навъҳо нидоҳоро шинохтан.

Дуруст ва бамавқеъ истифода бурдани нидо барои

ифодаи эҳсосот, шаклҳои муносибат, амр ва фармоиш; риояи дурусти имлои нидо.

**III.Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустакили нутқ

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ**

Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои дастурамал, варақа

**Фасли 10. Калимаҳои тақлидӣ (2+1=3 соат)**

**I.** Калимаҳои тақлидӣ ва хусусиятҳои онҳо. Тобишҳои маъноии калимаҳои тақлидӣ. Имлои калимаҳои тақлидӣ.

**II. Мақсадҳо:** Калимаҳои тақлидиро аз нидо фарқ кардан; дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ бамавқеъ истифода бурдан; мавқеъ ва ҷойи калимаҳои тақлидиро дар асарҳои бадеӣ мушоҳида кардан.

**III.Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ**

Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои тасвир.

**Фасли 11. Такрори маводи дар синфи 7 омӯхтшуда (4+1=5 соат)**

I. Овозҳои нутқ. Сарф. Ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқ.

II. Мақсадҳо: Дар матн муайян кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ (зарф, пайвандакҳо ва ҳиссачаҳо, нидо).

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:** Дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои нутқ, маълумоти умумӣ дар бораи ҳиссаҳои нутқ ва ҷумла.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:** Донистан ва шарҳ дода тавонистани калимаҳо дар нутқ.

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БАРОИ СИНФИ VIII

**Фасли 1. Забон ва сухан (1 соат)**

**I.** Нақши забони тоҷикӣ дар ҳаёти ҷомеа ва давлат дар замони муосир;

**II. Мақсадҳо:** Дарки нақши забони тоҷикӣ дар хаёти ҷомеа.

**III. Салоҳиятҳо**

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:** Донад, ки дар забон фарҳанг ва таърихи халқ инъикос меёбад. Одоби муомила дар нутқ.

**Фасли 2. Такрори маводи дар синфи 7 омӯхташуда (3 соат)**

I. Овозҳои нутқ.  Сарф. Ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқ.

II. Мақсадҳо: Дар матн муайян кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ (зарф, пайвандакҳо ва ҳиссачаҳо, нидо).

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:** Дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои нутқ, маълумоти умумӣ дар бораи ҳиссаҳои нутқ ва ҷумла.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:** Донистан ва шарҳ дода тавонистани калимаҳо дар нутқ.

**Фасли 3. Ибора ва ҷумла  (6+ 2= 8 соат)**

**1.** Мафҳуми  ибора. Ибора ва хусусиятҳои асосии он. Фарқи ибора аз калима ва ҷумла. Навъҳои асосии ибора: номӣ ва феълӣ. Алоқаи калимаҳо дар ибора: изофӣ, вобастагӣ (пешояндиву пасояндӣ) ва ҳамроҳӣ.

**II. Мақсадҳо:** Аз ҷумлаҳо ҷудо кардани ибораҳо; калимаҳои асосӣ ва тобеъро муайян сохтан; хусусиятҳои асосии ибораро донистан; ибораро аз калима ва ҷумла фарқ кардан; ба алоқаи калимаҳо дар ибора сарфаҳм рафтан; дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дурусту бамавқеъ истифода бурдан.

Ҷумла ва хусусиятҳои он.

Мафҳуми ҷумла. Хусусиятҳои асосии ҷумла ва фарқи

он аз  калима ва ибора.

Навъҳои ҷумлаи сода: хабарӣ (ҳикоягӣ), саволӣ, амрӣ ва хитобӣ. Алоқаи калима дар ҷумла. Унсурҳои асосии оҳанги талаффуз (задаи мантиқӣ, ист, суръат, мавзуният)

Муайян кардани ҳудуди ҷумла ва роҳҳои ифодаи он дар асоси муқоисаи ҷумлаҳо, аз калимаю ибора фарқ кардан, шинохтани навъи ҷумлаҳо аз рӯи мақсади баён: тасдиқӣ ё инкорӣ, махсусиятҳои маъноии ҷумларо вобаста ба мақсад муайян ва таҳлил кардан; дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дуруст истифода бурдан ва аломатҳои китобати мувофиқро гузоштан; ҷумлаҳои  худ ва дигаронро таҳрир кардан.

Ҷумлаҳои содаи дутаркиба

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла

Шинохтан ва ҷудо кардани хелҳои ҷумлаи сода

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри лутфи латиф (комплимент), баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни лутфи латиф

**Фасли 4. Сараъзоҳо – асоси грамматикии ҷумла (5+2= 7 соат)**

**1.** Асосҳои грамматикии ҷумла. Сараъзоҳои ҷумла. Мубтадо  ва ифодаи он. Мубтадо аз ҷиҳати сохт: сода ва таркибӣ.

Хабар ва ифода шудани он. Навъҳои хабар: хабари феълӣ ва номӣ. Хабарҳои феълии сода ва хабарҳои номии таркибӣ.

Мувофиқати хабар бо мубтадо.

Тире дар байни мубтадо ва хабар.

**II.Мақсадҳо:** Асосҳои грамматикиро дар ҷумла муайян кардан; аниқ сохтани мавҷудияти аъзоҳои ҷумлаи содаи дутаркиба; роҳҳои ифодаи мубтадоро шарҳ додан; муқаррар сохтани мубтадо аз ҷиҳати сохт; хабар ва тарзи

ифодаи онро шарҳ додан; навъҳои хабарҳоро фарқ кардан ва аз ҷиҳати таркиб муайян карда тавонистан; мувофиқати хабар ва мубтадоро дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ риоя кардан; мавқеи аломати тире дар байни мубтадо ва хабарро донистан.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри репортаж, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни репортаж

**Фасли 5. Аъзоҳои пайрави ҷумла (10 + 4= 14 соат)**

**I.** Маълумот оид ба аъзоҳои пайрави ҷумла. Пуркунанда ва ифодашавии он. Навъҳои пуркунанда: пуркунандаи бевосита ва бавосита. Пуркунандаи бевосита ва роҳҳои ифода шудани он. Пуркунандаи бавосита ва роҳҳои ифода шудани он.

Муайянкунанда ва ифода шудани он. Муайянкунандаи изофӣ ва беизофӣ. Баёния ва фарқи он аз муайянкунанда.

Ҳол. Навъҳои ҳол: замон, макон, тарзи амал, миқдору дараҷа, мақсад, сабаб, шарт. Роҳҳои ифода шудани ҳол дар ҷумла.

**II. Мақсадҳо:** Аъзои пайрави ҷумларо фарқ кардан; навъҳои пуркунандаро дар ҷумлаҳо шинохтан; мавқеи муайянкунандаро донистан; навъҳои муайянкунандаро фарқ кардан; баёнияро аз муайянкунанда ҷудо кардан; навъҳои ҳолро зимни таҳлил муқаррар кардан ва дар нутқ бамавқеъ истифода бурдан.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла;

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри аннотатсия, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни

аннотатсия;

**Фасли 6. Ҷумлаи содаи яктаркиба (5 + 2= 7 соат)**

**I.** Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаи содаи яктаркиба. Сараъзоҳо дар ҷумлаҳои содаи яктаркиба. Навъҳои ҷумлаи содаи яктаркиба: муайяншахс, номуайяншахс, умумишахс ва бешахс. Ҷумлаи унвонӣ. Сохтор ва махсусияти маъноии онҳо. Оҳанги талаффуз дар ҷумлаи содаи яктаркиба

**II. Мақсадҳо:** Дар муқоиса ҷумлаи содаи яктаркибаро аз дутаркиба фарқ кардан; дар ҷумлаи содаи яктаркиба муайян кардани сараъзоҳо; навъҳои ҷумлаи содаи яктаркибаро ба ҳам муқоиса кардан ва шарҳ додани махсусиятҳои онҳо; таҳлил ва тавсиф кардани ҷумлаҳои содаи яктаркиба; ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахсро ба дутаркиба ва номуайяншахс, умумишахсро ба бешахс баргардонидан.

Фарқ кардани ҷумлаи унвонӣ аз калимаю ибораҳои озод; дар нутқ васеъ истифода бурдани ҷумлаҳои содаи яктаркиба; аз матн ҷудо кардани ҷумлаи содаи яктаркиба.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла.

Шинохтан ва ҷудо кардани хелҳои ҷумлаи сода.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри эссе, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни анкета.

**Фасли 7. Ҷумлаи пурра ва нопурра (1 соат)**

**I.** Маълумот дар бораи ҷумлаи пурра ва нопурра. Махсусияти истифодаи ҷумлаи нопурра дар нутқи шифоҳӣ ва дар забони асарҳои бадеӣ.

**II. Мақсадҳо:** Дар муқоиса муайян кардани фарқи ҷумлаи пурра аз нопурра.

Махсусияти истифодаи ҷумлаи нопурраро дар нутқи шифоҳӣ ва забони асарҳои бадеӣ ба мушоҳида гирифтан.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла;

Шинохтан ва ҷудо кардани хелҳои ҷумлаи содда.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Дарки матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли жанри лутфи латиф, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни анкета.

**Фасли 8. Ҷумлаи чидааъзо (4+2=6 соат)**

**I.**Маълумот дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо. Шарти чидашавии аъзоҳои ҷумла. Воситаҳои алоқаи аъзоҳои чида. Чида шудани мубтадо, хабар, пуркунанда, муайянкунанда ва ҳол. Махсусияти оҳанги талаффуз ва аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои чидааъзо. Калимаҳои хулосакунанда дар ҷумлаҳои чидааъзо. Аломати тире пеш аз калимаи хулосакунанда. Муайянкунандаҳои чида ва ғайричида. Имкониятҳои услубии ҷумлаҳои чидааъзо.

**II.Мақсадҳо:** Шарти чидашавии аъзои ҷумларо дарк кардан; шинохтани ҷумлаҳои чидааъзо; ба оҳанги дуруст риоя карда хондани ҷумлаҳои чидааъзо (бо пайвандак, бепайвандак, калимаҳои хулосакунанда); дар муқоиса фарқ кардани ҷумлаи чидааъзо аз ҷумлаи ғайричидааъзо.

Ҷумлаҳои чидааъзоро таҳлил ва арзёбӣ кардан; дар нутқ дуруст ва бамавқеъ истифода бурдани ҷумлаҳои чидааъзо; аз асарҳои бадеӣ муайян кардани ҷумлаҳои чидааъзо.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Дарк, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни тавсифнома.

**Фасли 9. Мухотаб ( 2 соат )**

**I.** Мухотаб ва вазифаи он. Мухотаб ва ифода шудани он. Оҳанги хониши ҷумлаҳои мухотабдор. Аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои мухотабдор. Фарқи мухотаб аз

мубтадо.

Мавқеъ ва аҳамияти мухотаб дар нутқ.

**II.Мақсадҳо:** Вазифаи асосии мухотабро дарк кардан; шинохтани мухотаб ,ба оҳанг риоя карда хондани ҷумлаҳои мухотабдор; аз мубтадо фарқ кардани мухотаб; таҳлил кардан ва арзёбии истифодаи бамавқеъи мухотаб дар нутқ; аз матнҳо ҷудо кардани ҷумлаҳои мухотабдор; ба мушоҳида гирифтани махсусияти истифодаи мухотаб дар матнҳои услубашон гуногун.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни лутфи латиф (комплимент)

**Фасли 10. Калима ва ибораҳои туфайлӣ (3+2=5 соат)**

**I.** Калимаю ибораҳои туфайлии ҷумла. Навъҳои калимаю ибораҳои туфайлӣ аз ҷиҳати маъно ва ҷойи онҳо дар ҷумла

**II. Мақсадҳо:** Вазифаи калимаю ибораҳои туфайлиро дар нутқ дарк кардан; шинохтан ва дуруст хондани ҷумлаҳои калимаю ибораи туфайлидор; аз рӯйи маъно ба навъҳо ҷудо кардани калимаю ибораҳои туфайлӣ; Калимаю ибораҳои туфайлиро чун воситаи алоқаи ҷумлаҳо ва ҷузъҳои матн истифода бурдан; аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои калимаю ибораи туфайлидор; аз матнҳо ҷумлаҳои калима ва ибораҳои туфайлидорро ҷудо карда, вазифаю маънои онҳоро шарҳ додан; дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дурусту бамавқеъ истифода бурдани калима ва ибораҳои туфайлӣ.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Дарк, баҳодиҳӣ ба матни тақриз

**Фасли 11. Аъзоҳои истисноии (иловагии) ҷумла (4 + 2= 6 соат)**

**I.** Маълумоти умумӣ дар бораи аъзои истисноии ҷумла. Махсусияти маъноӣ, оҳанги талаффуз ва аломатҳои китобати ҷумлаҳои аъзои истиснодор.

Баёнияи истисноӣ чун навъи махсуси аъзоҳои истисноии ҷумла. Пуркунанда, муайянкунанда ва ҳоли истисноӣ. Мубтадо ва хабари истисноӣ.

**II. Мақсадҳо:** Моҳият ва вазифаи аъзоҳои истисонии ҷумларо дарк кардан; махсусияти маъноӣ, оҳанги талаффузи ҷумлаҳои аъзоҳои истисноидоштаро шарҳ додан; мавқеи аломатҳои китобатро муқаррар сохтан; ба оҳанги хониш риоя кардан; баёнияи истиноиро фарқ кардан; пуркунанда, муайянкунанда ва ҳоли истисноиро дар ҷумлаҳо шинохтан; дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ бамавқеъ истифода бурдан.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни аннотатсия

**Фасли 12. Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда (2 + 2= 4 соат)**

**I.** Маълумот дар бораи хусусиятҳои асосии нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда. Сухани муаллиф дар дохили нутқи айнан нақлшуда.

Аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои нутқи айнан нақлшуда. Оҳанги хониши ҷумлаҳои нутқи айнан нақлшуда.

Роҳҳои ба нутқи мазмунан баргардонидани нутқи айнан нақлшуда. Мавқеи нутқи айнан нақлшуда дар муколама ва асарҳои бадеӣ.

**II.Мақсадҳо:** Махсусиятҳои нутқи айнан нақлшударо донистан; фарқ кардан; аз матн ҷудо карда тавонистани

нутқи муаллиф; мавқеи аломатҳои китобатро дар ҷумлаҳои нутқи айнан нақлшудадор дуруст муайян кардан; ба оҳанги хониш риоя кардан; дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дуруст истифода кардани нутқи айнан нақлшуда; мавқеи нутқи айнан нақлушдаро дар муколама ва асарҳои бадеӣ ба мушоҳида гирифтан.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни тақриз

**Фасли 13. Такрори маводи дар синфи 8 омӯхташуда (4 соат)**

I. Наҳв. Сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумла.

II. Мақсадҳо: Дар матн муайян карда тавонистани аъзоҳои ҷумла. Мубтадо, хабар ва вазифаи онҳо дар навъҳои ҷумлаҳо.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:** Дар матн ҷудо кардани навъҳои ҷумлаи сода, маълумоти умумӣ дар бораи ҷумла.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:** Донистан ва шарҳ дода тавонистани аъзоҳои ҷумла дар нутқ.

## БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БАРОИ СИНФИ IX

**Фасли 1. Забон ва сухан (1 + 1 = 2 соат)**

**1.**Умумияти забон яке аз муҳимтарин рамзҳои миллӣ: забони ягона ва барои соҳибони забон ягона: шеваҳо-шохаҳои забони умумихалқӣ. Забон ҳодисаи чамъиятӣ буда, ҳамеша дар инкишоф аст.

**II. Мақсадҳо:** Барои ҳамаи аъзоёни ҷамъият баробар хидмат кардани забонро донистан; яке аз рамзҳои миллӣ будани онро ба таври комил дарк намудан; шохаҳои забони

умумихалқӣ будани забонро шарҳ додан; бо овардани мисолҳо собит намудан, ки забон падидаи иҷтимоист ва он ҳамеша рушдёбанда мебошад.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Ба мавқеъ ва вазифаи забони тоҷикӣ дар ҷамъият сарфаҳм рафтан, мақоми забони тоҷикиро дар ҳаёти иҷтимоӣ дар ҳадди дониши гирифташуда шарҳ додан, рисолати забони тоҷикиро чун забони миллӣ дарк кардан.

**Фасли 2. Такрори маводи дар синфи 8 омӯхташуда (4 +1=5 соат)**

I. Синтаксис. Сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумла.

II. Мақсадҳо: Дар матн муайян карда тавонистани аъзоҳои ҷумла. Мубтадо, хабар ва вазифаи онҳо дар навъҳои ҷумлаҳо.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:** Дар матн ҷудо кардани навъҳои ҷумлаи сода, маълумоти умумӣ дар бораи ҷумла.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:** Донистан ва шарҳ дода тавонистани аъзоҳои ҷумла дар нутқ.

**Фасли 3. Ҷумлаи мураккаб (1+1= 2 соат)**

**I**.Мафҳуми ҷумлаи мураккаб. Фарқи он аз ҷумлаи сода. Ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаб. Асосҳои грамматикии ҳар як ҷумлаи сода. Воситаҳои алоқаи ҷумлаи мураккаб – пайвандакҳо, интонатсия (оҳанги талаффуз) ва калимаҳои ҳамнисбат.

**II**. **Мақсадҳо:** Мафҳуми ҷумлаи мураккабро донистан ва шарҳ додан; фарқ кардани ҷумлаи мураккаб аз ҷумлаи сода; асосҳои грамматикии ҳар як ҷумлаи содаро муайян кардан ва дутаркиба будани онро шарҳ додан; воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккабро пайдо кардан ва ҷумлаҳо тартиб додан.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора,

ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла;

Шинохтан ва ҷудо кардани ҷумлаҳои мураккаб дар матн, пайвандакҳо дар ҷумлаҳои мураккаб, хелҳои ҷумлаҳои мураккаб.

**III. Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Дарк ва баҳодиҳӣ ба матни реферат.

**Фасли 4. Ҷумлаи мураккаби пайваст (7+2 = 9 соат)**

**I.**Маълумот дар бораи ҷумлаи мураккаби пайваст. Фарқи ҷумлаимуракаби пайваст аз ҷумлаи сода.

Навъҳои ҷумлаи мураккаби пайваст (пайиҳам, хилофӣ, ҷудоӣ). Аломатҳои китобат дар ҷумлаи мураккаби пайваст. Оҳанги талаффуз ва мавқеи ҷумлаи мураккаби пайваст дар нутқ.

**II**. **Мақсадҳо:** Оид ба ҷумлаи мураккаби пайваст маълумот ба даст овардан: бо назардошти маъно ҷумлаи мураккаби пайвастро аниқ сохтан; навъҳои ҷумлаи мураккаби пайвастро вобаста ба пайвандакҳо шарҳ додан ва дар нутқи шифоҳию хаттӣ дуруст истифода бурдан; ҷойи аломатҳои китобатро бо назардошти маъно ва пайвандакҳо дуруст муайян кардан ва беғалат истифода бурдан.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла;

Шинохтан ва ҷудо кардани ҷумлаҳои мураккаби пайваст дар матн, пайвандакҳо дар ҷумлаҳои мураккаб, хелҳои ҷумлаҳои мураккаб.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни реферат

**Фасли 5. Ҷумлаи мураккаби тобеъ (22 + 7 = 29 соат)**

**1.**Маълумот дар бораи ҷумлаи мураккаби тобеъ.фарқи ҷумлаи мураккаби тобеъ аз ҷумлаи мураккаби пайваст. Сарҷумла ва ҷумлаи пайрав. Воситаи алоқаи ҷумлаи пайрав бо сарҷумла. Ҷойи ҷумлаи пайрав. Аломатҳои китобат дар ҷумлаи мураккаи тобеъ.

Навъҳои ҷумлаи пайрав: ҷумлаи пайрави мубтадо ва

хабар, пуркунанда, муайянкунанда.

Ҷумлаи пайрави ҳол ва навъҳои он: замон, тарзи амал, шарт, сабаб, мақсад, миқдору дараҷа, макон, хилоф ва натиҷа. Воситаҳои алоқа дар ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави зикршуда ва аломатҳои китобат дар онҳо.

Ба ибора (масалан, сифати феълӣ) табдил додани ҷумлаҳои пайрав (муайянкунанда….).

Маълумоти умумию мухтасар дар бораи ҷумлаи мураккаби тобеи омехта ва сертаркиб (ба мақсади шиносоӣ). Аломатҳои китобат дар онҳо.

**II.Мақсадҳо:** Оид ба ҷумлаи мураккаб маълумот ба даст оварда, онро аз ҷумлаи сода фарқ кардан. Хусусияти онро донистан ва шарҳ додан.

Фарқ кардани махсусияти оҳанги хониши ҷумлаи сода аз ҷумлаи мураккаб. Доир ба ҷумлаи мураккаби пайваст маълумот ба даст оварда, сохтори онро шарҳ додан. Аниқ сохтани воситаҳои алоқаи ҷузъҳои ҷумлаи мураккаб ва маънидод кардани муносибати байни ҷузъҳои ҷумлаи мураккаб.

Муқаррар кардани навъҳои ҷумлаи мураккаби пайваст вобаста ба муносибатҳои маъноии байни ҷузъи ҷумла.

Доир ба ҷумлаи мураккаби тобеъ маълумот ба даст овардан. Зимни таҳлил бо назардошти махсусиятҳояш фарқ кардани ҷумлаи мураккаби тобеъ аз ҷумлаи мураккаби пайваст.

Воситаҳои алоқаи байни ҷузъҳои ҷумлаи мураккаби тобеъро муайян сохта, ҳангоми қироат оҳанги хонишро риоя кардан.

Дар муайян сохтани ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ин ё он ҷумлаи пайрав танҳо воситаҳои алоқа (пайвандакҳо)-ро не, балки маъноро низ мадди назар гирифтан. Сервазифа будани баъзе пайвандакҳои тобеъкунандаро донистан.

Сарҷумла ва ҷумлаи пайравро бар асоси саволгузорӣ муаяйн сохта, навъҳои ҷумлаҳои пайравро фарқ кардан.

Дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ аз навъҳои гуогуни ҷумлаи мураккаб (пайваст ва тобеъ) моҳирона истифода бурдан.

Мавқеи аломатҳои китобатро дар ҷумлаҳо дарк карда, дар мавқеаш онҳоро истифода намудан.

Оид ба ҷумлаи мураккаби омехта ва сертаркиб маълумоти умумӣ ва мухтасар гирифта, сохтори онҳоро дарк кардан.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла;

Шинохтан ва ҷудо кардани ҷумлаҳои мураккаб дар матн, пайвандакҳо дар ҷумлаҳои мураккаб, хелҳои ҷумлаҳои мураккаб.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Дарк, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои хаттӣ дар мисоли жанри реферат, протокол.

**Фасли 6. Ҷумлаи мураккаби бепайвандак (3 + 2= 5 соат**)

**I**.Маълумот дар бораи ҷумлаи мураккаби бепайвандак. Муносибатҳои гуногуни маъноиро ифода кардани ҷумлаи мураккаби бепайвандак. Мавқеи оҳанги талаффуз дар ҷумлаи мураккаби бепайвандак.

**II**. **Мақсадҳо:** Ҷумлаи мураккаби бепайвандакро аз ҷумлаи мураккаби пайвандакдор фарқ намуда, хусусиятҳои фарқкунандаи онро шарҳ додан; ба маънои ҷумлаҳо сарфаҳм рафта, аломати китобати лозимаро интихоб кардан; дар нутқи шифоҳию хаттӣ аз ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак истифода бурдан; ҳангоми хондан оҳанги талаффузи ҷумлаи мураккаби бепайвандакро риоя намудан.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла;

Шинохтан ва ҷудо кардани ҷумлаҳои мураккаб дар матн, пайвандакҳо дар ҷумлаҳои мураккаб, хелҳои ҷумлаҳои мураккаб.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни протокол.

**Фасли 7. Мутолиа ва таҳлили се мақолаи устод Айнӣ оид ба забони тоҷикӣ ( 4+ 3 = 7 соат)**

I.Қадимиву ғановатманд будани забони тоҷикӣ (зикри фарҳангҳо). Забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ва адабиёти бадеӣ.

Таҳлил ва баррасии мақолаҳои устод Айнӣ «Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ», «Забони тоҷикӣ» ва «Мактуби кушод ба рафиқ Толис».

II. **Мақсадҳо:** Ба низом даровардани дониши хонандагон оид ба забони тоҷикӣ, ки дар синфҳои 5-8 ба даст овардаанд; дарки забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ва муносибати он ба адабиёти бадеӣ ва сарфаҳм рафтан ба нақши забон дар ҷомеа; пас аз хондан ва таҳлили мақолаҳо барои покиза нигоҳ доштани забон худро масъул шуморидан.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистани табиати иҷтимоии забон, пайдоиши забон ва хат;

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни мактуб.

**Фасли 8. Хат ва пайдоиши он (3+2 = 5 соат)**

**I.** Хат чист? Маълумоти мухтасар дар бораи хат ва пайдоиши он. Давраҳои қадим дар чӣ менавиштанд? Дар кишварҳо ва қитъаҳо чӣ тавр менависанд? Хат ва навъҳои он: хати ҷумлавӣ; хати калимавӣ; хати ҳиҷоӣ ва хати овозӣ. Маълумоти мухтасар оид ба хати мехӣ, хати авестоӣ, хати монавӣ, хати арабӣ ва баъзе навъҳои он. Хати лотинӣ. Сабабҳои гузариш аз хати арабӣ ба хати лотинӣ ва аз лотинӣ ба кириллӣ (русӣ). Аҳамияти гузариш ба алифбои русӣ.

II. **Мақсадҳо:** Дарк кардани моҳияти хат дар инкишофи ҷомеаи инсонӣ; оид ба таърихи пайдоиши хат

маълумоти одӣ ба даст орад; доир ба навъҳои хат каме тасаввурот ҳосил намудан; бояд донист, ки халқи тоҷик қаблан кадом хатҳоро истифода мебурд; дар бораи навъҳои хати арабӣ каме маълумот ба даст овардан; сабаби ба дигар хат гузаштанро аз нигоҳи дирӯз ва имрӯз шарҳ додан.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистани табиати иҷтимоии забон, пайдоиши забон ва хат;

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Баҳодиҳӣ, тағйирдиҳии матнҳои хаттӣ дар мисоли жанри эссе.

**Фасли 9. Такрори маводи дар синфи 9 омӯхта (4 соат)**

I. Ҷумлаи мураккаб. Навъҳои ҷумлаи мураккаб. Хат ва пайдоиши он

II. Мақсадҳо: Дар матн муайян карда тавонистани навъҳои ҷумла. Ҷумлаҳои мураккаб ва навъҳои онҳо.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:** Дар матн ҷудо кардани навъҳои ҷумлаи мураккаб, маълумоти умумӣ дар бораи хат;

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:** Донистан ва шарҳ дода тавонистани ҷумлаи мураккаб дар нутқ.

## БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БАРОИ СИНФИ X

**Фасли 1. Забон ва сухан (2+1=3)**

**1.**Суду зиёни сухан;

**II. Мақсадҳо:** Ба ҳамаи аъзоёни ҷамъият баробар хидмат кардани забонро донистан; шохаҳои забони умумихалқӣ будани забонро шарҳ додан; бо овардани мисолҳо собит намудан, ки забон падидаи иҷтимоист ва он ҳамеша рушдёбанда мебошад.

**III. Салоҳиятҳо:**

**III. Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Ба мавқеъ ва вазифаи забони тоҷикӣ дар ҷамъият сарфаҳм рафтан, мақоми забони тоҷикиро дар ҳаёти иҷтимоӣ дар ҳадди дониши гирифташуда шарҳ додан, вазифаю нақши забонро чун забони миллӣ дарк кардан.

**Фасли 2. Имлои ҳарфи ӣ (3+1=4 соат )**

Ҳарфи **ӣ** дар таркиби калима. Фарқ кардани ҳарфи **ӣ** ҳамчун пасванд аз бандаки феълӣ ва хабарӣ. Тафовути **ӣ** аз бандаки изофӣ (**и**).

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Инъикоси нутқи шифоҳӣ ҳангоми мувофиқат накардани талаффуз ва навишти «-и»-и кӯтоҳ ва дароз (-ӣ).

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои хаттӣ дар мисоли матни протокол.

**Фасли 3. Ҳарфи ӯ ва имлои он (3+2=5 соат )**

I. Фарқи ӯ аз у. Мавқеъ ва ҷойи ҳарфи ӯ дар калима. Мавқеи зада дар калимаҳое, ки ҳарфи ӯ доранд. Хусусияти фонемагӣ доштани ҳарфи ӯ.

**II. Мақсадҳо:** Дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ шинохтан ва фарқ намудани ӯ аз у. Риояи тарзи талаффузи калимаҳое, ки ҳарфи ӯ ва у доранд. Дар таълифи корҳои хаттӣ бамавқеъ истифода бурдани калимаҳои ҳарфи ӯ ва у-дошта. Пешгирии ғалатҳо.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Инъикоси нутқи шифоҳӣ ҳангоми мувофиқат накардани талаффуз ва навишти ҳарфи «у»-и кӯтоҳ ва дароз.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли матни протокол.

**Фасли 4. Ҳодисаҳои овоӣ (6+2=8 соат )**

**I.**Ташдиди овозҳо, монандшавӣ, афтидан ва

ҷойивазкунию бадалшавии онҳо.

Табдили овозҳои таркиби калима. Ташдиди овозҳо ҳангоми калимасозӣ.

Нигоҳ доштани ду шакли навишти калимаҳо.

**II**. **Мақсадҳо:** Дар амал дарк кардани ҳодисаҳои савтӣ (фонетикӣ). Дар асоси машқ фаҳмидани ташдиду монандшавӣ, афтидану ҷойивазкунӣ ва баландшавии овозҳо. Бештар талаффузи чунин калимаҳоро машқ кардан. Бо шеваҳо муқоиса кардани калимаҳо дар асоси талаффуз.

**III**. **Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ.

Инъикоси ҳамсадоҳои талаффузнашавандаи «д», «т», «ҳ» дар нутқи хаттӣ

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Дарк, баҳодиҳӣ ба матн матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли матни санад (акт).

## Фасли 5. Ҳарфи сакта (ъ) ва имлои он ( 2 соат )

**I**.Вазифаи ҳарфи сакта (ъ) дар забони тоҷикӣ. Мавқеъ ва ҷойи ҳарфи мазкур дар калимаҳо. Зарурати истифодаи ин ҳарф дар забони тоҷикӣ.

**II. Мақсадҳо:** Дуруст талаффуз кардани ҳарфи сакта. Муайян сохтани ҷойи он дар калимаҳо ба туфайли машқ. Ҳарфи сакта дар тағйирёбии маънои калима. Пешгирии ғалатҳои шевагии талаффузи калимаҳои ҳарфи сактадор.

**III**. **Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ

Инъикоси ҳарфи «ъ» (сакта) дар нутқи хаттӣ

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни санад.

**Фасли 6. Имлои исм ва сифат (6+ 2=8 соат )**

**I**. Имлои ихтисораҳо, номҳои одамон ва муассисаю маҷаллаҳо. Номи ашхоси таърихӣ ва асарҳои бадеию илмӣ ва имлои онҳо. Тартиби ном ва номгузорӣ. Тарзи ному тахаллуссозӣ. Фарқи исмҳои хос аз исмҳои ҷинс.

Тарзи навишти исмҳо ва сифатҳо.

**II**. **Мақсадҳо**: Ба туфайли машқ ва корҳои амалӣ имлои ихтисораҳо, номҳои одамон ва муассисаю маҷаллаҳоро ёд гирифтан. Дар асоси корҳои амалӣ фарқ кардани номи одам аз номи ашё.

Истифодаи дурусти сифатҳои мураккаб дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ.

**III**. **Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Дарк, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни баёнот.

**Фасли 7. Феъл, сифати феълӣ ва феъли ҳол ва имлои онҳо (4+2=6 соат )**

**I**. Феълҳои бевоситаю бавосита ва мавриди истифодаи онҳо.

Бандакҳои феълию хабарӣ ва имлои онҳо. Феълҳои таркибӣ ва имлои онҳо. Муродифот дар феъл ва аҳамияти онҳо дар нутқ.

Феъли ҳолу сифати феълӣ ва фарқи онҳо аз ҷиҳати шаклу имло.

**II. Мақсадҳо:** Дуруст истифода бурдани феъли мондаю гузаранда. Дуруст ва бамавқеъ истифода бурдани феълҳои бевосита ва бавосита. Фарқ кардани бандакҳои феълӣ аз бандакҳои хабарӣ ва изофӣ. Фаро гирифтани имлои феълҳои таркибӣ. Феъли ҳол ва сифати феълӣ.

**III**. **Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Дарк, баҳодиҳии матни шартномаи меҳнатӣ.

**Фасли 8. Шумораву ҷонишин ва имлои онҳо (6+2=8 соат)**

**I**. Имлои шумораҳои тартибӣ, касрӣ. Шумораи таркибӣ ва имлои он. Истифодаи баъзе шумораҳо дар адабиёти пешин ва маълумоти мухтасар дар бораи онҳо.

Ҷонишин ва имлои он. Имлои ҷонишинҳои саволӣ, тартибӣ ва мавқеи истифодаи онҳо. Ҷонишинҳои **фақир, банда, хеш, камина** ва имлою аҳамияти онҳо. Имлои ҷонишинҳо дар назм.

**II**. **Мақсадҳо:** Беғалат навиштани шумораҳои тартибӣ, касрӣ. Шинохтани шумораҳои таркибӣ. Риояи принсипи анъанавӣ дар навишти шумора ва истифодаи бамавриди он дар нутқ.

Дар асоси машқу кори амалӣ дарк кардани моҳияти ҷонишинҳо дар нутқ. Беғалат истифода намудани ҷонишинҳо дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ. Талаффузи адабии ҷонишинҳо ва хусусиятҳои услубии онҳо. Фарқ кардани вазифаҳои ҷонишинҳои **шумо** дар нутқ ва имлои он. Пешгирии ғалатҳои хонандагон ба василаи машқҳои амалӣ.

**III**. **Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли матни тақриз.

**Фасли 9. Зарф ва имлои он (3 + 1= 4 соат )**

**I**. Имлои зарфҳои сохта, мураккаб ва таркибӣ.

Машқу корҳои амалӣ доир ба имлои зарфҳо. Имлои баъзе зарфҳое, ки дар адабиёти пешин истифода шудаанд. Фарқ кардани зарф аз сифат.

**II**. **Мақсадҳо:** Амалан фарқ кардани зарф аз сифат. Истифода дурусти зарф дар нутқи шифоҳӣ ва ва хаттӣ.

**III**. **Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни номаҳои расмӣ.

**Фасли 10. Пешоянду пасоянд ва имлои онҳо (4+2=6 соат)**

**I**. Фарқи пешоянд аз пешванд. Пешояндҳои таркибӣ ва имлои онҳо. Махсусияти пешояндҳои дар назм истифодашуда.

Ба ҷойи якдигар омадани пешояндҳо ва пасояндҳо.

Пасояндҳо ва вазифаҳои онҳо. Имло ва вазифаи пасоянди-**ро**.

**II**. **Мақсадҳо:** Дар навишт фарқ кардани пешоянд аз пешванд. Истифодаи дурусти пешоянд ва пасояндҳо дар нутқ. Донистан ва дарк кардани сабабҳои бо дефис навишта шудани баъзе пешояндҳо дар назм.

Истифодаи муродифҳои пешоянд ва пасояндҳо.

**III**. **Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустакили нутқ.

Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои дигари нутқ истифода мешаванд.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар

мисоли матни эссе (эссе дар мавзӯи сайёҳӣ барои кишвари мо фоидаовар).

**Фасли 11. Пайвандакҳо ва имлои онҳо (5+2=7 соат)**

**I**. Пайвандакҳои мураккаб ва таркибӣ. Мавқеи пайвандакҳо дар назму наср ва имлои онҳо. Пайвандакҳои таркибӣ ва аломатҳои китобат. Ба ҷойи якдигар истифода шудани пайвандакҳо; дар аввали ҷумла истифода шудани пайвандаки **ва**. Муқоисаи пайвандакҳо бо варианти шевагиашон ҷиҳати пешгирии ғалатҳо.

**II**. **Мақсадҳо:** Истифодаи бамавқеи пайвандакҳо. Шинохтани пайвандакҳои мураккаб ва таркибӣ.

Ба воситаи машқу корҳои амалӣ ёд гирифтани истифодаи пайвандак дар назму наср ва аз худ кардани имлои онҳо. Моҳирона истифода бурдан аз вариантҳои гуногуни пайвандакҳо. Муносибати пайвандакҳо бо аломати китобат– вергул. Ислоҳи тарзи талаффузи шевагии пайвандакҳо.

**III**. **Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустакили нутқ.

Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои дигари нутқ истифода мешаванд.

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни гузориш.

**Фасли 12. Имлои ҳиссачаҳо ва нидо (2+2= 4 соат )**

**I**. Навъҳои ҳиссачаҳо ва имлои онҳо. Аломатҳои китобати марбути ҳиссачаҳо. Муқоисаи ҳиссачаҳои дар адабиёти бадеӣ ва шеваҳо истифодашаванда. Пешгирии ғалатҳо. Мавқеи истифодаи ҳиссачаҳо.

Нидо ва имлои он. Истифодаи нидоҳо дар адабиёти бадеӣ.

Фарқи нидо аз ҳиссача.

**II**. **Мақсадҳо:** Истифодаи дурусти ҳиссачаҳо ва нидоҳо

дар нутқ. Аломатҳои китобат пас аз ҳиссачаҳо ва нидоҳо. Муқоисаи адабиёти бадеӣ ва нутқи гуфтугӯӣ. Амалан дарк кардани мавқеъ ва зарурати истеъмоли нидо. Дар асоси машқ фарқ кардани нидо аз ҳиссачаҳо.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустакили нутқ.

Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои дигари нутқ истифода мешаванд

**Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни эссе дар мавзӯи «Хидмати тиббӣ бояд рогон бошад».

**Фасли 13. Такрори маводи омӯхта (3+0=3)**

**I**. Мустаҳкамкунии донишҳо, алоқамандии онҳо бо амалия оид ба имлои исм, сифат, шумораву ҷонишин, зарфҳо.

**II. Мақсадҳо:** Истифодаи дурусти калимаҳо онҳо дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ. Истифодаи дурусти калимаҳо дар ҳуҷҷатҳои расмию коргузорӣ. Пешгирии ғалатҳо.

**III. Салоҳиятҳо:**

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

## БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БАРОИ СИНФИ XI (68 СОАТ)

**I. Имло ва талаффузи дуруст (орфография ва орфоэпия) дар асоси матнҳои хабар[4] (2 соат)**

Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ. Тағйирот дар он (солҳои 1998, 2011). Қоидаҳои навишти калимаҳое, ки бо ҳамсадои «й»(йот) анҷом ёфтаанд. Ғалатҳои маъмули навишти ҳарфҳои **ӯ, ӣ, ъ, м, н** ва ҳамсадоҳои такрор (шадда, ташдиднок). Вариантҳои навишти баъзе калимаҳо. Қоидаҳои асосии талаффузи солими (беғалати) овозҳо. Талаффузи дурусти садоноки **ӯ** ва ҳамсадоҳои такрор. Вариантҳои талаффузи баъзе калимаҳо. Қоидаҳои задаи калима дар забони тоҷикӣ. Ғалатҳои маъмули задаи калимаҳо. Ҷойи зада дар калимаҳои иқтибосии байналмилалӣ. Задаи мантиқӣ (фраза).

**II. Мақсадҳо:** дар бораи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва ислоҳоти он (1998, 2011) маълумоти пурра доштан, дар имлои ҳарфҳои садонок ва ҳамсадо иштибоҳ накардан, мавқеи корбурди ҳарфҳои «и» ва «ӣ», «у» ва «ӯ»-ро фарқ кардан, дар матн ғалатҳоро ислоҳ намудан, мавқеи худро асоснок карда тавонистан дар имлои ҳарфҳо.

**III. Салоҳиятҳо:**

**III.1. Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷоҳои тоҷикӣ.

**III.2. Салоҳиятҳои коммуникативӣ (коммуникативӣ):**

Тағйир додан ва таҳия намудани матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли матни хабар.

**2. Таркиби луғавии забон ва хусусиятҳои маъноии калима дар асоси матнҳои хабар ва мусоҳиба (4 соат)**

**2.1.Калимаҳои аслии забони тоҷикӣ ва хусусиятҳои**

---

[4] Ба сабаби махсусияти таълими фанни забони тоҷикӣ дар синфи 11, ки асосан ба омӯзиши хусусиятҳои услубии матнҳо бахшида шудааст, таълими салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботӣ якҷоя пешниҳод гардидааст.

**онҳо.** Калимаҳои иқтибосӣ ва хусусиятҳои онҳо. Калимаҳои адабии китобӣ ва гуфтугӯйӣ. Калимаҳои ғайриадабӣ.

**2.2.Маънои калима. Маънои аслӣ ва маҷозии калима.** Сермаъноӣ (полисемия) ва якмаъноӣ (моносемия). Истилоҳ. Калимаҳои ҳамгуна (ҳамгуна), наздикталаффуз (пароним ва паронимаз), муродиф (муродиф), мутазод (зидмаъно). Хусусиятҳои услубӣ ва мавқеъҳои истифодаи онҳо дар услубҳои гуногуни баён (нутқ).

Таркиби луғавии забон. Захираҳои асосии луғавӣ ва роҳҳои бой гардидани он. Калимаҳои иқтибосии арабӣ, туркӣ, русӣ, байналмилалӣ. Калимаҳои умумиистеъмол ва маҳдудистеъмол. Калимаҳои адабӣ ва ғайриадабӣ. Калимаю истилоҳоти касбӣ, техникӣ. Калимаю таъбирҳои рехтаи (фразеология) хоси маҳал (диалектизмҳо),калимаю таъбирҳои дуруштмаъно, таҳқиромез, дашном (жаргонизм, арготизм, варваризм).

**2.3. Сермаъноӣ (полисемия) ва якмаъноӣ (моносемия).** Фарқи калимаҳои сермаъно аз якмаъно (истилоҳ) ва мавридҳои корбурди онҳо. Роҳҳои пайдоиши маънои калима ва аҳамияти онҳо дар ғанӣ гардонидани захираи маъноии калимаҳо. Вазифаҳои услубии калимаҳои сермаъно дар услубҳои баён. Духӯрагии маънои калима ва роҳҳои бартараф намудани он. Калимаҳои ҳамгуна (ҳамгуна) ва навъҳои онҳо. Калимаҳои наздикталаффуз (пароним ва паронизмҳо) ва фарқи онҳо аз ҳамдигар ва аз калимаҳои ҳамгуна ва сермаъно.Мавқеи истифода, вазифаҳои услубии калимаҳои ҳамгуна ва наздикталаффуз. Ғалатҳои корбурди онҳо дар гуфтор ва навиштор.

**2.4. Муродифоти луғавӣ ва аҳамияти он дар саҳеҳ ифода кардани фикр.** Муродифҳои луғавӣ ва услубӣ, ки бо тобишҳои маъноӣ ё обурангҳои услубӣ ва ҳиссӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аҳамияти интихоби калима аз силсилаи муродифҳо дар саҳеҳ, дақиқ ва бамавқеъ кор фармудани муродифҳои луғавӣ. Такрори маъно (пургӯйӣ, ҳашви қабеҳ). Бо мақсади худдорӣ аз такрори калима истифода намудани муродифҳои луғавӣ ва фразеологӣ.

Мутазод (зидмаъноия) ва аҳамияти он дар муассир

ифода кардани фикр дар услуби бадеӣ, рӯзноманигорӣ ва муоширaт. Мавқеъ ва хусусиятҳои услубии калимаҳои муқобилмаъно дар сарлавҳаи асарҳои бадеӣ ва маводи матбуот. Фарқи зидмаъно аз санъати тазод (контраст).

**II. Мақсадҳо:** Дар матн нишонаҳои калимаҳои асили тоҷикӣ ва иқтибосиро донад; Маънои аслии калимаро аз маънои маҷозии он фарқ карда тавонад; калимаҳои сермаъно, ҳамгуна, наздикталаффуз ва ҳаммаънороро ёфта, хусусиятҳои услубии онҳоро муайян карда тавонад. Калимаҳои адабӣ ва лаҳҷавиро шиносад ва дар матни шифоҳию хаттӣ ба мавқеъ ва зарурати истифодаи онҳо баҳо дода тавонад; дар мусоҳиба ва хабар ғалатҳои интихоби калимаҳои ҳамаъно ва безарурат ё бемавқеъ ба кор бурдани калимаҳои сермаъно, якмаъно ва муқобилмаъноро ёфта, ислоҳ намояд, худ мусоҳиба ва хабар таҳия карда тавонад.

**III. Салоҳиятҳо:**

**III.1. Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва ҷудо кардани маънои аслӣ ва маҷозии калима;

Донистан ва ҷудо кардани ҳодисаҳои маъноӣ: муродиф, зидмаъно ва ҳамгунаҳо.

Навъҳои калима аз рӯйи маъно, калима ва воҳидҳои фразеологӣ, калимаҳои соҳавӣ, лаҳҷавӣ, машғулият аз рӯйи луғатҳо.

**III.2. Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Тағйир додан ва таҳия намудани матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаҳои хабар ва мусоҳиба.

**3.Воҳидҳои фразеологӣ, хусусиятҳои сохторию маъноӣ ва услубии онҳо. Дар гуфтор ва навиштор беғалат истифода бурдани фразеологизмҳо дар асоси матнҳои тасвир (2 соат)**

**3.1. Сохтори наҳвӣ ва маъноии воҳидҳои фразеологӣ.** Муносибати маъноии воҳидҳои фразеологӣ бо калимаю таркибҳо. Муродифот ва вариантнокии воҳидҳои фразеологӣ ва хусусиятҳои услубии онҳо дар услубҳои

бадеӣ, рӯзноманигорӣ ва муошират. Сермаъноӣ ва мутазоди воҳидҳои фразеологӣ. Тафовути тобишҳои маъно ва хусусиятҳои услубии муродифҳои воҳидҳои фразеологӣ.

**3.2. Ғалати омехта кардани як ҳиссаи фразеологизм бо ҳиссаи воҳиди фразеологии дигар (контаминатсия).** Кӯтоҳшавии воҳидҳои фразеологӣ (универбатсия). Беғалат кор фармудани воҳидҳои фразеологӣ дар услубҳои гуногуни баён.

**II. Мақсадҳо:** дар матн воҳиди фразеологиро ҷудо кунад; маъноҳои онҳоро шарҳ диҳад; дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ воҳидҳои фразеологиро истифода барад, онҳоро бо ҳамдигар ва бо калимаҳои муродифашон иваз кунад; тобишҳои маъноӣ ва обуранги услубии фразеологизмҳоро шарҳ диҳад; корбасти бамавриди воҳидҳои фразеологӣ, калимаҳои сермаъно, муродиф ва зидмаъноро ба назар гирифта матнҳои тасвирро таҳрир ва таҳия карда тавонад.

**III.Салоҳиятҳо.**

**III.1. Салоҳиятҳои забонӣ:**

Донистан ва ҷудо кардани маънои аслӣ ва маҷозии калима;

Донистан ва ҷудо кардани ҳодисаҳои маъноӣ: муродиф, зидмаъно ва ҳамгунаҳо.

Навъҳои калима аз рӯйи маъно, калима ва воҳидҳои фразеологӣ, калимаҳои соҳавӣ, лаҳҷавӣ, машғулият аз рӯйи луғатҳо.

I II.2. Салоҳиятҳои коммуникативӣ:

Тағйир додан ва таҳия намудани матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матнҳои тасвир.

**4.Масъалаҳои асосии грамматика (сарф ва наҳв). Аломатҳои китобат дар асоси матнҳои репортаж ва дастурамал (9 соат)**

**4.1.Хусусиятҳои грамматикии ҳиссаҳои нутқ (исм, сифат, ҷонишин, феъл, зарф, пешоянду пасоянд, пайвандак).** Шаклсозӣ дар ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва ғалатҳои шаклсозӣ. Калимасозию таркиббандии ҳиссаҳои нутқ. Ғалатҳои калимасозии исм, сифат, зарф, таркиббандии

феъл ва роҳҳои ислоҳи онҳо. Сохту таркиб, маъноҳои грамматикии пешоянду пасоянд ва пайвандакҳо.

**4.2. Навъҳои алоқаи калимаҳо дар ибора ва ҷумлаи сода (пайвасти пайиҳам, хилофӣ, ҷудо; тобеи изофӣ, вобастагӣ, ҳамроҳӣ ва мувофиқат) ва воситаҳои грамматикии ифодаи онҳо.** Ғалатҳо дар алоқаи калимаҳо дар ибора ва ҷумлаи сода, роҳҳои ислоҳи онҳо. Тартиби калима ва таҷзияи маъноии ҷумлаҳои сода. Муродифоти воҳидҳои наҳвӣ (ибора, ҷумлаи сода). Ғалати бесабаб тағйир додани тартиби аъзоҳои ҷумла ва ислоҳи он.

**4.3. Робитаҳои маъноии пешояндҳои таркибӣ бо пайвандакҳои тобеъкунандаи таркибӣ дар алоқаи воҳидҳои гуногуни наҳвӣ.** Аз пешояндҳои **ба шарти, дар вақти, аз сабаби, бо мақсади, ба шарти** ва ғайра бо ишораҷонишину пайвандаки **ки** сохтани пайвандакҳои таркибӣ. Алоқаи ҷузъҳои ҷумлаҳои мураккаб ва воситаҳои грамматикии ифодаи он.

**4.4. Муродифоти ҷумлаҳои сода бо ҷумлаҳои мураккаби тобеъ.** Муродифот дар ифодаи муносибатҳои маъноии мафъули (объекти) амал, ҳоли тарз, монандӣ, замон, сабаб, мақсад, шарт ва хилоф. Вазифаҳои пайвандакҳо дар сохтори ҷумлаҳои содаю мураккаб ва матн. Аҳамияти муродифоти наҳвӣ дар саҳеҳ ва беғалат ифода кардани фикр.

**4.5. Ислоҳи ғалатҳои грамматикӣ ва услубии қолабҳои муштаракмаънои наҳвӣ.** Вазифаи матнсозии пайвандакҳои пайвасти хилофии **аммо, вале, лекин** ва пайвандакҳои тобеъкунандаи **чунки, зеро**. Аломати вергул дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки ҷумлаҳои пайрави онҳо бо пайвандаки **ки** ба сарҷумла тобеъ шудаанд.

**II. Мақсадҳо:** хусусиятҳои грамматикии ҳиссаҳои нутқ, вазифаҳои синтаксисии онҳоро донад; ибораҳо, хелҳои алоқа дар ибораҳо, пайвандакҳо ва вазифаи онҳоро дар матн донад; ҷумлаҳо ва хелҳои онҳоро донад ва аз ҳамдигар фарқ кунад; аз пайвандакҳо, воситаҳои алоқаи иборасоз, ҷумласоз истифода бурда репортаж ва дастурамалро тағйир диҳад, таҳрир ва таҳия кунад.

**III. Салоҳиятҳо:**

**III.1. Салоҳиятҳои забонӣ:**

Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла;

Шинохтан ва ҷудо кардани хелҳои ҷумлаҳои сода;

Шинохтан ва ҷудо кардани ҷумлаи мураккаб дар матн, пайвандакҳо дар ҷумлаи мураккаб, хелҳои ҷумлаҳои мураккаб;

**II.2. Салоҳияти коммуникативӣ:**

Тағйир додан ва таҳия намудани матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матнҳои репортаж ва дастурамал.

**5. Ҳусни баён. Ғалатҳои маъмули грамматикӣ ва услубии ҷумлабандӣ дар асоси матнҳои аннотатсия (3 соат)**

**5.1. Мувофиқати маъноию грамматикии хабар бо мубтадо.** Аз ҷиҳати шумора мувофиқат накардан хабар бо мубтадо. Бо воситаҳои грамматикии муштараквазифа алоқаманд шудани ҷузъҳои ибора ва аъзоҳои ҷумлаи сода. Ғалатҳо дар воситаҳои грамматикии алоқаи калимаҳо дар ибора ва ҷумлаи сода, роҳҳои ислоҳи онҳо. Аломати тире дар ҷумлаҳои содаи дутаркиба, ки хабарҳои онҳо бо масдар ва ё исму ҷонишинҳои ифодакунандаи шахс ё ашё ифода ёфтааанд.

**5.2. Ҷумлаҳои чидааъзо. Алоқаи маъноӣ ва грамматикии аъзоҳои чида.** Таносуби маъно, тартиби пайиҳам омадани аъзоҳои чида ва ғалатҳо дар ҷумлаҳои чидааъзо. Аломати баён, вергул ва тире дар онҳо. Алоқаи маъноӣ ва грамматикии ҷумлаҳои сода дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ. Воситаҳои грамматикии алоқаи ҷузъҳои ҷумлаҳои мураккаб.

**5.3. Ғалатҳои дар сохтори наҳвии ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ**. Риоя накардани мутобиқати шаклҳои феълии хабарҳои ҷумлаи пайрав бо сарҷумла. Аломати китобат дар ҷумлаҳои мураккаб.

**III. Мақсадҳо:** Хусусиятҳои грамматикии ҳиссаҳои нутқ ва вазифаҳои наҳвии онҳоро донад; ибораҳо, хелҳои

алоқа дар иборахо, пайвандакҳо ва вазифаи онҳоро дар матн донад, ҷумлаҳои ва хелҳои онҳоро донад ва аз ҳам фарқ карда тавонад; аз пайвандакҳо ва воситаҳои дигари иборaю ҷумласоз истифода бурда матни репортаж ва дастурамалро тағйир диҳад, таҳрир ва таҳия намояд; ҷойи аъзоҳои ҷумлаи забони тоҷикиро донад, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумлаи содаро шиносад ва таҳлили наҳвӣ карда тавонад;

Ғалатҳо дар ҷумлабандӣ, бесабаб тағйир додани ҷойи аъзоҳои ҷумлаи содаро ислоҳ кунад; воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои содаро дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ шарҳ диҳад; ғалатҳои сохтори ҷумлаҳои мураккабро аз рӯйи матнҳои пешниҳодшуда ислоҳ кунад; матни аннотатсияро таҳрир ва таҳия карда тавонад.

**III. Салоҳиятҳо:**

**III.1. Салоҳиятҳои забонӣ:**

Шинохтан ва аз матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла;

Шинохтан ва ҷудо кардани хелҳои ҷумлаи сода;

Шинохтан ва ҷудо кардани ҷумлаҳои мураккаб дар матн, пайвандакҳо дар ҷумлаи мураккаб, хелҳои ҷумлаи мураккаб;

**III.2. Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Тағйир додан ва таҳия намудани матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матнҳои аннотатсия.

**6.Матн ва сохтори маъноию грамматикии он дар асоси матни нома (14 соат)**

**6.1. Матн ва сохтори маъноии он.** Ягонагии мавзӯъ дар матн. Ягонагии мундариҷаи матн. Алоқамандии маъноии ҷумлаҳо дар матн. Воситаҳои алоқаи маъноии ҷумлаҳо дар матн. Пойдории мантиқи сухан дар матн. Пай дар пай интишор ва такмил ёфтани мундариҷаи матн.

**6.2. Инкишофи нутқи мураттаб.** Беғалат ва бурро қироат кардани матни ҳикояти “Тавонгаре санге бар сари солеҳе зад” аз “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ. Бозгӯй намудани мазмуни ҳикоят ва шарҳ додани маънои луғатҳои

*тавонгар, солеҳ, дарвеш, малик, чоҳ, ҷоҳ.* Саҳми ин вожаҳо дар устухонбандии ҷараёни баёни воқеа ва алоқамандии ҳиссаҳои матни ҳикоят: вожаҳои наздикмаъно ва наздикталаффуз, мутобиқати шаклҳои феълии хабарҳои ҷумлаҳо. Дар тақлиди ҳикоят воқеаеро баён карда, воситаҳои луғавию грамматикии ҷумлаҳоро шарҳ додан.

**6.3. Инкишоф додани малакаи хаттии ифодаи фикр.** Муросалот (номанигорӣ). Мактуби расмӣ ва ғайрирасмӣ. Сохтори маъноӣ ва наҳвии мактуб. Риоя намудани талаботи луғавӣ, ибораву ҷумлабандии услуби номанигорӣ. Мактуб ба дӯсти айёми наврасӣ, ки ҳоло бо аҳли оила дар Россия зиндагӣ ва дар мактаби он ҷо таҳсил мекунад. Шарҳ додани унсурҳои луғавии алоқамандии ҷумлаҳои матни мактуб.

**6.4. Сохтори грамматикии матн ва тарзу воситаҳои алоқаи маъноӣ ва грамматикии ҷумлаҳои мустақил дар дохили матн.** Тадриҷан густариш ёфтани мундариҷаи матн. Алоқаи грамматикии ҳиссаҳои матн. Воситаҳои шаклсози забон: мутобиқати шаклҳои феълии хабари ҷумлаҳои матн. Воситаҳои грамматикии матнсоз.

**6.5. Ягонагии мавзӯъ ва мундариҷаи матн.** Риояи алоқаи мантиқии ҷузъҳои матн. Нуқсонҳои алоқаи маъноӣ ва мантиқӣ дар матн ва роҳҳои бартараф намудани онҳо. Воситаҳои луғавию маъноии алоқаи ҷумлаҳо дар таркиби матн. Ба воситаи такрори калима пойдор гардидани мундариҷаи ягонаи ҷумлаҳо дар таркиби матн. Бо ёрии ҷонишинҳои шахсӣ ишора намудан ба соҳиб ва мафъули амалу ҳолат дар ҷумлаҳои содаю мураккаби матн. Бо ёрии ишораҷонишинҳо алоқаманд гардидани ҷузъҳои матн. Саҳми калимаҳои ҳаммаъно ва муқобилмаъно дар алоқаманди ҷумлаҳои матн.

**6.6. Сохтори грамматикии матн.** Умумият ва тафовути тарзу воситаҳои грамматикии алоқаи ҷузъҳои матн ва ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайвасту тобеъ. Воситаҳои грамматикии алоқаи ҷумлаҳои содаю мураккаб дар дохили матн. Ба воситаи мутобиқати шаклҳои феълии хабари ҷумлаҳои содаю мураккаб сохтани

матн. Бо ёрии пайвандакҳои пайвасти **ва, аммо, вале, лекин, на танҳо,... балки, ва ё, ё ин ки** алоқаманд гардидани ҷумлаҳои матн. Ба воситаи пайвандакҳои тобеъкунандаи **чунки, зеро, зеро ки** алоқаманд шудани ҷузъҳои ҷумлаҳои мураккаб дар дохили матн. Бо такрори пайвандакҳои тобеъкунандаи **чун (чу), агар, агарчи, то, то ки** ва ғайра сохтани матн дар назм, насри бадеӣ ва публисистӣ-бадеӣ. Бо ёрии таркибҳои ҳамнисбати **бинобар ин, аз ин рӯ, ба ҳамин мақсад, бо вуҷуди ин, дар ин сурат** ва ғайра алоқаманд шудани ҳиссаҳои матн. Вазифаи воҳидҳои туфайлии **аввалан, сониян, якум, дуюм, аз як тараф, аз тарафи дигар, умуман, хулласи калом** ва ғайра дар алоқаманд намудани ҳиссаҳои матн. Сархат ҳамчун воситаи ба низом даровардани ҳиссаҳои матн.

**6.7. Ба василаи ҷумлаҳои ҳамсохт (мувозии наҳвӣ) густариш ёфтани мундариҷаи матн.** Унсурҳои луғавию грамматикӣ дар ҷумлаҳои ҳамсохт.Зина ба зина тақвият додани оҳанги баёни ҷумлаҳои сода ва мураккаб (градатсия) – яке аз воситаҳои наҳвии матнсозӣ дар услуби тасвири бадеӣ ва жанрҳои публисистӣ-бадеӣ. Аломатҳои китобат дар матн.

**6.8. Инкишофи хаттӣ ифода кардани фикр.** Тасвири фасли тирамоҳи шаҳри (деҳаи) худ. Тартиб додани нақшаи тасвир. Истифодаи унсурҳои луғавӣ, фразеологӣ, калимасозӣ, ҷумлабандӣ, воситаҳои муассири луғавӣ (сермаъноӣ, маънои маҷозӣ, муродифоти луғавӣ, ҳамгуна, пароними паронимаз, зидмаъно), воситаҳои муассири наҳвӣ (тағйир додани ҷойи муқаррарии аъзоҳои ҷумла (инверсия) ё ҷумлаҳои пайрав, такрори анафора (дар аввали мисраъ ё ҷумлаҳо такрор шудани калима), эпифора (дар охири мисраъ ё ҷумлаҳо такрор шудани калима), ҳалқабанд (дар аввалу охири мисраъ ё ҷумла такрор шудани айни як калима), силсилабанд (ҷумла бо калиман тамом шуда, ҷумлаи нав бо ҳамон калима оғоз меёбад), қолабҳои мувозии (параллели) наҳвӣ, банди наҳвӣ, тарзу воситаҳои ба тариқи таъкид ифода кардани фикр, санъатҳои лафзию маънавии сухан. Муайян кардани хусусияти луғавию

грамматикии матни бадеӣ.

**6.9. Ҳусни баён: Ғалатҳо дар интихоб ва мавқеи кор фармудани воҳидҳои луғавӣ ва фразеологӣ.** Пургӯйӣ ва ҳашви қабеҳ (такрори маъно) ва роҳҳои ислоҳи онҳо. Безарурат истифода кардани унсурҳои ороиши сухан дар матни тасвирӣ. Серистеъмол кардани унсурҳои луғавӣ. Калимасозию таркиббандии ғайриадабӣ, такрори бемавқеи калимаҳо дар матни тасвирӣ.

**6.9. Воситаҳои тасвири бадеӣ дар матн.**Таҳлили ҳолати рӯҳии Бибиоиша дар повести “Одина”-и С.Айнӣ. Таҳлили сохтори маъноӣ ва грамматикии матни тасвирӣ. Хусусиятҳои луғавию фразеологии матн, мавқеи воситаҳои муассири луғавӣ ва наҳвӣ дар он.

**6.10. Матни иттилоӣ ва хусусиятҳои луғавию грамматикии он.** Таҳлили матни хабар дар мавзӯи ворӣ намудани низоми нави таълим дар мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сохтори маъноӣ ва наҳвии матни иттилоӣ. Такрори калимаю истилоҳоти соҳаи мактабу маориф, дар қолаби ҷумлаҳои содаи дутаркибаи тафсилии хабарӣ ифода ёфтани фикр. Мутобиқати шаклҳои феълии хабари ҷумлаҳои матн.

**6.11. Таҳлили матни илмӣ ва коргузории расмӣ.** Дақиқ ифода ёфтани матлаб дар матни ҳуҷҷатҳои расмӣ, мавқеи хос касб намудани ба сархатҳо ҷудо кардани матнҳои илмию коргузории расмӣ дар матнҳои илмӣ ва илмии оммавӣ, дар матни санадҳои ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ.

**II. Мақсадҳо:** Сохт ва вазифаи матнро муайян кунад; услубҳои забонро донад; услуби матни таҳриршавандаро шиносад; мақсад, ба кӣ равона шудани он (адресат), аз кӣ баромадани онро (адресант) дар матн ҷудо кунад; аз рӯйи хусусиятҳои умумӣ ва фарққунанда матнҳоро гурӯҳбандӣ намояд; мавқеи воситаҳои матнсозиро муайян кунад; ба матнҳои таҳлилшаванда баҳо диҳад; матнҳоро таҳрир намояд.

**III. Салоҳиятҳо:**

**III.1. Салоҳиятҳои забонӣ:**

Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла;

Шинохтан ва ҷудо кардани ҷумлаҳои мураккаб дар матн, пайвандакҳо дар ҷумлаҳои мураккаб, хелҳои ҷумлаҳои мураккаб.

**III.2. Салоҳияти коммуникативӣ:** Тағйир додан ва таҳияи намудани матнҳои шифоҳӣ ва хаттб аз рӯйи намунаи матнҳои тақриз, латифа, табрикнома, мактуб.

**7. Ҳусни баён ва услубиёти забони тоҷикӣ дар асоси матнҳои мусоҳиба, аннотатсия, тақриз, тасвир, эссе (34 - соат)**

**7.1. Услубиёти забон.** Услубҳои баён (нутқ) дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ. Меъёри услуби баёни бадеӣ. Ҳадафи услуби бадеӣ ва хусусиятҳои луғавӣ, грамматикӣ ва бадеии он. Робитаи услуби бадеӣ ба услубҳои баёни рӯзноманигорӣ, икошират, илмӣ коргузории расмӣ ва тафовутҳои он аз услубҳои дигари баён. Ба тарзи рангин ва муассир ёфтани манзараҳои табиат, ҳолатҳои рғҳии инсон, ҳодисаю воқеаҳои ҳаёти ҷомеа дар услуби бадеӣ. Доираи васеи истифодаи воҳидҳои луғавию фразеологии забон ва имконоти маъноии он воҳидҳо. Фаровон истифода бурдан аз имконоти муассири маънои луғавию фразеологӣ (калимаҳои сермаъно, маъноҳои маҷозии калима, ҳамгунаҳо, паронимҳо, муродифҳо, зидмаъноҳо) ва воситаҳои муассири наҳвии тасвир дар ифодаи фикр.

**7.2. Бо мақсадҳои услубӣ ба кор бурдани калимаю ифодаҳои хоси забони гуфтугӯӣ** ва унсунҳои луғавии ғайриадабӣ (лафзҳои лаҳҷавӣ, калимаю таъбирҳои иқтибосӣ (варваризмҳо), вожаҳои хоси гуфтори баъзе гурӯҳҳои иҷтимоӣ (жаргонизмҳо, арготизмҳо). Истифодаи санъатҳои лафзию маънавии сухан дар тасвири бадеии забони назму насри бадеӣ. Таҳлили услубии забони матни асари бадеӣ (насру назм).

**7.3. Услуби баёни рӯзноманигорӣ (публисистӣ).** Ҳадафи баёни публисистӣ ва меъёрҳои он. Ба тарзи фаврӣ расонидани хабари рӯйдодҳои дохилию хориҷии ҳаёти

ҷомеа. Тарғиби ғояҳои пешқадами замон, кашфиёти илмию техникӣ, таҷрибаҳои нави судманд ва даъват намудан ба татбиқи он дар зиндагии рӯзмарра. Инъикоси ҳамаҷонибаи шуғлу фаъолияти гуногунсоҳаи аъзоёни ҷамъият ва пайваста ба он васеъ гардидани доираи истифодаи унсурҳои луғавию фразеологии захираи забон дар воситаҳои ахбори омма. Бо мақсади таъсир расондан ба аъзоёни ҷамъият ба кор бурдани унсурҳои луғавию грамматикии ифодаи саҳеҳу равшани матлаб, дар жанрҳои публисистии бадеӣ истифода намудани воситаҳои муассири луғавию наҳвии баёни фикр. Барои ифодаи мафҳумҳои нави ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодию фарҳангӣ аз имконоти калимасозии забон фоида бурда сохтани калимаю истилоҳоти нав ва қонеъ намудани эҳтиёҷоти забон ба ифодаи мафҳумҳои нав. Нуқсонҳо дар истифодаи калимаю истилоҳот, воҳидҳои фразеологӣ, унсурҳои калимасозию таркиббандӣ, дар сохтани қолабҳои наҳвии ифодаи фикр ва роҳҳоиислоҳи онҳо. Ғалатҳои имлоӣ, аломати китобат дар матни рӯзномаву маҷаллаҳо ва ислоҳ намудани онҳо.

**7.4. Услуби баёни имлӣ.** Ҳадафи услуби баёни илмӣ ва меъёрҳои он дар истифодаи унсурҳои луғавию фразеологии забон, имконоти калимаю истилоҳсозӣ, иборасозию ҷумлабандӣ. Мавқеи калимаю таъбирҳои якмаъно - истилоҳоти сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангӣ, илмию техникӣ дар он. Корбурди калимаю истилоҳоти иқтибосӣ дар услуби баёни илмӣ. Таркибу ибораҳои рехта дар он. Хусусиятҳои луғавию фразеологии услуби баёни илмӣ. Тавофути забони асару мақолаҳои сирф илмӣ аз забони маводи илмии оммавӣ.

**7.5. Услуби баёни коргузории расмӣ ва ҳадафҳои асосии он.** Меъёри забони услуби расмӣ дар тарзи ифодаи матлаб, истифодаи воҳидҳои луғавӣ, ибораҳои рехтаи хоси ин услуби баён, калимаю истилоҳсозӣ ва тарзи корбурди онҳо. Хусусияти қолаби рехта (стандартӣ) доштани забони коргузории расмӣ. Дақиқ, саҳеҳ ва муъҷаз бо номи (истилоҳи) мушаххас зикр намудани шайъ (факт) ва далел.

Такрори калимаю ибораҳои рехтаи хоси услуби баёни коргузории расмӣ. Якрангии тарзи баёни фикр. Худдорӣ аз пургӯйӣ ва ороиши сухан. Дар қолабҳои маъмули наҳвӣ муъҷаз ифода намудани матлаб. Ғалатҳо дар интихоби калимаю ибораҳо ва ҷумлабандӣ дар забони ҳуҷҷатҳои расмӣ ва ислоҳи онҳо. Таъсири тарҷумаи забонҳои бегона дар калимасозӣ ва ҷумлабандӣ. Таҳлили услубии забони матни ҳуҷҷатҳои расмӣ.

**7.6. Услуби муошират ва ҳадафи он.** Воҳидҳои луғавии маъмули услуби муошират: калимаю таъбирҳои рехтаи хоси гуфтугӯйи озод, истилоҳоти ҳунарманд (профессионализмҳо), калимаю ибораҳои рехтаи хоси маҳал, калимаю таъбирҳои забонҳои бегона, ки ба маъёри забони адабии тоҷикӣ дохил нашудаанд, вале дар гуфтори омиёна истифода мешаванд (варваризмҳо). Чун воситаи муассири луғавӣ ба кор бурдани калимаҳои сермаъно, ҳамгуна (ҳамгунау паронимҳо ва калимаҳои муқобилмаъно. Ба тарзи фаровон истифода шудани воҳидҳои фразеологӣ, ибораҳои рехтаи ташбеҳӣ (компаративӣ), вариантҳои нав пайдо намудани фразеологизмҳо. Тарзи муколамавии баёни фикр дар услуби муошират. Бештар дар қолаби ҷумлаҳои сода (яктаркибаи феълӣ, нопурра, яккалимагӣ) ё ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак ифода ёфтани фикр. Ихтисор шудани воситаҳои грамматикии алоқаи калимаҳои ёвар (пешоянд,пасоянд, пайвандак, ҳиссача, бандаки хабарии "аст") дар таркиби ҷумлаҳои сода ва мураккаб.

**7.7. Услубиёти ҷумлаҳо.** Бо ёрии хелҳои иртиботии ҷумлаҳои сода хеле муассир ифода ёфтани муносибатҳои субъективона, ҳиссиёту ҳаяҷони гӯянда. Рангинии оҳанги ҷумлаҳои амрӣ, саволии риторикӣ ва хитобӣ. Худдорӣ кардан аз қолабҳои хеле мураккаби наҳвӣ ба мисли ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб дар ифодаи матлаб. Барои таъсирбахш баён кардани фикр ба кор бурдани воситаҳои гуногуни наҳвии таъкид, задаи мантиқӣ. Робитаи услуби муошират бо услубҳои бадеӣ ва рӯзноманигорӣ. Мақсаднок ё бемақсад тағйир додани ҷойи муқаррарии аъзоҳои ҷумлаи

сода. Истеъмоли ғалати воҳидҳои луғавӣ ва фразеологӣ, унсурҳои калимасозӣ ва ҷумлабандӣ дар услуби муоширaт ва роҳҳои ислоҳи онҳо. Таҳлили услубии намунаҳои матни шифоҳӣ ва хаттии услуби муошират аз асарҳои бадеӣ.

**7.8. Инкишофи нутқи мураттаб:** нақли ҳодиса ё воқеаи наҷибе, ки аз касе шунидааст ё аз рӯзнома, маҷалла ё китобе хондааст. Қироати порчаҳои назм аз ашъори адибони гузашта ва имрӯза. Матни “Таъбири хоби Ҳорунаррашид”-ро ифоданок қироат намуда, хулосаи худро баён кардан. Таҳияи сухан дар мавзӯи воқеаҳои наҷиби зиндагӣ, ки нигоранда аз асарҳои бадеӣ хонда ё аз барномаҳои телевизион тамошо кардааст. Дар ҳузури ҳамсабақон бо лаҳни шево нақл кардани он воқеа.

**7.9. Инкишофи хаттӣ ифода кардани фикр дар заминаи таҳлили услубии матни назм**. Интихоб намудани як ғазал ё ду рубоӣ аз осори шоирони гузашта ё имрӯза, муайян намудани мавзӯъ, мундариҷа ва ғояи шеър, шарҳи маънои баъзе калимаю ибораҳои он, хусусиятҳои услубӣ ва воситаҳои тасвири бадеии шеър. Хаттӣ ифода кардани фикр дар заминаи ҳуҷҷатнигорӣ: навиштани тавсифнома (характеристика) дар ҳаққи як нафар ҳамсабақи худ; Ифодаи хаттии фикр дар заминаи маводи публисистӣ: навиштани мусоҳиба доир ба ҳаёти мактабиён, навиштани иншо дар мавзӯи интихоби касб бо унвонҳои “Ба як ҷавон чил ҳунар кам”. “Чӣ духтарест? Аз ҳар ангушташ ҳунар мерезад”.

**7.10. Такрори мавзӯи услубиёти забон.** У василаи ифодаи фикр – шифоҳӣ ва хаттӣ ва истифодаи онҳо дар услуби бадеӣ, рӯзноманигорӣ,илмӣ, коргузории расмӣ ва муошират. Меъёрҳои услубҳои ҷудогонаи забон.

**III. Мақсадҳо**: Сохт ва вазифаи матнро муайян кунад. Услубҳои забонро донад; меъёри услуби баёни таҳриршавандаро донад, мақсад, ба кӣ (адресант) ва ба кӣ равон шудани мундариҷаи матни услуби баёнро (адресатро) муайян намояд; аз рӯйи хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунанда матнҳоро гурӯҳбандӣ намояд; мавқеи воситаҳои матнсозиро муайян кунад; ба матнҳои таҳлилшаванда баҳо

диҳад ва онҳоро тағйир дода, таҳрир намояд; аз рӯйи қоидаҳои муқарраршуда матн созад, матнҳои тақриз, латифа, табрикнома ва мактубро таҳрир ва таҳия карда тавонад.

**III. Салоҳиятҳо:**

**III.1. Салоҳиятҳои забонӣ:**

Шинохтан ва аз матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла;

Шинохтан ва ҷудо карда тавонистани хелҳои ҷумлаи сода;

Шинохтан ва ҷудо кардани ҷумлаҳои мураккаб дар матн, пайвандакҳо дар ҷумлаи мураккаб, хелҳои ҷумлаи мураккаб.

**III.2. Салоҳиятҳои коммуникативӣ:**

Тағйир додан ва таҳия намудани матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матнҳои мусоҳиба, аннотатсия, тақриз, эссе, мактуб.

# ЗАМИМАҲО

**Замимаи 1.**

## ТАРТИБИ
## дафтардории хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**1.Муқаррароти умумӣ**

1.1 Тартиби мазкур дар асоси Стандарти давлатии таҳсилот умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастурамали вазифавии омӯзгорони фанҳои таълимӣ таҳия гардида, талаботи ягонаи дафтардориро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ба низом медарорад.

1.2 Дафтар дар раванди таълим ҷузъи асосии фаъолияти хонанда маҳсуб гардида, яке аз воситаҳои муҳими назорати иҷрои корҳои мустақилона, хаттӣ ва ҳусни хатти хонандагон мебошад.

1.3 Хонандагон бояд аз рӯйи ҳар як фанни таълимӣ, ки дар нақшаи таълим пешбинӣ шудааст, дафтар дошта бошанд.

**2. Миқдори дафтарҳои хонандагон**

2.1. Барои иҷрои корҳои хаттӣ хонандагон бояд аз фанҳои дорои теъдоди зерини дафтарҳо бошанд:

– аз фанҳои забони модарӣ дар синфҳои 1-4 ба миқдори 4 дафтар (ду дафтари корӣ, як дафтар барои корҳои санҷишӣ ва як дафтари машқи хат), дар синфҳои 5-9 ба миқдори 3 дафтар (ду дафтари корӣ ва як дафтар барои корҳои эҷодӣ – иншо, нақли хаттӣ ва диктант), дар синфҳои 10-11 ба миқдори 2 дафтари корӣ;

– аз фанни адабиёт дар синфҳои 5-9 ва 10-11 ба миқдори 2 дафтар (як дафтар барои луғатомӯзӣ, ёддошти шоҳбайтҳо, санаҳои муҳими таърихию адабӣ ва як дафтар барои навиштани иншо ва дигар корҳои эҷодӣ).

– аз фанни математика дар синфҳои 1-6 ба миқдори 3 дафтари корӣ ва дар синфҳои 7-11 ба миқдори 4 дафтар (ду дафтари корӣ барои алгебра як дафтар барои геометрия ва

як дафтар барои корҳои хаттӣ);

– аз фанни забони русӣ дар синфҳои 2-4 ду дафтари корӣ, дар синфҳои V-XI ба миқдори 3 дафтар (ду дафтари корӣ ва як дафтар барои нақли хаттӣ ва як дафтар барои нақли хаттӣ ва диктант);

– аз фанни забони давлатӣ барои синфҳои 2-11 ба миқдори 3 дафтар (ду дафтари корӣ ва як дафтар барои луғат);

– аз фанни забони хориҷӣ барои синфҳои 3-11 ба миқдори 4 дафтар (ду дафтари корӣ, як дафтар барои диктант, нақли хаттӣ ва як дафтар барои луғатомӯзӣ).

– аз фанҳои физика, химия ва биология, барои синфҳои 7-11 ба миқдори 2 дафтар (як дафтар барои корҳои синфӣ ва хонагӣ ва як дафтар барои корҳои лабораторӣ ва амалӣ, ки дар кабинети фаннӣ нигоҳ дошта мешавад);

Ҳамчунин, аз фанҳои дигари таълимӣ дар синфҳо якдафтарӣ ташкил карда мешавад (ба истиснои тарбияи ҷисмонӣ).

**3. Тартиби истифодаи дафтар аз ҷониби хонандагон**

3.1. Тамоми қайдҳо дар дафтари хонандагон бояд босаводона, бо хатти зебо ва фаҳмо навишта шаванд.

3.2. Дар рӯйи дафтар дар тарзи навишт бояд талаботи ягона риоя шавад. Дафтар барои кадом фан муқаррар карда шудааст (дафтари барои фанни забони модарӣ, барои математика, ё дафтар барои корҳои лабораторӣ барои фанни физика ва ғ.), синф, рақам ва ному нишонии муассисаи таҳсилоти умумӣ, ному насаби хонанда дарҷ гардад.

3.3. Тавсия дода мешавад, ки рӯйи дафтари хонандагони синфҳои 1-4 ва V-XI ба таври зерин пур карда шавад:

| | |
|---|---|
| Дафтари № 1(2) барои фанни забони модарӣ (ва ё математика) аз они хонандаи синфи 2 муассисаи таҳсилоти умумии № 8-уми шаҳри Душанбе<br>Каримзода Таҳмина | Дафтар барои луғат ва қайдҳо аз фанни адабиёти тоҷик аз они хонандаи синфи 10 муассисаи таҳсилоти умумии рақами 31-и ноҳияи Вахш<br>Нозимзода Эраҷ |

Тетрадь №1(2) для работы по
русскому языку ученицы (ка)
8 класса общеобразовательного
учреждения № 43 города Душанбе
Азизи Хуршед

3.4. Агар дар муассисаи таълимӣ синфҳои мувозӣ( паралелӣ) бошанд, дар рӯйи дафтар пас аз рақами синф дар нохунак бо ҳарфҳои хурди алифбо ишора карда мешавад ( 7 «а», 4 «б», 2 «г»).

3.5. Рӯйи дафтари хонандагони синфи 1-ум танҳо аз тарафи омӯзгор пур карда мешавад.

3.6. Дафтарҳои забонҳои давлатӣ, русӣ ва хориҷӣ бо забонҳои омӯхташаванда пур карда мешавад.

3.7. Ҳудуди сатҳи болоӣ ва ҳошияҳо бояд риоя карда шавад.

3.8. Таърихи иҷрои кор бо рақам нишон дода мешавад (масалан, 10.09.2016). Дар дафтарҳои забони модарӣ, давлатӣ, русӣ ва хориҷӣ таърихи рӯз ва моҳ бо калимаҳо навишта мешавад ( Масалан, даҳуми март).

3.9. Дар дафтар номи мавзӯъ пас аз таърихи рӯз дар сатри алоҳида навишта мешавад. (Масалан: ҷумлаҳои чидааъзо, қоидаҳои имло ва ғ.) Инчунин вазифаҳо, тарзи кор, ҷойи иҷрои кор нишон дода мешавад (Масалан: машқи 4, конспект, ҷавоб ба саволҳо, кори синфӣ ва ё вазифаи хонагӣ).

3.10. Хонандагон бояд навиштани матни ҳар як кори навро дар ҳамон саҳифаи дафтар, ки таърихи рӯз ва мавзӯи дарс қайд карда шудааст, бо риояи ҳошияи дафтар ва хатти сурх оғоз намояд. Дар ҳошияи дафтар пас аз хатти сурх навиштан манъ аст. Танҳо дар синфҳои 10-11 ҳангоми навиштани лексия хонандагон метавонанд, дар ҳошияи дафтар баъзе санаҳои муҳимро қайд намоянд.

3.11. Дар дафтарҳои забони модарӣ дар байни таърихи рӯзу сарлавҳа ва байни сарлавҳаю матн ягон хат партофта намешавад. Дар дафтарҳои математика бошад, дар ҳолатҳои зикршуда ду катакча партофта мешавад.

3.12.Бо мақсади ҷудо кардани кор аз кори дигар ва барои

шуда дар байни хати охири матни як кори хаттӣ, таърихи рӯз ва ё срлавҳа (номи шакли кор) кори минбаъда дар дафтарҳои забони модарӣ ду хат, дар дафтарҳои математика бошад, 4 катакча партофта мешавад.

3.13. Қайдҳо, нақшаҳо, аломату ишораҳои шартӣ бояд бо ранги сурх навишта шаванд.

3.14. Ғалатҳо бояд ба таври зайл бартараф карда шаванд: ҳарф ё аломати китобатии хато навишташуда бо хатти каҷ ишора мешавад, қисми калима ё калимаи пурра ва ҷумла бо хатти борики уфуқӣ, дар ҷойи хатзадашуда ҳарфҳои зарурӣ, калима ё ҷумлаи дуруст навишта мешавад. Навиштаҷоти нодуруст дар қавс гирифта намешаванд.

3.15. дар дафтари корҳои хаттии санҷишӣ, амалӣ ва лабораторӣ дуқалама навиштан, хат задан ва ислоҳ даровардан манъ буда, навиштан танҳо бо як ранг (бунафш) иҷозат дода мешавад.

**4. Тартиби санҷиши корҳои хаттӣ аз ҷониби омӯзгор**

4.1. Дафтари хонандагон, ки дар онҳо корҳои синфӣ ва вазифаҳои хонагӣ иҷро карда мешаванд, бояд пайваста санҷида шаванд. Санҷиши дафтарҳои хонандагон чунин ба роҳ монда мешаванд:

- Дафтари хонандагони синфҳои 1-4 аз ҳамаи фанҳои таълимӣ (ба истиснои тарбияи ҷисмонӣ) пас аз ҳар дарс санҷида мешавад. Дар синфҳои 5-9 ҳафтае на кам аз ду маротиба, дар синфҳои 10-11 бошад, ҳар ҳафта як маротиба. Дафтари хонандагони сустхон пас аз ҳар як дарс санҷида мешавад;
- Аз фанни адабиёт дар синфҳои 5-9 ҳар моҳ на камтар аз ду маротиба ва дар синфҳои 10-11 ҳар моҳ на камтар аз як маротиба санҷида мешавад;
- Ҳамаи навъи корҳои хаттӣ, аз ҷумла иншоҳои хонандагон санҷида шуда, баҳо гузошта мешавад.

4.2. Диктант, нақли хаттӣ, иншо аз забони модарӣ, давлатӣ, русӣ, хориҷӣ, инчунин дигар навъи корҳои

санҷишию лабораторӣ пурра санҷида мешаванд.

4.3. Санҷиши корҳои хаттӣ ва санҷишии хонандагон бояд дар мuҳлатҳои зерин анҷом дода шавад:

- корҳои санҷишию хаттӣ аз фанҳои забони модарӣ, давлатӣ, русӣ, хориҷӣ ва математика дар синфҳои ибтидоӣ бояд то дарси оянда санҷида шуда, ба хонандагон баргардонида шаванд. Дар синфҳои 5-9 бошад, ин амал бояд дар давоми 4 рӯз ба анҷом расонида шуда, ба хонандагон баргардонида шаванд.

4.4. Муҳлати санҷиши иншо дар синфҳои 5-8 як ҳафта, дар синфҳои 10-11 бошад, то даҳ рӯз муқаррар карда мешавад.

4.5. Корҳои санҷишӣ аз фанҳои математика, корҳои лабораторӣ ва амалӣ аз химия, физика ва биология дар синфҳои 10-11 бояд то дарси оянда санҷида шаванд.

4.6.Корҳои санҷидашуда аз тарафи омӯзгор ба тариқи зайл ислоҳ ва қад карда мешаванд:

- I – ғалатҳои имлоӣ;
- V –ғалатҳои аломати китобат;
- ~~ - ғалатҳои услубӣ;
- { } – калима ё ибораи зиёдатӣ;
- V- партофта шудани калима;
- v – партофта шудани ҳарф;
- Z – нагузоштани сархат;
- LП – риоя нашудани пайдарпайии ҳарфҳои калима;
- I – якҷоя навиштани калима;
- X – ҷудо навиштани калима;
- ? – саҳеҳ набудани санаҳои таърихӣ;
- ! – ҷаззобии сухан, ифоданокии андеша ва ҳусни баён.

4.7. Ҳангоми санҷиши дафтарҳои забони модарӣ ва математика дар синфҳои 1-4 омӯзгор ғалатҳои имлоӣ, рақам ва аломатҳои математикиро нишон дода, дар боло ҳарфи дуруст ва ё натиҷаи дурусти амалҳои математикиро менависад. Ҳангоми ислоҳи аломатҳои китобат аломатҳои

исти нодаркорро хат зада, аломати дурусти ист гузошта мешавад. Дар ҳошияи дафтар омӯзгор ғалатҳои грамматикиро ба ҳарфи “г” қайд мекунад.

4.9. Омӯзгор ҳангоми санҷиши дафтари хонагӣ ва корҳои хаттӣ аз забони модарӣ ва математика ғалатҳоро дар ҳошияи дафтар нишон медиҳад ва онҳоро баъдан худи хонанда ислоҳ менамояд. Аз забони давлатӣ, русӣ ва хориҷӣ дар синфҳои 2-11 омӯзгор ғалатҳои хонандаро худаш ислоҳ мекунад.

4.10. Ғалатҳо аз ҷониби омӯзгор танҳо бо ранги сурх ислоҳ мешаванд.

4.11. Омӯзгор ҳангоми санҷидани нақли хаттӣ ва ё иншо навъ ва теъдоди ғалатҳоро ҳисоб карда, нишон медиҳад. Чунончи: 2 ғалати имлоӣ, 4 ғалати китобат ва 1 ғалати услубӣ.

4.12. Баҳои хонанда пас аз ҳисоб кардани ғалатҳо тибқи тартиби муқarrаргрардидаи баҳогузорӣ гузошта мешавад.

4.13. Корҳои мустақилонаи хаттӣ низ баҳогузорӣ карда шуда, баҳои гирифтаи хонанда дар журнали синф гузаронида мешавад.

4.14. Дар синфҳои 2-11 тамоми корҳои эҷодӣ санҷида баҳогузорӣ шуда, бо салоҳияти омӯзгор баҳои корҳои нисбатан беҳтару аҳамиятнок дар журнали синфӣ гузаронида мешаванд.

4.15. Пас аз тафтиши корҳои хаттӣ ба хонандагон иҷрои машқҳое дода мешавад, ки ба бартараф намудани ғалатҳои содиршуда мусоидат менамоянд.

4.16. Дафтарҳои даврӣ (корӣ) ва дафтарҳои корҳои хаттии хонандагон (диктант, нақли хаттӣ, иншо, санҷиш, корҳои лабораторӣ ва амалӣ) то охири сол дар кабинетҳои фаннӣ нигоҳ дошта мешаванд.

***Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.03.2016, № 4/26 тасдиқ шудааст***

**Замимаи 2**.

# ДАР БОРАИ САНҶИШИ ДАФТАРҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКИИ СИНФҲОИ V – XI

Санҷиши дафтарҳои забони тоҷикии синфҳои V-XI талаб мекунад, ки:

- дар синфҳои V – VII ҳамаи корҳои санҷишӣ ва таълимии хонандагон санҷида шаванд;
- аз синфи V то XI фақат корҳои санҷишӣ ва нақлу иншоҳои таълимӣ санҷида шаванд;
- корҳои боқимондае, ки хонандагони синфҳои V– XI анҷом медиҳанд, интихобан санҷида мешаванд. Омӯзгор дафтарҳои хонандагони сустхонро пурра ва бачагони аълохонро баъзан месанҷад.

Возеҳ аст, ки ҳар як хонанда аз забони тоҷикӣ ду дафтар дорад. Бо навбат онҳоро омӯзгор месанҷад. Вале барои диктантҳои санҷишию иншоҳо дафтарҳои алоҳида бояд бошад:

- дар синфи V – IX натиҷа - баҳои диктантҳои санҷиш дар дарси навбатӣ эълон мешавад, нақлу иншо баъди се - чор рӯз;
- дар синфҳои VII – XI иншои синфӣ дар тӯли 5-7 рӯз санҷида шуда, натиҷаи онҳо эълон мегардад.

Бинобар ин, дар ҳамаи синфҳо хонандагон барои нақлу иншо ва корҳои санҷишӣ (диктанту нақлу иншоҳо) дафтарҳои алоҳида дошта бошанд. Тарзи нишон додани ғалатҳо гуногун аст, дар синфҳои 5 пурра ғалатҳо ислоҳ карда шаванд. Дар дигар синфҳо зерашон хат кашида шавад, то худи хонандагон ислоҳ кунанд.

**Эзоҳ:** дар дафтарҳои хонандагони суст беҳтар аст, ки ғалатҳо ислоҳ карда шаванд. Дар иншо ва нақлҳо теъдоди ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва китобат зикр карда мешаванд. Дар иншоҳои хатмкунӣ тақризи муфассал навишта, баҳо асоснок карда мешавад. Дар иншою нақлҳои суст дар раванди таълим тақризҳои муфассал лозим аст, то ки хонанда дар оянда диққати худро барои ислоҳи он нуқсонҳои кор равона созад.

**Меъёри баҳо ба дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагони синфҳои V – XI**

Меъёри баҳо талаботи ягонаро ба донишу маҳорат ва малакаи хонандагон пешниҳод мекунад:

Дар меъёр омадааст:

- меъёри ягонаи баҳои дониши шифоҳӣ ва хаттӣ аз забони тоҷикӣ (дониши имлоӣ, китобат, тарзи баён, мазмуни баён);
- меъёри ягонаи баҳо ба донишу маҳорат ва малака;
- ҳаҷми навъҳои гуногуни кори санҷишӣ;
- миқдори баҳо ба навъҳои гуногуни корҳои санҷишӣ.

Дар дарсҳои забони тоҷикӣ санҷида мешаванд:

- маълумоти оид ба забон гирифта;
- малакаи имлоӣ ва китобат;
- маҳоратҳои нутқ.

**I. Баҳо ба ҷавобҳои шифоҳии хонандагон**

Пурсиши шифоҳӣ яке аз усулҳои асосии баҳисобгирии дониши хонандагон аз забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Ҷавоби хонанда бояд мураттабу мантиқан дуруст бошад, маҳорати дар мавриди муайян истифода бурда тавонистани таърифу қоидаҳоро нишон диҳад. Ҳангоми баҳо додан ба ҷавоби шифоҳии хонандагон чунин меъёрҳо ба ҳисоб гирифта мешавад:

- мукаммалӣ ва дурустии ҷавоб;
- дараҷаи фаҳмиш ва дарки маводи омӯхташуда;
- тарзи баён.

Баҳои «5» ҳамон вақт гузошта мешавад, ки агар хонанда:

а) мавзӯи омӯхтаашро пурра баён кунад, доир ба мафҳумҳои забонӣ маълумоти саҳеҳ диҳад;

б) мавзӯъро хуб дониста, фикри худро бо мисолҳо асоснок намояд;

в) тарзи баёнаш мураттаб буда, ба меъёри забони адабӣ мувофиқат кунад.

<u>Баҳои «4»</u> он гоҳ гузошта мешавад, ки агар хонанда дар

ҷавоб ҳамаи талаботи барои баҳои «5» пешниҳодшударо қонеъ гардонад, вале як - ду ғалат содир намуда, худаш ислоҳ кунад ва дар мураттабии баён ба 1 - 2 ғалат роҳ диҳад.

Баҳои «3» он гоҳ гузошта мешавад, ки агар хонанда:

а) маводро нопурра баён сохта, маҳфумҳо ва қоидаҳоро дақиқ
маънидод накунад;

б) мулоҳизаҳои худро асоснок карда натавониста, дар бобати аз худ овардани мисолҳо душворӣ кашад;

в) мавзӯъро номураттаб баён карда, тарзи баёнаш ғалатҳо дошта бошад.

Баҳои «2» ҳамон вақт гузошта мешавад, ки агар хонанда қисми зиёди мавзӯи омӯхташудаи фаслеро надонад, дар шарҳи мафҳум ва маънидоди қоида ғалат содир кунад, моҳияти масъаларо нодуруст шарҳ диҳад ва тарзи баёнаш номураттабу нобоварона бошад.

Баҳои «1» он гоҳ гузошта мешавад, ки маводро комилан надонистани хонанда аниқу равшан гардад. Баҳо ба хонанда на фақат барои ҷавоби яклаҳзаина, балки ҳамчун ҷамъбаст барои ҳамаи ҷавобҳои дар рафти дарс додааш гузошта мешавад.

**II. Миқдори корҳои хаттӣ**

Тавсия мешавад, ки миқдори корҳои хаттии санҷишӣ аз забони тоҷикӣ ба нишондоди зерин мувофиқат кунад:

| Синфҳо | V | VI | VII | VIII | IX | X | XI |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Миқдори корҳои санҷишӣ (дар давоми соли таҳсил) | 12 | 10 | 8 | 8 | 6 | 2 | 2 |

1. Тафтиши корҳои хаттии санҷишӣ аз тарафи омӯзгорон дар муддатҳои зерин гузаронида мешавад:

а) диктантҳои санҷишӣ то дарси оянда санҷида мешаванд;

б) нақли хаттӣ ва иншо дар синфҳои V-IX дар муддати як ҳафта санҷида мешавад;

в) иншоҳо дар синфҳои X-XI дар муддати 10 рӯз санҷида мешаванд.

Дар корҳои санҷидашудаи забони тоҷикӣ омӯзгор қоидаҳои зеринро ба инобат гирифта, ҳамаи ғалатҳоро ислоҳ менамояд:

а) ҳангоми ислоҳи ғалатҳои китобат аломати нодаркор хат зада шуда, аломати лозима гузошта мешавад;

б) ҳангоми ислоҳи ғалатҳои имлоӣ дар синфҳои X-XI омӯзгор ба зери ғалатҳо хат кашида, дар ҳошияи дафтар ишора мекунад, то ки худи хонандагон ислоҳ кунанд;

в) ҳангоми санҷиши корҳои хаттӣ омӯзгор дар ҳошияи дафтар бо аломатҳои муайян ғалатҳоро нишон медиҳад;

г) ҳангоми санҷиши нақли хаттӣ ва иншо ҳамаи ғалатҳо - имлоӣ, китобат ва услубӣ нишон дода мешаванд;

ғ) диктант, нақли хаттӣ ва иншоро санҷида, омӯзгор ҳар як намуди ғалат (имлоӣ, китобат ва услубӣ)-ро ба ҳисоб мегирад ва зикр мекунад. Дар диктант ғалатҳои имлоӣ дар сурат ва ғалатҳои китобат дар махраҷ нишон дода мешаванд. Дар нақли хаттӣ ва иншо миқдори ғалатҳои имлоӣ, китобат ва услубӣ нишон дода шуда, баъд аз шумоmembers хатоҳо аз рӯйи қоидаи муқарраршуда баҳо гузошта мешавад;

д) ба ҳамаи корҳои хаттии санҷидашуда омӯзгор баҳо мегузорад. Ҳамаи ин баҳои корҳои хаттӣ ба дафтари синф гузаронида мешавад. Ба дафтари ҳозирӣ (журнали синф) гузаронидани баҳои корҳои хаттии таълимӣ ба салоҳдиди худи омӯзгор вобаста аст.

Ҳангоми ба корҳои хаттии хонандагон баҳо додан омӯзгор меъёри баҳогузорӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагонро ба эътибор мегирад.

**III. Баҳо ба диктант**

Диктант яке аз навъҳои асосии санҷиши дониш доир ба имло ва аломатҳои китобат ба ҳисоб меравад. Барои гузаронидани диктант аз матнҳое истифода бояд бурд, ки ба меъёри забони адабӣ ҷавоб диҳанду аз лиҳози мазмун ба хонандагон дастрасанд. Ҳаҷми диктант аз ҷиҳати миқдори калима ба таври зайл муқаррар шудааст:

| Синфҳо | Миқдори калимаи диктант | Ҳаҷми диктанти луғавӣ |
|---|---|---|
| V | 100-110 | 10-15 |
| VI | 110-120 | 15-20 |
| VII | 120-130 | 20-25 |

| | | |
|---|---|---|
| VIII | 130-140 | 25-30 |
| IX | 140-160 | 30-40 |
| X | 160-190 | 40-50 |
| XI | 180-200 | 50-65 |

**Эзоҳ**: Ёридиҳандаҳо (пешоянду пайвандак) низ ба миқдори умумии калимаҳои диктант дохил мешаванд.

Диктанте, ки ҳадафи он санҷиши дониши хонандагон аз рӯйи мавзӯи муайян бошад, бояд орфограммаҳои асосии мавзӯъро фаро бигирад ва ҳамчунин малакаи пештар ҳосилкардаи ононро мустаҳкам намояд. Тавассути диктанти ҷамъбастӣ, ки дар охири чоряк ва ё соли таҳсил сурат мегирад, маъмулан дониши хонандагон аз тамоми мавзӯъҳои омӯхташуда санҷида мешавад.

Барои диктантҳои санҷишӣ матнеро бояд интихоб кард, ки дорои миқдори зарурии ҳар як намуди орфограмма ва пунктограмма (онҳо дар 2-3 маврид вомехӯранд) бошад.

| Синфҳо | Миқдори орфограмма | Миқдори пунктограмма |
|---|---|---|
| V | 12 | 2-3 |
| VI | 16 | 3-4 |
| VII | 20 | 4-5 |
| VIII | 24 | 5-7 |
| IX | 24 | 7-10 |
| X | 28 | 9-12 |
| XI | 30 | **12-15** |

Дар матни диктанти санҷишӣ омӯзгор метавонад танҳо он орфограммаеро дохил кунад, ки ба таври лозима омӯхта шудааст (дар ду -се дарси минбаъда бо роҳи такрор дониши хонанда мустаҳкам карда шудааст). Дар диктант бояд: дар синфи V - 5 калима, дар синфҳои VI-VII 7 - 9 калима, дар синфҳои VIII - IX 9 - 10 калима, дар синфҳои X - XI 10 -12 калима, ки имлояшон душвор асту онҳоро хонанда махсус омӯхтааст, вохӯранд.

То охири чоряки якум хаҷми диктант, тавре ки барои синфи пеш пешниҳод шуда буд, боқӣ мемонад.

Ҳангоми баҳогузорӣ ба диктант дар мавридҳои зерин ғалатҳои имлоӣ ва китобати он ислоҳ ва ишора шавад ҳам, хамчун хато ба ҳисоб гирифта намешаванд:

- дар мавриди ба сатри дигар гузаронидани ҳиссаи

калима;

- дар қоидаҳое, ки барномаи таълим омӯзиши онро пешниҳод накардааст;

- дар қоидае, ки ҳанӯз омӯхта нашудааст;

- дар аломати китобате, ки ба сухани муаллиф марбут аст.

Ҳангоми баҳогузорӣ ба диктант хусусиятҳои ғалатро низ ба ҳисоб бояд гирифт. Ғалатҳои саҳлро, ки ба саводнокӣ чандон таъсир намерасонанд, ҷудо кардан лозим аст:

- аз қоида истисно бошад;

- дар якҷоя ва ё ҷудо навиштани пешванд бо зарф, ки имлои он тавассути қоида ба низом надаромадааст;

- дар исмҳои хоси ғайритоҷикӣ ва ғайраҳо.

Шарт ва зарур аст, ки ғалатҳои такроршаванда ва якнавохт ба ҳисоб гирифта шаванд. Агар ғалат дар як калима ва ё як реша чандин бор такрор ёбад, ҳамааш як ғалат ҳисобида мешавад.

**Эзоҳ:** Панҷ ғалатиислоҳшудаи якхела дар диктанти санҷишӣ як ғалат ҳисоб карда мешавад ва баҳо ба миқдори як хол паст мегардад. Агар дар диктант аз сеислоҳ зиёд бошад, баҳои «5» гузошта намешавад.

Ба диктант як баҳо гузошта мешавад. Баҳои «5» ба диктанте гузошта мешавад, ки ғалат надошта бошад. Дар сурати мавҷудияти як ғалати саҳли имло ва китобат баҳои «5» мондан мумкин аст.

Баҳои «4» ҳамон вақт гузошта мешавад, ки дар диктант ду ғалати имлоӣ ва ду ғалати китобат, ё як имлоию се китобат ва ё чор ғалати китобат бошад. Ин баҳоро ба диктанте, ки се ғалати имлоии якхела дорад, гузоштан мумкин аст.

Баҳои «3» ба диктанте гузошта мешавад, ки чор ғалати имлоӣ ва чор ғалати китобат, ё се имлоию панҷ китобат, ё ҳафт китобат дошта бошад.

Баҳои «2» ба диктанте гузошта мешавад, ки панҷ ғалати имлоию панҷ китобат, ё чор ғалати имлоию шаш китобат, се ғалати имлоию ҳафт китобат ва ё ду ғалати имлоию ҳашт китобат дошта бошад.

Баҳои «1» ба диктанте гузошта мешавад, ки ғалатҳо аз миқдори ғалатҳои баҳои «2» зиёд бошанд.

Ба диктантҳое, ки супоришҳои иловагӣ (фонетикӣ,

имлоӣ, луғавӣ, грамматикӣ) доранд, ду баҳо гузошта мешавад.

Ҳангоми баҳогузорӣ ба супоришҳои иловагӣ аз рӯйи тавсияҳои зерин амал кардан лозим аст:

Баҳои «5»: агар ҳамаи супориш дуруст иҷро шуда бошад;

Баҳои «4»: агар 3/4 қисми супориш дуруст иҷро шуда бошад;

Баҳои «3»: агар қисми супориши дуруст иҷрошуда 1/2 - ро ташкил диҳад;

Баҳои «2»: аз нисф зиёди супориш иҷро нашуда бошад.

Баҳои «1»: супориш тамоман иҷро нашуда бошад.

**Эзоҳ**: Ғалатҳои имлоӣ ва китобат, ки ҳангоми иҷрои супориши иловагӣ содир шудаанд, дар вақти баровардани баҳои диктант ба назар гирифта мешаванд.

Ҳангоми баҳогузорӣ ба диктанти луғавии санҷишӣ тавсияҳои зерин ба ҳисоб гирифта шавад:

Баҳои «5» ба диктанте гузошта мешавад, ки ягон ғалат надорад: Баҳои «4» ба диктанте гузошта мешавад, ки 1-2 ғалат дорад. Баҳои «3» ба диктанте гузошта мешавад, ки 3 - 4 ғалат дорад.

Баҳои «2» ба диктанте гузошта мешавад, ки то 7 ғалат дорад.

Баҳои «1» ба диктанте гузошта мешавад, ки миқдори ғалат аз 7 – то зиёд бошад.

### IV. Баҳо ба нақлу иншо

Тавассути нақл ва иншо маҳорати дуруст ва мураттаб баён кардани фикр, дараҷаи пешравии нутқи хонандагон санҷида мешавад. Нақлу иншо дар синфҳои V - XI мутобиқи талаботи сандарт ва барнома сурат мегирад.

Ҳаҷми намунавии нақли муфассал ба ин тариқ аст:

| Синфҳо | Миқдори калима |
|---|---|
| V | 100-150 |
| VI | 150-200 |
| VII | 200-250 |
| VIII | 250-350 |
| IX | 350-450 |
| X | 450-550 |
| XI | 550-650 |

Ҳаҷми нақли муфассали санҷиши ҷамъбастиро дар синфҳои V - XI метавон 50 - калимагӣ зиёд кард, зеро дар ин

дарсҳо корҳои омодагӣ гузаронида мешаванд.

Ҳаҷми намунавии иншоҳои дар синф иҷрошаванда ба тариқи зайл тавсия мегардад:

| Синфҳо | Саҳифа |
|---|---|
| V | 0,5 -1,0 саҳ |
| VI | 1,0-1,5 саҳ |
| VII | 1,5 -2,0 саҳ |
| VIII | 2,0 - 2,5 саҳ |
| IX | 2,5 - 3,0 саҳ |
| X | 3,0 - 3,5 саҳ |
| XI | 4,5-5,0 саҳ |

Ҳаҷми иншои яксоата чунин аст:

| Синфҳо | Миқдори калима |
|---|---|
| V | 100 |
| VI | 130 |
| VII | 150 |
| VIII | 170 |
| IX | 200 |
| X | 220 |
| XI | 250 |

1. Ба воситаи нақлу иншо мазмунро дуруст баён карда тавонистани хонанда ва риояи меъёри забону қоидаи навишт ва истифодаи воситаҳои забонӣ мутобиқи услуб санҷида мешавад. Ба ҳар як нақл ва иншо ду баҳо гузошта мешавад: ба мазмун ва тарзи баён ва барои саводнокӣ. Ҳар ду баҳо ба забони тоҷикӣ тааллуқ дорад, ба истисноии ҳолатҳое, ки дониши хонандагон аз адабиёт санҷида шавад. Дар ин сурат баҳои якум (барои мазмуну тарзи баён) ба адабиёт мансуб аст. Ба мазмуни нақлу иншо аз рӯйи меъёри зерин баҳо гузошта мешавад:

- мувофиқати баён ба мавзӯъ;
- шарҳи пурраи мавзӯъ;
- далелнокии баён;
- дурустии маводи ҳақиқӣ;
- мураттабии баён.

Ҳангоми аз лиҳози забонӣ ба нақлу иншо баҳо додан ба ҳисоб гирифта мешавад:

- рангорангии луғат ва сохти грамматикии нутқ;
- ягонагии услуб ва ифоданокии нутқ;
- теъдоди ғалатҳо.

Ба саводнокӣ аз руйи микдори ғалатҳои имлоӣ, китобат ва грамматикӣ баҳо гузошта мешавад.

**Эзоҳ:**

1. Ҳангоми баҳо додан ба иншо мустақилият, муҳокимаронии ҳои
шахсии хонанда ба ҳисоб гирифта мешавад. Мавҷудияти фикрҳои ҷолибу тоза ва татбиқи амалии онҳо дар иншо имкон медиҳад, ки баҳо 1 хол баланд карда шавад.

2. Агар мавзӯъ ҳаматарафа ҳалли худро наёфта бошад, баҳои аввал мусбат буда наметавонад, бо вуҷуди он ки аз дигар ҷиҳатҳо қаноатбахш аст.

3. Ғалатҳои якхелаву саҳл ва ислоҳи худи хонандагон ба баҳои иншою нақл мисли меъёри баҳо ба диктант аст.

4. Талабот ба корҳои таълимӣ (машқҳои гуногун ва диктантҳои хусусияти санҷишӣ надошта) нисбат ба корҳои санҷишӣ ҷиддитар аст. Баҳои «5» ва «4» дар ҳолате гузошта мешавад, ки хонанда ягон ғалат содир накардааст ва агар ғалате бошад, онро худаш ислоҳ кардааст.

5. Баҳои ҷамъбастӣ аз рӯйи баҳоҳои миёнаи арифметикӣ гузошта намешавад. Ҳангоми баҳои ҷамъбастӣ гузоштан дониши ҳозираи хонанда ба ҳисоб гирифта мешавад.

# МУНДАРИҶА

**Муқаддима……………………………………………………………5**
**I. Муқаррароти умумӣ…………………………………………………-**
**1.1. Мафҳумҳои асосӣ……………………………………………………6**
**1.2. Соҳаи истифодаи стандарти фанни «Забони тоҷикӣ» барои синфи V-XI……………………………………………………8**
**1.3. Заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ……………………………………………9**
**1.4. Принсипҳои асосӣ дар таҳияи Стандарти фанни «Забони тоҷикӣ» барои синфҳои V-XI…………………………………………………10**
**1.5. Мақсад ва вазифаҳои Стандарти фанни «Забони тоҷикӣ» барои синфҳои V-XI…………………………………………………11**
**2. Талаботи асосии стандарти фанни забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI…………………………………………………14**
**2.1. Салоҳиятҳои умумитаълимии фанни забони тоҷикӣ……………..-**
**2.2. Салоҳиятҳои фанни «Забони тоҷикӣ»……………………………32**
**2.2.1. Салоҳиятҳои фанни «Забони тоҷикӣ» барои синфи V……….-**
**2.2.2. Салоҳиятҳои фанни «Забони тоҷикӣ» барои синфи VI………37**
**2.2.3. Салоҳиятҳои фанни «Забони тоҷикӣ» барои синфи VII………40**
**2.2.4. Салоҳиятҳои фанни «Забони тоҷикӣ» барои синфи VIII………43**
**2.2.5. Салоҳиятҳои фанни «Забони тоҷикӣ» барои синфи IX………46**
**2.2.6. Салоҳиятҳои фанни «Забони тоҷикӣ» барои синфи X…………48**
**2.2.7. Салоҳиятҳои фанни «Забони тоҷикӣ» барои синфи XI…… ….55**
**3. Марҳилаи ташаккули салоҳиятҳо…………………………………58**
**3.1. Шарҳи масъалаҳои умумӣ…………………………………………… -**
**3.2.МАРҲИЛАҲОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КОММУНИКАТИВӢ (ИРТИБОТӢ)…………………………..67**
**3.3. Роҳҳои мураккабшавии салоҳияти коммуникативӣ……………..74**
**3.4. Зерсалоҳиятҳои асосӣ ҳангоми кор бо салоҳиятҳои коммуникативӣ…………………………………………………………75**
**3.5.Имконияти таълими ҳамгирои салоҳиятҳои коммуникативӣ ва забонӣ ……………………………………………………………78**
**3.6. Муносибат ба баҳодиҳӣ дар чорчӯбаи стандартҳои нав……….79**
**4.БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БАРОИ СИНФҲОИ V-XI......................................................79**
**ЗАМИМАҲО..........................................................................136**

# СТАНДАРТ
# ВА БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
# БАРОИ СИНФҲОИ V-XI

Муҳаррир   Иматшоев Ҷ.
Муҳаррири техникӣ   И. Бобоев
Тарроҳ  Э. Қодиров

Ба матбаа 14 январи соли 2018 супорида шуд. Ба чопаш 14 феврали соли 2018 имзо шуд. Андозаи 60x84  1/16. Супориши 02/18. Адади нашр 4000 нусха

Дар матбааи ҶДММ “Душанбе-принт” чоп шудааст.
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 128/1